**Антон ЧЕХУФ**



# ЗЕБОӢ

*(Ҳикояҳо)*

**Тарҷумон: Обид Шакурзода**

# МАРДИ ТАНҲОРО ҲАМА ҶО БОДИЯ АСТ

Антон ЧЕХУФ бо панҷ бародару як хоҳар, аз хонаводаи як баққоли камҳол, дар муҳити беҳуқуқии Русияи подшоҳӣ, ҳанӯз аз наврасӣ бо фақру ранҷи муҳтоҷӣ, аммо бо умеди саъодати инсонӣ заҳамоти хастанопазири мондагор кашид. Муҳити ӯ тимсоли бешае буд, ки гурги ҳирсу нафсу истисмор ҳама омолу ормони ситудании башарро беамон сайд мекард. Дар ин фазо инсон ба сурат инсон менамуд, дар сират – ба фармудаи ҳазрати Мирзо Бедил, бӯзинае гашта буд маҳви таманно ба куни сурхи худ, балки харгӯшсифат тарсу, рӯбаҳмиҷоз бо макру ҳила, кафторосо ифлосу ғажд, хӯктабъи бандии нафсу шаҳват, морафгори каҷраву каҷкирдор, каждумхӯйи мудом ба захр задан тайёру...ва бадтар аз ин ҷонзодҳои бешуъур буд. Ин муҳит беамону беваҷфа аз хурд то калон, бар тору пӯди ҷумла одамон нохуни заҷру зулм мезад: навзоди маъсумеро, ки бояд аз лаҳзаҳои нахуст баҳри зиндагии озоду ободу ормонӣ гом бардорад ва ё модари мушфиқеро, ки бо нозу фараҳ аз бахту иқболи фарзанд биболад, ё хоҳару бародари ҷонпайвандеро ки бо хоҳарию бародарӣ дарвозаҳои тозаи эҳсону накӯиро боз намояд, падари ҷафокашеро, ки аз нашъати заҳамоти рӯзафзуни хеш дар гармову сармо ҷону руҳи тоза бозёбад, ҳамчун барда нотавону уфтода ва хору ҳақир сохта буд. Он низом низоми ҷонварони ҷангал буд – ҳар кӣ ҳоким буд, ӯ хоҷаву мавло буду азизу доро, ва аммо дигарон чокару нотавон, овора ва гадойи сарсони ин «мулки Доро».! Чунин қонуни беқонунӣ мувофиқу мутобиқ бо мароми гурӯҳи ҳоким дар раъси як сарвари мутлақу хонаводаи бебандубори ӯ бедод мекард. Марги он кишвар бод, ки низому қонунаш иродати як ҳокиму хонадони он бошад!

Ва дар миёни ин кураи ситам, Чехуф сарбаланд буд; дар наврасӣ сарсахтона кор кард, то касби маъош кунаду мояҳтоҷи худ ва аҳли оила, аз ҷумла падару модарро алоқадре таъмин бисозад. Ва низ ба таври мудовим таҳсили илм кард, то аз аҳли маърифати замона ақиб намонад. Пас аз хатми дабистон дар Маскав таҳсилоти олии пизишкиро ба поён расонд. Чехуф он гуна зеҳну истеъдоди худододие дошт, ки агар ба ҳар риштаи илму фанн руҷуъ мекард, бегумон,комёб мешуд ва навиштори пурҳикматаш гувоҳе аз заковату дониши беназири ӯ дар фунуни мухталиф аст. Аммо ӯ гӯиё адибу нависанда ба дунё омада буд, ки аз даҳсолагӣ нахустин таълифоташ рӯй нашрияҳо ғулғула афганд ва он озмудаҳои нахусти табъро баъдан бо андаке

вироиш, дубора орояи осори худ намуд. Чехов аз ҳамон ибтидо нобаробарию нобародарии давронро таҳаммул накард, нозири бетараф нагашт, балки ба исён омад. Исёни ӯ алайҳи ин ҳама шарру шӯр майдони адаб буд ва абзори набардаш қалами ростию коғази пок. Чехуф дар роҳи мавту маҳви ҷонҳо набуд, зеро ҳар инсон ба ин олам барои зиндагӣ кардан меояд, на барои кушта шудан! Аз ин рӯ, аз борони наврӯзии каломи ин суханвар боғи ҷонҳо парвариш меёфт, аз нафаси некаш мурдае аз ғам зинда мешуд. Ҳамасрон аз нахустин таълифоташ шефтаи шигирди шигарфу зебои ӯ шуданд, ки трожедиҳои айёмро дар чаҳорчӯби ҳикоёти кӯтоҳ ва дар қабои танзи зариф банду баст дод; заҳрхандаҳои ӯ дилхароштару риққатбортар аз ҳар трожедие менамуданд, ки то умқи қалбҳо шуоъ мекашид. Аз ин рӯ ҳар навиштаашро дубораву дубора мехонданд. Қалам барои ин адиби ҷонсӯзи мардумон василае гашт, ки бо афкори рангине ҳамчун мунодии баробарию бародарии инсоният ҷомеъаи таҳқирдидаву мазлуми хешро умеде ба ояндаи равшан диҳад. Барои чунин шахсияте ҳамчун Чехуф дидани беадолатиҳои бодавом, беҳуқуқии таҳаммулнопазири ҳамватанон, хонавайронии бепоёни одамон, ва низ ҳамчунон ин фаҷоеъро бо ҳама дарду алами ҷонкоҳ дар каломи бадеъ оростан, саҳлу сода набуд, он ҳам дар қолиби жанри нозуки ҳикоя. Чехуф месӯхту дар партави ин шуълаҳо қалам мекашид, то ҷомеъаро аз ин бумбасти зулмонӣ ба роҳи равшане барад. Ӯ агарчи сӯхт, аммо ахгар нашуд ва то тавоневу маҷоле дошт, ситезаҳӯийи инсони сармояро бо танзи ҷоншикори пурдарде неш зад, марҳаме ба қалбҳои реш ниҳод, ба ҷамъияти даврони худ бо гуфтору кирдор намоиш дод, ки инсон бошед, инсоне чун Антон Чехуф – ростгӯй, росткору накӯрой, хайрхоҳ, бо иҳсону бо имон, фақирпарвар, беозор ва безор аз истисмору чаридани инсон бар инсоне! Дар вуҷудаш заррае таъассуб набуд ва танҳо як орзу дошт ва он ин буд, ки мардум дар камоли озодӣ зиндагӣ кунанд. Чехуф маҳз бо ин ройу равиши ирфонӣ бишорат медод, ки паямбарон танҳо на барои маҳз Худо, Худо гуфтану шиъор додан омада буданд, паямбарон барои талқини мо омада буданд, ки мо инсонҳо – новобаста ба ирқу нажоду забону макону маҳал, ҳарҷо ки бошем – мазҳаре аз Худо бошем! Ва ҳар ҷо ки бошем, ҳамчун Худованд халлоқу хайрхоҳ, меҳрбону бахшанда, дилнавозу бениёз ва душмани фитнаву найрангу ҳар гуна тамаъу оз ва аммо ободгару сарфароз бошем.

Антон Чехуф бо он ки кӯҳи ғамеро аз дарди миллати худ бар дӯш дошт, хам назад, то охирин нафас дар баробари ёру ағёр ҳич гоҳ маҳзуну шикаста зоҳир нашуд. Чехуф дар ҳалқаи анбуҳи дӯстони бешумораш, гирифта аз олиму адибу корогаҳу муҳандис, то коргару майфурӯшу ҳаммомию аспдузду рӯспӣ, ҳамеша мувақкару хушҳолу самимӣ намоён шуд, – намоди як инсони боғурур ва ҷавонмарде шуҷоъ дар корзори адлу ифтихору шараф! Чехуф, ҳамин тавр, бо афкору осори ҷаҳонорояш, бо хӯйу хисоли беназири хосс ба худи ӯ дар ёди дӯстону ҳавохоҳон боқӣ монд, ки ҳар гоҳе ӯро ёдоварӣ кардаанд, аз ҷумла:

Антон Чехуф танҳо чиҳилучаҳор сол зиндагӣ кард, ки дар поёни нимаи умраш ба сил мубтало шуд ва аз ин беморӣ саранҷом даргузашт; аммо ӯ кореро анҷом дод, ки як инсони маъмулии солим дар даҳсолаҳо нахоҳад тавонист бианҷомад. Чехуф бист ҷилд асари насрии дар ҷаҳон маъруф таълиф намуд; Ӯ дар 25 соли таҷрибаи адабӣ, муваффақ ба эҷоди ҳудудан 900 асари хурду бузург шуд. Осораш ба беш аз сад забон баргардону нашр шуда ва низ беш аз 200 асараш ба рӯйи саҳнаи синемо рафтааст.

Антон Чехуф тавонист, ки «инқилобе дар адабийёт». барангезад.

Ба Чехуф унвони академикӣ дода шуд, ки ӯ радд кард; ин тасмими вай дар ҷомеъа бозтоби густардае ёфт.

Шаҳри Таганрог бо муҷассамаи Петри Аввал – шаҳрёри шарофатманду ростин ва сарвари зиёбахши Русияи андар бодлох фурӯрафта, ифтихор дорад, ки маҳз аз лутфи Антон Чехуф аст. Ӯ ҳукумати шаҳрро ба сохтани ин муҷассама водор кард.

Ҳангоме дар шаҳри Мелихов мезист, ҳазор андар ҳазор деҳқони хокпошу фақирро муфту ройгон табобат ва ба давою дору таъмин кард.

Дар замоне, ки вабо шуюъ карда буд, ҳамчун пизишк, ба танҳоӣ – бидуни дастёру рӯзи истироҳат, дар бистопанҷ деҳкада хастанопазир машғули тадовии беморон шуд.

Бо пули худ дар рустоҳо чаҳор мактаб, зангулахона, саройи сӯхторнишонӣ, роҳе дар маҳалли Лопасниё бунёд кард.

Нахустин муҷассамаи Антон Чехуф соли 1908 дар Олмон гузошта шуд.

Занон мудом ин нависандаи номдорро дунболагир буданд.

Дар хонаводаи император Николайи II ҳамеша асарҳои Чехуфро мутолаъа мекардаанд, ҳатто гоҳе ҳам аз рӯйи осори вай намоишномаҳои хонаводагӣ мегузоштаанд.

Чун падари Чехуф даргузашт, ангуштари вай ба нависанда ёдгор монд, ки ин навиштаро дошт: «Марди танҳоро ҳама ҷо бодия аст».. Ангуштар ҳамеша дар ангушти Чехов буд.

Антон Чехуф тақрибан тамоми мерос ва ҳуқуқи нависандагии хешро ба хоҳараш Мария вақф кард. Барои ҳамсари Чехуф – Олга Книппер, 5 ҳазор рубл ва бӯстонсаро дар Гурзуф боқӣ монд. Аммо Олга низ аз «саҳм».-и худ ба нафъи ин хоҳар даст кашид.

Охирин калимоти васийятномаи Чехуф ба хоҳараш, ки аз Олмон навишт, фавқулода Чехуфиёна буд: «Ба камбағалон ёрӣ расон. Модарамонро азиз дор. Бо сулҳу сафо зиндагӣ кунед»..

Ёди ин адиби сарбаланду муаддаб гиромӣ ва равони гавҳаринаш шод бод!

***Обид Шакурзода, ш. Душанбе, 12. 7. 2019.***

## ГАРАВ I

Шабе торику тирамоҳӣ буд. Бонкдори пир дар ҳуҷраи корияш аз гӯшае ба гӯшае қадам мезад ва маросими меҳмониеро ба ёд меовард, ки ӯ понздаҳ соли пеш дар тирамоҳ баргузор карда буд. Дар ин нишаст мардумоне оқилу огоҳ ҷамъ омада, суҳбати ҷолиберо гарм гирифта буданд. Зимнан, аз ҳукми қатл мегуфтанд. Бештари меҳмонон, ки миёни онон донишманду рӯзноманигор ҳам кам набуд, аксаран ба ҳукми қатл мухолиф буданд. Онҳо ин абзори ҷазоро мансух, барои кишварҳои масеҳӣ ношоисту норавою ғайри ахлоқӣ медонистанд. Баъзе аз онон бар он бовар буданд, ки мебояд умуман ҳукми қатлро дар ҳама ҷо ба ҳабси абад иваз кард.

– Ман бо шумоён мувофиқ нестам, – гуфт хоҷаи мизбон. – Ман на ҳукми қатл ва на ҳабси абадро озмоиш кардаам, аммо агар priori (пешакӣ) ҳукм кунем, он гоҳ, ба назарам, ҳукми қатл инсонитару ахлоқитар аст. Эъдом фавран мекушад, аммо ҳабси абад ботадриҷ. Кадоме аз ҷаллодон инсонитар аст? Ҳамон ки шуморо дар зарфи чанд дақиқа мекушад ва ё оне ки ҷони шуморо дар муддати чандин сол меситонад?

– Ҳам ин ғайриахлоқиясту ҳам он, – таъкид кард яке аз меҳмонон, – барои он ки як мақсад доранд – аз зиндагӣ маҳрум кардан. Давлат Худо нест. Ва ин ҳақро надорад, ки он чизеро бигирад, ки вақте онро бихоҳӣ, қодир ба бозгардонданаш набошад.

Дар миёни меҳмонон ҳуқуқшиносе ҳам буд, ҷавони биступанҷсола. Чун назари вайро пурсиданд, ӯ гуфт:

– Ҳам ҷазои қатл ва ҳам зиндони абад ҳар ду ғайриахлоқиянд, аммо агар миёни ин ду ба ман ҳаққи интихобе пешниҳод мекарданд, он гоҳ, албатта, ман шояд дувумиро бармегузидам. Зиндагӣ кардан, ба ҳар ҳол беҳтар аз мурдан.

Баҳси гарме бархост. Бонкдор, ки он вақт ҷавонтару асабонитар буд, ногоҳ худро аз даст дод, мушти рӯйи миз заду ба ҳуқуқдон рӯ овард ва садо баланд намуд:

– Дурӯғ аст! Ман ду милён гарав мебандам, ки шумо дар ҳабси инфиродӣ ҳатто панҷ сол тоқат намеоред.

– Агар ҷиддӣ мегӯед, – посух дод ҳуқуқдон, – шарт мебандам, ки на панҷ сол, балки понздаҳ сол хоҳам нишаст.

– Понздаҳ? Қабул аст! – фарёд зад бонкдор. – Ҷанобон, ман ду милён гарав мебандам!

– Мувофиқам! Шумо ин милёнҳоро мегузоред, ман озодиямро! – гуфт ҳуқуқдон.

Ва ин шартбандии аблаҳонаю бемаъно сурат гирифт! Бонкдор, ки он вақт ҳисоби милёнҳои худро намерафт, бо истиғноию сабуксорӣ аз ин гарав ба ваҷд омада буд. Ҳангоми хӯроки шом бо ҳуқуқдон шӯхӣ карду гуфт:

– Сари ақл оед, ҷавони хуб, ҳанӯз дер нашудааст. Ду милиён барои ман чизе нест, аммо шумо зери бори хатар мераведу се-чаҳор соли беҳтарин даврони зиндагитонро аз даст медиҳед. Се-чаҳор сол мегӯям, зеро шумо наметавонед, ки аз ин бештар тоб биёред. Ҳамчунин ёдатон бошад, ки бадбахтона, ҳабси довталабона хеле азиятбортар аз иҷборист. Ин андеша, ки шумо ҳаққи онро доред, то ҳар лаҳза ки хоҳед ба дунёи озод мебароед, бунёди ҳастиятонро ба тамом заҳрогин мекунад. Дилам бароятон месӯзад!

Ва акнун бонкдор, қадамзанон аз ин гӯша ба он гӯша, он ҳамаро ба ёд овард ва аз худ пурсид:

– Мақсад аз ин гарав чӣ буд? Аз ин чӣ суд, ки ҳуқуқдон понздаҳ соли зиндагияшро аз даст дод, аммо ман ду милёнеро ба бод диҳам? Оё метавонад ба мардумон собит кунад, ки ҷазои қатл бадтар ё беҳтар аз ҳабси абадаст? На, ҳаргиз на. Пӯчу бемаъност ин ҳама. Аз сӯи ман ин як карашмаи марди шикамсер будааст, аммо аз ҷониби ин ҷавон – ҳирсу тамаъи маъмулӣ барои пул...

Сипас ӯ давоми моҷарои пас аз меҳмонии оншабаро ба ёд овард. Сари он қарор омаданд, ки ҳуқуқдон замони асорати худро зери назорати шадид дар як иморати фаръӣ, дар гӯшаи боғи бонкдор, гузаронад. Тавофуқ карданд, ки дар зарфи понздаҳ сол ӯ ҳақ нахоҳад дошт, ки берун аз остонаи ин ҳуҷра пой ниҳад ё инсонеро бибинад, садои одамонро бишнавад ё номае ва ё рӯзномае дарёфт кунад. Ӯ иҷозат дошт, ки асбоби мусиқие дошта бошад, китоб бихонад, нома бинвисад, шароб нӯшад ва сигор кашад. Бино бар ҳамон паймон, ӯ метавонист бо ҷаҳони хориҷ хомушона, фақат аз тариқи тирезачае иртибот гирад, ки маҳз ба ин манзур сохта шуда буд. Ҳақ дошт, ки ҳар чизи хостааш – китоб, шароб, мусиқӣ ва ба ин монандро, ҳар миқдоре бихоҳад, дарёфт кунад, аммо танҳо тавассути хатчае аз тариқи тиреза. Ин муоҳада тамоми тафсилоту ҷузъиётро барои як маҳбусе ки акидан инфиродӣ мешуд, дар назар медошт, ва ҳуқуқдонро мувазզаф месохт, ки дар зиндон понздаҳ соли расо бинишинад, аз соъати 12-и 14 ноябри соли 1870 то соъати 12-и 14 ноябри 1885. Камтарин талоши ҳуқуқдон

дар нодида гирифтани ин ҷузъиёт гаравро зери по мегузошт, ҳатто озодии ӯ то ду дақиқаи пеш аз муҳити муқаррар бонкдорро аз банди пардохти ду милён раҳо месохт.

Ҳуқуқдон дар аввалин соли зиндон, чунонки аз ёддоштҳои кӯтоҳаш метавон қазоват кард, шадидан аз танҳоию афсурдагӣ ранҷ мекашид. Аз ҳуҷраи ӯ рӯзу шаб ҳамеша садои пианино ба гӯш мерасид. Ӯ шаробу тамокуро рад кард. Шароб, навишт ӯ, орзуҳоро бармеангезад, ва орзуҳо – бадтарин душмани як зиндониянд; бар илова ҳич чиз малолатбортар аз он нест, ки чун шароби хуб бинӯшию вале касеро набинӣ. Ва тамоку ҳавои утоқи ӯро олуда мекунад. Дар соли аввал барои ҳуқуқдон китобҳое ғолибан бо муҳтавои сода фиристода мешуд; романҳое печида бо банду бурузи ишқу ошиқии таҳрикдиҳанда, ҳикояҳое аз олами ҷиноӣ ё фантастикӣ ё комедӣ ва монанди инҳо.

Соли дувум, аммо, садои пианино аз ҳуҷраяки ӯ сокит шуд, ва ҳуқуқдон тавассути нома танҳо осори классиконро дархост кард. Соли панҷум садои мусиқӣ дубора ба гӯш расид ва зиндонӣ тақозои шароб кард. Онҳое, ки аз равзана ӯро назорат мекарданд, мегуфтанд, ки тамоми он сол танҳо хӯрду нӯшиду рӯи рахти хоб дароз кашид, ҳар гоҳе ҳам хамёза мекашид ва бо асабоният худ ба худ гап мезад. Дигар китоб нахонд. Гоҳе ҳам шабона менишасту менавишт, дуру дароз менавишт ва саҳар тамоми он навиштаҳоро пора-пора мекард. Чандин бор мешуниданд, ки ӯ гиря мекард.

Дар нимаи дувуми соли шашум зиндонӣ бо саъйи тамом ба омӯзиши забон, фалсафа ва таърих шуруъ кард. Вай чунон ҳарисона ба омӯхтани ин бобҳо пардохт, ки бонкдор ба сахтӣ фурсат меёфту барояш китоб таҳия мекард. Дар муддати чаҳор сол бо дархости ӯ ҳудуди шашсад ҷилд китоб фароҳам шуда буд. Дар чунин айёми шӯру шавқ, бонкдор, зимнан аз зиндонии хеш чунин нома дарёфт кард: «Зиндонбони азизи ман! Ин сатрҳоро бароятон ба шаш забон менависам. Инҳоро бо касони огоҳу мутталеъ нишон диҳед. Агар онҳо ягон ғалат пайдо накунанд, хоҳишмандам, дастур диҳед, то дар боғ аз туфанге шиллик кунанд. Садои ин тир паём хоҳад дод, ки кӯшишҳои банда беҳуда набудааст. Нобиғаҳо дар ҳар асру дар ҳар кишвар бо забонҳои мухталиф гуфтугӯ мекунанд, вале дар андаруни дили онҳо як шуъла фурӯзон аст. Оҳ, агар шумо медонистед, ки чӣ гуна руҳи ман саршор аз як саъодати улвист, ки ман метавонам онҳоро бифаҳмам».!

Орзуи зиндонӣ бароварда шуд. Бонкдор дастур дод, ки дар боғ ду гулӯла шиллик кунанд.

Он гоҳ пас аз гузашти соли даҳум, зиндонӣ пушти миз беҳаракат менишаст ва танҳо Инҷил мехонд. Барои бонкдор аҷиб менамуд, ки марде ки дар чаҳор сол шашсад ҷилд китоби пурмаънои печидаро фаро гирифта буд, наздик ба як солро барои хондани як китоби осонфаҳму камҳаҷм сарф кард. Аз он баъд китобҳои таърихи адён ва илоҳиёт ҷойи Инҷилро гирифтанд.

Зиндонӣ дар ду соли охири зиндон беандоза китоби бисёр хонд; бефарқ, аз як сар ҳар чӣ ки пешаш меомад. Гоҳ улуми табиъӣ мехонд, гоҳе ҳам Байрон ё Шекспирро тақозо мекард. Номаҳое аз ӯ мерасид, ки вай ҳамзамон дархости ҳам китоби кимиё мекард ва ҳам дастури пизишкӣ, ҳам румон, ҳам ягон рисолае аз фалсафа ё илоҳиёт. Хонданаш ба он мемонд, ки гӯиё дар баҳр миёни осори киштии шикастае шино дорад ва, дар талоши наҷоти худ, бо ошуфтагӣ гоҳ ба як шикастапора, гоҳе ҳам ба дигараш чанг меандозад!

## ГАРАВ II

Бонкдори пир тамоми инҳоро ба ёд овард ва фикр кард:

«Пагоҳ, соъати дувоздаҳ ӯ боз озодии худро ба даст меоварад. Бар пояи муоҳада, бояд ба ӯ ду милён бипардозам. Агар ин пул пардохт шавад, он гоҳ ба кулл барбод хоҳам шуд: қатъан хонавайрон мешавам..».

Понздаҳ сол пеш ӯ ғарами пулро ба панҷшох бод медод, ҳисоби сармояаш гум буд; ҳоло акнун метарсад аз худ пурсад, ки чӣ бештар дорад – пули бисёр ё қарзи бисёр? Қимори бозори саҳом, ҳаннотию судҷӯйиҳои хатарноку тезутунд, ки ӯ ҳатто натавонист дар дами пирӣ аз онҳо даст кашаду таркашон кунад, кам-кам бозорашро касод кардан гирифтанд, ва як бозаргони лоқайд, муттакӣ ба тавони худ ва сарватманде пурғурур табдил ба як бонкдори дувумдараҷа шуд, ки дар ҳар як уфту хези авроқи баҳодор ба худ меларзид.

– Гарави лаънатӣ! – пирамард бо ноумедӣ сарашро дошта, ғур-ғур кард. – чиро ин одам намурд? Ӯ нав чилсола аст. Ӯ ҳама дору надори маро аз худ мекунад, зан мегирад, аз зиндагӣ лаззат мебарад, қимори бурс мезанад, ва ман, ҳамчун гадой, ба ӯ бо ҳасодат менигарам ва ҳар рӯз ҳамин як суханашро ба такрор мешунам: «Ба шарофати шумо ман ба ин зиндагии шод расидам, иҷозат диҳед кумаке расонам!». На, ин дигар қобили таҳаммул нест! Роҳи содаи наҷот аз ин варшикастагию беобрӯӣ – марги ӯст, марги ӯ!

Соъат занги серо зад. Бонкдор ба атроф гӯш дод: дар хона ҳама хобида буданд, ва танҳо аз пушти тирезаҳо садои хиш-хиши дарахтони аз сармо яхзада шунида мешуд. Бонкдор иҳтиёткорона, ки мабодо бо ҳаракатҳояш сару садое барпо накунад, калиди ҳамон дареро, ки понздаҳ сол инҷониб боз накарда буданд, аз говсандуқ гирифт; палтояшро пӯшид ва аз хона берун омад.

Боғ торику сард буд. Борон меборид. Боде тунди мартуб дар боғ меғуррид ва дарахтонро ором намегузошт. Бонкдор ҳар қадар ба чашмонаш фишор овард, аммо на замин, на пайкараҳои сафед, на ҳуҷраяки зиндонӣ, на дарахтонро дида тавонист. Ба гӯшаи боғ, ҷое ки ҳуҷраи зиндонӣ буд, наздик шуд ва ду бор нигаҳбонро садо кард. Посухе наёмад. Зоҳиран, нигаҳбон аз ҳавои бад сарпаноҳ ҷуста, акнун дар ошпазхона ва ё гулхона ба хоб рафта буд.

«Агар ман ҷуръати амалӣ кардани ҳадафамро дошта бошам, – андешид пирамард, – он гоҳ сояи занну гумон аз ҳама пеш бар рӯйи нигаҳбон хоҳад уфтод»..

Ӯ дар торикӣ пиллаҳову дарро даст-даст карда, вориди даҳлези кулба шуд, баъд ламскунон ба роҳрави хурде расид ва гӯгирд зад. Он ҷо ҷонзоде набуд. Тахти хобе бидуни ҷогаҳ меистод, дар гӯшае низ як бухории оҳанӣ сиёҳӣ мекард. Муҳру хатт ҳам рӯйи дари ҳуҷраи зиндонӣ ношикаставу побарҷо буданд.

Вақте шуълаи гӯгирд хомӯш шуд, пирамард, ки аз ғояти ҳаяҷон меларзид, аз тирезача ба дохил нигарист.

Дар утоқи зиндонӣ шамъе хира месӯхт. Ӯ худ дар пушти миз нишаста буд. Танҳо пушташ ва мӯйи сару дастонаш дида мешуд. Бар рӯйи мизу ду курсӣ ва болои қолии назди миз китобҳо боз ва паҳну парешон буданд.

Панҷ дақиқа гузашт, ва зиндонӣ як бор ҳам такон нахӯрд. Понздаҳ соли зиндон дарсе барояш дода буд, ки бидуни ҳаракат бинишинад. Бонкдор тирезаро ангушт зад, ва дар посух ба ин садо аз зиндонӣ нидое дарнаёмад. Он гоҳ бонкдор хатту муҳрро бо иҳтиёт аз дар барканд ва калидро ба калидона афканд. Қуфли зангзада қарап-қуруп садо дод, ва дар ҳам бо ғижж-ғижи дилхарош ба наво омад. Бонкдор интизор дошт, ки дар ҳамин лаҳза садои пойу фарёди шигифтангези он зиндонӣ шунида мешавад, аммо се дақиқа гузашт, ва даруни хона ҳамоно ором буд. Тасмим гирифт, ки ворид шавад.

Пушти миз нафаре нишаста буд беҳаракат, ҳич шабоҳат ба як инсони маъмулӣ надошт. Як искелете буд, ки пӯсташро ба устухонҳояш кашида буданд, бо гесӯвони чун занон марғула ва риши анбуҳи жӯлида. Ранги рӯяш зарду заҳир, ба ранги хок мемонд, рухсораҳояш чӯкида буданд, пушташ дарозу борик шуда буд, ва дасте, ки бо он сари пурмӯяшро такя зада буд, чунон наҳифу пӯсту устухон буд, ки диданаш касро ба ваҳшат меовард. Мӯйҳои ӯ акнун нуқраандудаву мошубиринҷ шуда буданд; ва бо дидани ин чеҳраи афсурда, кас бовар намекард, ки вай ҳамагӣ чиҳил сол дорад. Ӯ хуфта буд...

Дар рӯйи миз, пеши сари хамидааш, баргаи коғазе мехобид, ки дар он бо хатти рез чизҳое навишта шуда буд.

«Бечораи бадбахт! – бо худ андешид бонкдор. – Хоб аст ва, шояд, милёнҳоеро дар хоб мебинад! Ва кофист, ки ман ин пайкари ниммурдаро бардораму рӯйи рахти хоб андозам, бо болишт саҳлу

сабук буғияш кунам, ва дақиқтарин озмоишгоҳ ҳам ҳич як аломати марги иҷбориро наметавонад пайдо кунад. Аммо бигзор нахуст бихонам, ки ӯ ин ҷо чӣ чизе навишта..».

Бонкдор баргаи навиштаро аз рӯйи миз баргирифту хонд:

«Пагоҳ соъати 12-и зуҳр ман озодии худ ва ҳаққи ҳамсуҳбатӣ ба мардумонро ба даст хоҳам овард. Аммо, пеш аз тарк кардани ин ҳуҷра ва тамошои Хуршед, ман лозим медонам ба шумо чанд сухан гӯям. Бо виҷдони пок ва дар пешгоҳи Худованд, ки нозири ман аст, ба шумоён эълом медорам, ки ман ба озодӣ, ва ба зиндагӣ, ва ба тандурустӣ, ва ҳар он чизе ки дар китобҳои шумо хайру баракати ҷаҳон номида мешаванд, нафрат дорам.

Ман понздаҳ сол бо камоли диққат зиндагии инҷаҳониро мутолаъа кардам. Дуруст аст, ки дар ин муддат ман на заминро дидам ва на мардумонро, аммо дар китобҳои шумо ман шароби ноб нӯшидам, суруди хуш хондам, дар бешазор ба дунболи оҳувону гурозони ваҳшӣ давидам, ишқи занон варзидам... Заноне зебо, латифу дилрубо, ҳамчу порае абр, ки бо завқи афсунгари шоирони нобиғаи шумо сохта шудаанд, шабҳо ба дидани ман меомаданд ва ба гӯшам афсонаҳои шигифтангезе замзама мекарданд, ки ман масту мадҳуш мешудам. Дар китобҳои шумо то фарозиАлбурзу Мунблон боло рафтам ва аз он ҷо дидам, ки чӣ гуна Хуршед дар субҳгоҳон тулуъ мекунад ва шомгоҳ чӣ сон бо шуъои зарандуди арғавонии хеш осмону уқёнусу қуллаҳои кӯҳҳоро нурборон мекунад; аз он ҷо дидам, кид ар баробари ман чӣ гуна барқ медурахшиду абрҳоро мешикофт; ман бешазорони сарсабз, киштзорҳо, дарёҳо, кӯлҳо, шаҳрҳоро дидам, садои суруди париҳои обӣ ва навои найи чӯпониро шунидам, болҳои шаётини фаттонро, ки назди ман ба парвоз омада буданд, то бо ҳам дар бораи Худованд суҳбат кунем, ламс кардам... Дар китобҳои шумо ман худро ба партгоҳҳои бетаг афгандам, муъҷиза намудам, инсонҳоеро куштам, шаҳрҳоеро сӯхтам, адёни наверо таблиғ кардам, импиротуриҳои бузургеро зери даст гирифтам...

Китобҳои шумо маро хирад омӯхт. Ҳама он чӣ, ки афкори хастанопазири инсонӣ дар пайи асрҳо эҷод кард, ҳамчун наволаяк дар косаи сари ман фишурда шуд. Ман медонам, ки аз ҳамаи шумоён хирадмандтарам.

Ва ман аз китобҳои шумо безорам, ба ҳама неъматҳову хиради ин ҷаҳон нафрат дорам. Инҳо ҳама ночиз, нопойдор, хаёливу фиреби назаранд, ҳамчун сароб. Гирифтем ки шумо боғурур, хирадманд ва

зебо ҳастед, аммо боз ҳам марг шуморо по ба по бо мушони пинҳон дар зери сӯрохиҳо, аз рӯйи замин пок мекунад, аммо насли ояндаи шумо, таърих, ҷовидонагии нобиғаҳои шумо ях мебандад ва ё якҷо бо кураи хокӣ месӯзад.

Шумо девонаед ва по ба бероҳа гузоштаед. Дурӯғро шумо рост пиндоштаед ва зиштиро зебоӣ меангоред. Шумо мутаҳайййир хоҳед шуд, ки агар дар пайи ягон шароите дарахтони себу афлесун ғуку калтакалос бор оранд ва ё аз гулҳои садбарг бӯйи аспҳои арақшор ояд; ҳамин тавр ки ман аз шумо ҳангу манг шудаам, ки осмонро замин пиндоштед. Ман намехоҳам шуморо дарк кунам.

Барои он ки амалан ба шумо нафратамро баён намоям, ки чӣ марому маҳаке дар зиндагӣ доред, ман аз ин ду милён, ки рӯзе орзуяшро мекардам, даст мекашам, ҳамчун аз биҳиште ки акнун мутанаффирам аз он. Барои он ки худро аз ҳаққи гирифтани он пул маҳрум созам, ман аз ин ҷо панҷ соъат пеш аз замони муқаррар берун меоям ва ҳамин тариқ нақзи паймон мекунам..».

Пас аз хондани ин навишта, бонкдор коғазро бар рӯи миз гузошт, сари ин марди аҷибро бӯсид, гирён шуду аз ҳуҷра бурун рафт. Ҳаргиз дар ҳич замони дигаре, ҳатто пас аз бохтҳои сангин дар бозори бурс, вай ин гуна хиффату ҳориро дар худ иҳсос накарда буд. Чун ба хона баргашт, ба рӯйи рахти хоб дароз кашид, аммо ҳаяҷону ашк хеле вақт нагузоштандаш, ки бихобад.

Субҳи рӯзи дигар нигаҳбонон бо ранги рӯи канда, давон-давон омаданд ва гуфтанд, онҳо мардеро, ки дар иморати фаръӣ зиндагӣ мекард, дидаанд, ки чӣ гуна аз тиреза ба боғ поин шуд, сӯи дарвоза рафт, сипас ба куҷое ғайб заду аз назарҳо ғоиб шуд. Бонкдор ҳамон дам ҳамроҳи нигаҳбонон ба он иморати канорӣ рафт ва фирори зиндониро таъйид кард. Ба манзури пешгирӣ аз ҳар гуна овоза, ӯ раддияномаеро, ки дар он аз дарёфти ду милён рубл чашмпӯшӣ шуда буд, аз рӯйи миз бардошт ва, чун ба хона омад, онро дар говсандуқ гузошт.

# ГАДОЙ

- **– Сарвари соҳибкаромато! Лутфи шумо поянда, гӯшаи чашме ба ин соили бадбахти гурусна кунед. Се рӯз аст, ки чизе нахӯрдаам... панҷ копек надорам, ки шаб гузаронам... ба Худо савганд! Ҳашт сол дар деҳа муаллим будам ва бо дасисаҳои идораи маҳалл аз кор рафтам. Аз фитнаи суханчинҳо барбод шудам. Инак, як сол аст, бекорам.**
- **Вакили мудофеъ, Сквортсуф, ба палтои кабуди дарида ва ба чашмҳои хираи махмуру доғҳои сурхи рухсори хоҳанда нигариста, ба назараш намуд, ки ӯро пештар дар кучаое дидааст.**

– Аз вилояти Калуга коре пешниҳодам кардаанд, – мегуфт хоҳанда, – аммо пул надорам, ки равам. Кумакам кунед, лутф намоед! Аз дарюзагӣ шарм медорам, аммо... шароит ночорам кардааст.

Сквортсуф ба калушҳои ӯ нигарист, ки яке амиқу дигарӣ реза буд ва беихтиёр ба ёдаш омад.

– Гӯш кунед, гумонам шуморо, се рӯз пеш дар Садовое медидам, – гуфт ӯ, – аммо он вақт мегуфтед, ки на омӯзгори деҳа, балки донишҷӯед, ки ихроҷатон кардаанд. Ёд доред?

– На... набояд, имкон надорад! – ғур-ғур кард хоҳанда хиҷолатмандона. Ман муаллими рустоям, санад ҳам дорам, агар хоҳед, нишон медиҳам.

– Кофист, дурӯғ нагӯед! Шумо худро донишҷӯ гуфтед; ҳатто сабаби ихроҷ шуданатонро ҳам ба ман нақл карда будед. Ёдатон омад?

Сквортсуф тоб гирифт ва чеҳрааш нафратбор гашту аз ин ҷандапӯш дур шуд.

– Ин як разолат аст, сарварам! – садо баланд кард вай хашмгинона. – Ин реву риёст! Бало занад, шуморо ба пулис месупорам! Агар нодору гурусна ҳам бошед, ҳаққ надоред, ки бо чунин густохию бешармӣ дурӯғ гӯед!

Ҷандапӯш аз дастаи дар дошт ва ҳамчун дузди дастгиршуда, ошуфта ба даҳлез нигарист.

– М... ман дурӯғ н-намегӯям... – ғур-ғур кард ӯ. Метавонам аснод нишон диҳам.

– Кӣ шуморо бовар мекунад? – Сквортсуф ҳамоно хашмгин мешуд. – Суиистифода аз илтифоти мардум нисбат ба муаллими деҳоту донишҷӯ – чӣ кори пасте! Разолату беобрӯӣ! Нафратангез аст!

- **Сквортсуф барошуфт ва то метавонист, ҷандапӯшро оташинона накӯҳиш кард. Бешармона дурӯғпароканиҳои хоҳанда ғазабу нафраташро барангехт ва ба он эҳсоси отифии вуҷуди ӯ – накӯкорӣ, қалби саршор аз меҳру шафақат, хайрхоҳӣ ба мазлумон, ки Сквортсуф худ дӯст медошту ҳам арҷ мегузошт, иҳонат кард; Сквортсуф дӯст медошт, ки аз самими қалб ба бенвоён эҳсон кунад, аммо ин мард бо ин дурӯғҳо гӯиё доду диҳиши вайро макруҳ намуд. Ҷандапӯш ибтидо худро сафед мекард, ба Худо савганд мехӯрд, аммо баъд сокит шуд ва шармида сар ба зер афканд.**

– Олиҷаноб! – гуфт ӯ, даст рӯйи қалб ниҳода, – Воқеъан ман... дурӯғ гуфтам! Ман на донишҷӯяму на омӯзгори деҳа. Ин ҳама ҷуз дурӯғпардозие нест! Ман дар дастаи хори русӣ будам ва аз он ҷо ба хотири майхорагӣ ронда шудам. Аммо дигар чӣ кор кунам? Боварам кунед, ба Худо, ки бе дурӯғ намешавад! Вақте ман сухани рост меорам, касе хайре намекунад. Бо ростгуфторӣ мемирӣ аз гуруснагӣ ва шабона дар сармои бесарпаноҳ ях мекунӣ! Ҳарфи шумо дуруст аст, мефаҳмам, аммо... чӣ кунам дигар?

– Чӣ кунед? Мегӯед, ки чӣ кор ҳам бояд кард? – дод зад Сквортсуф бо ӯ наздик шуда, – Чора коре кардан, танҳо ҳамин! Кор бояд кард!

– Коре бояд кард... Мефаҳмам, аммо кор аз куҷо?

– Ёва! Шумо ҷавон, солиму тавоно, ҳамеша метавонед кор ёбед, танҳо шавқ мебояду бас. Вале шумо як танбали нозпарвардаю бадмастед! Бӯйи шароб мекунад сар то поятон, мисли майхонаҳо! Шумо ба дурӯғ гуфтан хӯ гирифтаед, мағз андар мағз фосид шудаед ва танҳо ҳамин лаёқатро доред, ки бо шилқинӣ гадоӣ кунеду берӯёна дурӯғ гӯед! Агар замоне ҳам аз сари лутф тан ба кор медодед ва шуморо дар ягон идора ё хори русӣ, ё дар билёрдхонае чун ходим мегирифтанд, он ҷо ҳам бекору фориғ мегаштед, фақат пул мегирифтед! Лузуман, ба кори ҷисмонӣ чиро машғул намешавед? Шояд нахоҳед ҳам ки дарбон дар даргоҳе ё коргар дар коргоҳе бошед! Фақат иддио пеш меоред, на дар фикри коред!

– Ба Худо, ки изҳориназарҳои аҷиб... – ба нармӣ гуфт хоҳанда ва нешханди талхе зад. – Кори ҷисмонӣ аз куҷо пайдо кунам? Дигар дер шудааст, ки мағозадор шавам, зеро ба тиҷорат аз баччагӣ бояд пардохт, маро касе ба дарбонӣ намегирад, баройи он ки дӯст надорам маро шумо нагӯянду ту гӯянд... аммо ба коргоҳ қабул надоранд, бояд ҳунаре дошт, ки ман чизе намедонам.

– Ин ҳам ёва! Баҳонаатон ҳамеша бар сари забонатон! Оё майл доред, ки ҳезум шиканед?

– Ман мувофиқам, вале имрӯза ҳезумшиканҳои воқеъӣ ҳам дар канору бекоранд.

– На, танбалҳо чунин мулоҳаза меронанд. Ба шумо коре ҳам пешкаш шавад, радд хоҳед кард. Мехоҳед, ҳезумҳои маро бишканед?

– Мусаллам аст, мешиканам...

– Ху-уб, мебинем... Хеле олӣ... Хоҳем дид!

Сквортсуф даступо хӯрд ва, то ҳадде бо шамотат дастонашро ба ҳам соиду хонуми ошпазро аз матбах хонд.

– Бибин, Олга, – руҷуъ кард ба ӯ, – ин алоҳазратро то анбор раҳнамоӣ кун, фармой, ки ҳезум бишканад.

- **Ҷандапӯш китф дарҳам кашид, то ҷое мутаҳаййир гашту бечуръатона ба дунболи пешхидмат омад. Қадаммонияш мегуфт, ки ин мувофақати ӯ бар бинои ғуруру шарм буд ва мехост марди қавлу амал буданашро нишон диҳад, на ин ки бираваду ҳезум бишканад, то пул ба даст ораду гуруснагӣ бизудояд.**
- **Сквортсуф шитобон ба ошпазхона омад. Он ҷо аз тиреза, ки ҷониби ҳавлӣ буд, саройи ҳезум ва ҳар рухдоди саҳни ҳавлӣ намоён буд. Сквортсуф назди тиреза истода, дид, ки ошпаззан ва ҷандапӯш чӣ гуна аз дари ақиб ба саҳни ҳавлӣ баромада, аз миёни барфи гилолуд ҷониби сарой рафтанд. Олга, оташинона ҳамроҳи хешро нигаристу оринҷҳояшро ду тараф такон дода, саройро боз кард ва бо хушунат дарро зад.**
- **«Шояд, мо ба ин зан халал расондем, ки қаҳваашро нӯшад, – ба худ мегуфт Сквортсуф. – Аҷаб мавҷуди бадхулқе!».**
- **Сипас ӯ дид, ки ин вонамудиндонишҷӯю муаллимнамо чӣ гуна рӯйи кунда нишаст ва дастҳо ба гунаҳои сурхаш такя занонда, дар бораи чизе ба андеша рафт. Зан табарро пеши пояш партофт, бо ғазаб оби даҳон андохт ва, аз ҳавои лабонаш маълум буд, ки сарзаниш мекунад. Ҷандапӯш коҳилона ҳезумеро пеш кашид, миёни поҳояш гузошту бечуръатона табаре зад бар он. Чӯб алвонҷ хӯрду уфтод. Ҷандапӯш онро ҷониби худ бозкашид, дастони хунукхӯрдаашро ҳаври даҳон зад ва иҳтиёткорона дубора табар андохт, гӯиё метарсид ки ба кафши худ назанад ё ангуштонро набурад. Чӯб ин бор ҳам уфтод.**

- **Хашми Сквортсуф акнун пойин шуда буд ва то ҷое иҳсоси шарму дард кард, ки вай як каси нозпарвардаву бадмаст ва шояд касалмандро дар сармо маҷбур кард, ки чунин кори сиёҳе кунад.**
- **«Хуб, боке нест, бигзор... – андешид ӯ, ки аз ошпазхона ба ҳуҷраи корӣ мерафт. – Ман, ки ба нафъи худи ӯ кардаам»..**

Соъате пас Олга аз дар даромад ва хабар дод, ки ҳама ҳезум шикаста шуд.

– Бигир, ин ним рублро бидеҳаш, – гуфт Сквортсуф. – Агар хоста бошад, бигзор, ҳар аввали моҳ ҳезумшиканӣ биёяд... Кор ҳамеша пайдо мешавад.

Ҷандапӯш сари моҳ ҳозир шуд ва боз ним рубл кор кард, агарчи ӯ базӯр ба пой меистод. Ӯ аз ин ба баъд ҳар гоҳе дар ҳавлӣ пайдо мешуд ва ҳар бор ҳам барояш коре меёфтанд: гоҳ барфи анбуҳеро merӯфт ё саройи ҳезумро муназзам мекард, гоҳе ҳам ғубор аз гилему курпаҳо меафшонд. Ба ивази кораш ӯ ҳар бор бист – чиҳил копек дастмузд мегирифт, ҳатто боре ҳам барояш шалворҳои куҳна фиристоданд.

Сквортсуф ҳине ба хонаи дигар кӯч баст, ӯро киро кард, то дар ҷамъ овардану кашондани ҷевонҳояш кумак кунад. Ҷандапӯш ин бор маст набуд, афсурдаву бесарусадо буд; вай ба сахтӣ даст ба ҷевонҳо мезад, бо сари хам аз паси аробаҳои пурбор меомад ва ҳатто саъй накард, ки хештанро пуртаҳаррук намоёнад, танҳо аз сармо меларзид ва ҳангоме ки аробакашҳо ба коҳилӣ ва заъфи ӯву ба палтои даридаю як замон ашрофонааш ришханд мезаданд, хиҷолат мекашид. Пас аз анҷоми кӯч Сквортсуф фармуд, ки ӯро наздаш хонанд.

– Хуб, мебинам, суханони банда ба шумо асар гузоштаанд, – гуфт ӯ, ки вайро як рубл медод. – Ин ҳам барои заҳамотатон. Анун мебинам, ки ҳушёред ва рағбат ба кор ҳам доред. Чӣ ном доред?

– Лушкуф.

– Ман, Лушкуф, метавонам ба шумо кори дигареро пешниҳод кунам, озодатар. Шумо саводи навиштан доред?

– М-метавонам.

– Акнун бо ин нома пагоҳ назди ҳамкори ман меравед ва ҳамчун рӯнавис корманди ӯ мешавед. Кор кунед, майхорагӣ накунед, ҳар чӣ гуфтаам, аз ёд набаред. Худо ёри шумо!

Сквортсуф хушнуд буд, ки касеро дар роҳи дуруст ҳидоят кардааст; ӯ ба нармӣ даст ба китфи Лушкуф гузошт ва ҳатто ҳангоми

худоҳофизӣ ба ӯ даст дод. Лушкуф номаро бигирифт, рафту, ҳайҳот ки дигар ба ҳавлӣ баҳри коре барнагашт.

Ду сол гузашт. Сквортсуф боре, ҳангоми билетхарӣ дар назди кассаи театр, дар бари худ ҷавони хурдҷуссеро дид бо гиребони пӯсти барра ва дар сар кулоҳи кӯҳнае аз мӯинаи гурба. Ин мард хиҷолатмандона аз фурӯшанда илтимос мекард, ки ба ӯ аз қатори боло билет диҳад ва чанд копек пардохт кард.

– Лушкуф, ин шумоед? – пурсид Сквортсуф, ки бо дидани ин марди хурдҷусса ҳезумшикани деринаи хешро бишинохт. – Ҳолатон хуб? Корҳоятон чӣ тавр? Зиндагӣ хуш мегузарад?

– Хуб аст як андоза... Акнун дар нотариус кор мекунам, маошам сиюпанҷ р-рубл.

– Худоро шукр. Хеле олист! Хушҳолам аз бароятон. Хеле ва хеле хушҳолам, Лушкуф! Шумо, охир, то ҷое писархондаи маънавии ман. Ман шуморо ба роҳи рост иршод кардам. Ёд доред-о, шуморо чӣ сарзанишҳое мекардам? Аз накуҳишҳои ман замин намекафид, ки дароед. Хеле хуб, ташаккур, азизи дил, ки суханҳои маро аз ёд набурдед.

– Ва ба шумо низ ташаккур, – гуфт Лушкуф. – Агар ба хонаи шумо наомада будам, то имрӯз шояд худро омӯзгор ё донишҷӯ мегуфтаму мегаштам. Бале, дар манзили шумо наҷот ёфтаму аз варта бурун ҷастам.

– Хушҳолам, хеле хушҳолам.

– Ташаккур барои суханҳову амалҳои некатон. Он вақт шумо басо хуб мегуфтед. Сипосгузорам аз шумову ҳамчунин аз он таббохи хонаатон; Худованд тандурусту шод дорад ин зани накӯву наҷибро. Он айём ба наҳви аҳсан мефармудед, ман то зиндаам, миннатдорам аз шумо, аммо, ростӣ ки, маро ошпаззани шумо – Олга наҷот дод.

– Олга? Чӣ мегӯед?

– Бале, Олга. Он замон, ки пеши шумо ҳезумшиканӣ меомадам, вай шуруъ мекард: «Оҳ, ту бадмасти майхора! Мардуду кофир! Илоҳо бимирӣ, бало занадат!». Баъд рӯбарӯям менишинад, дар андуҳ мезанад, маро менигараду мегиряд: «Чӣ бадбахте ҳастӣ ту! Дар ин дунё нишоте надорӣ, ва дар он дунё ҳам, ту бадмаст, дар оташи Дӯзах хоҳӣ сӯхт! Фалокатзада!». Ва аз ин қабил носазоҳо, чунон ки медонед. Намешавад ба ҷузъиёт пеши шумо адо кард, ки ӯ баройи ман чӣ қадар дилхун шуду ашк рехт. Муҳиммтар аз инҳо – ӯ ба ҷойи ман ҳезум шикаст! Ман, олиҷаноб, дар хонаи шумо ҳезуме нашикастаам,

ҳамаро ӯ мешикаст! Чиро ин зан маро наҷот дод, чиро ман тағйир ёфтам, ба ӯ нигаристаму низ тарки машрубот кардам, наметавонам ба шумо тавзеҳ диҳам. Фақат медонам, ки аз суханҳои вай ва аз аъмоли наҷибонааш дар руҳи ман таҳаввуле омад, ӯ маро ба худ оварду ислоҳ намуд; инро ҳич гоҳ фаромуш намекунам. Аҳ-ҳа, фурсати вуруд шуд, садои занг меояд.

Лушкуф сари иродат хам карду роҳии қатори боло шуд.

**1887**

# ДАР САРТАРОШХОНА

Саҳарист. Соъат ҳафт ҳам нест, аммо ғурфаи сартарош Макар Кузмич Блесткин кайҳост, ки боз аст. Хоҷаи ғурфа – ҷавони бистусесола, дастурӯнашуставу чарбу чиркин, лекин либосҳояш шику шанг, машғули рӯбучин аст. Аслан барои тамизкардан чизе нест, аммо дар ин такопӯҳо ӯ арақшор аст. Як ҷоро ба латтаяк пок мекунад, ба ҷое ангушт мехалонад, ҷое ҳам шабзод меёбад ва онро аз танаи девор меронад.

Дуккааш кӯчак аст, тангаку касиф. Деворҳои ғӯлачӯбияш рӯпӯш ба коғази деворӣ аст, ки пироҳани обшустаи аробакашҳоро мемонад. Дар мобайни ду тирезаи тираву ашковар даричаест фарсуда ва нозуку ғич-ғич нолон, болои он як зангулаяки аз рутубат сабзшуда овезон, ки бахуду бехуд такон мехӯраду пураламу ноҳинҷор фарёди ҷарас медиҳад. Агар шумо ба ойинае, ки дар яке аз деворҳо овезон аст, бингаред, қиёфаатон бо ҳарчи бешафақатие аз шаш ҷиҳат каҷу кӯс бозтоб мешавад! Ва пешорӯйи ана ҳамин ойина ришу мӯй метарошанд.

Болои мизчаи шабеҳи Макар Кузмич пурчирку чарб ҳама чиз ҳаст: анвоъи шонаву қайчиву теғ, обафшони яккопекӣ, қуттии пудраи яккопекӣ, одекалони куллан ба обмахлутшудаи яккопекӣ. Ҳайҳот ки ин сартарошхона ҳам аз понздаҳ копек бештар арзиш надорад.

Зангулаяки абгори болои дар ба садо меояд ва марде солманд, дар тан пӯстини кӯтоҳ ва мӯзаҳояш намадӣ ворид мешавад. Сару гарданаш бо шоли занонае печида.

Ин кас – Эраст Иванич Ягодуф, падари таъмидии Макар Кузмич. Рӯзгоре дарбони калисо, аммо акнун дар маҳаллаи Толоби Сурх оҳангар.

– Салом, Макарҷони ҷону дилам! – нидо мекунад ӯ Макар Кузмичи андармон ба рӯфтурӯбро.

Ҳарду рӯйбӯсӣ мекунанд. Ягодуф шол аз сар мегирад, салиб мекашад ва менишинад.

– Чӣ роҳи дуре! – мегӯяд ӯ бо оҳу воҳ. – Магар шӯхист? Аз Толоби Сурх то Дарвозаи Калужиски.

– Ҳолу аҳволатон чӣ тавр-ҳ?

– Нохуб, додар. Вараҷа доштам.

– Чӣ? Вараҷа?

– Вараҷа. Як моҳ бистарӣ будам, гуфтам, мемирам. Кашиш оварданд болои сарам, тақарруб кардам. Ҳоло мӯйҳоям резиш доранд. Доктор фармуд, ки сарамро лайс поку занам. Мӯйи нав сабз мешавад, мегӯяд, бо решаи қавитар. Баъд нишастаму андешидам: назди Макар меравам. Аз сад бегона як худӣ авло. Хубкор аст, пул ҳам намехоҳад. Устохонаат, албатта, каме дур, вале фарқе намекунад. Як сайру гашт мекунем.

– Қадаматон рӯйи чашм. Марҳамат кунед-ҳ!

Макар Кузмич по ба ҳам кӯфта, ба курсӣ ишора мекунад. Ягодуф менишинад, дар ойина ба худ менигарад ва зоҳиран аз дидани аксаш завқ мебарад: дар ойина башараи каҷу маҷ, бо лабҳои қилмоқӣ, бинии паҳну патак ва чашмоне ҷаста ба пешонӣ. Макар Кузмич гирди шонаҳои ӯ як малофаи сафеду пур аз лаккаҳои зард мепечонад ва қайчиро чук-чук ба садо меорад.

– Пок метарошам шуморо, лайс! – мегӯяд ӯ.

– Ҳатман. Тавре тарош, ки шабеҳи тоторҳо шавам, мисли як бомб! Баъд мӯйи дурушт месабзад!

– Холаҷон читуранд-ҳ?

– Бад не, мегузарад рӯзаш. Дина мулоқоти майорхонум рафта буд. Як рублаш доданд.

– Аҳ-ҳа. Як рубл. Гӯшатонро, лутфан, як тараф бигиред-ҳ,!

– Гирифтам... Захмӣ накунӣ, нигаҳ кун! Ох, дард кард! Аз мӯйҳоям накаш.

– Чизе нашудааст-ҳ. Ногузир, кори мо ҳамин... Анна Эрастовно чӣ тур, хуб аст?

– Духтарам? Бад не, гаштааст давутоз карда. Ҳамин чоршанбе номзадаш кардем, ба Шейкин. Чиро наёмадӣ?

Қайчӣ аз чук-чук мемонад. Макар Кузмич даст пойин мекунад ва муҳаййаҷ мепурсад:

– Кӣ фармудед, номзад шуда?

– Кӣ? Анна!

– Яъне чӣ гуна-ҳ? Бо кӣ?

– Бо Шейкин, Прокофий Петруф. Аммааш дар кӯчаи Злотоустенски кадбонуст. Хонуми хубест. Табъан, ҳама хушҳолем, Худоро шукр. Ҳафтаи дигар ҷашни арусӣ. Ту ҳам биё, як ҷо лаззат мебарем.

– Ин чӣ хел мешавад, Эраст Иванич? – мегӯяд.

Макар Кузмичро рангаш паридааст, ҳангу манг асту китф дар ҳам мекашад. – Магар мумкин аст чунин коре? Ин... ин аслан имкон надорад! Охир Анна Эрастовно... охир ман... охир ишқе доштам ба ӯ, орзуву нийяте доштам. Чӣ тур шуд ин?

– Ҳамин хел. Гирифтему номзадаш кардем. Каси хубест.

Дар сару рӯйи Макар Кузмич арақи сард медамад. Қайчиро рӯйи миз гузошта, бо мушт бинияшро молидан мегирад.

– Ман дар орзуе будам... – мегӯяд ӯ. – имкон надорад ин, Эраст Иванич! Ман... ман ошиқи ӯям, ба ӯ арзи дил ҳам карда будам... Ва холаҷон ҳам дилбаумедам карда буданд. Ман ҳамеша шуморо муҳтарам доштаам, чун қиблагоҳиям будед... доим мӯю ришатонро маҷҷонӣ метарошам... Шумо ҳамеша аз ман илтифот медидед ва, ҳангоме падарам даргузашт, шумо як дивану даҳ рубл аз ман гирифтед, аммо ҳич фикри бозгардонидан накардед. Ёдатон ҳаст?

– Оре! Касе фаромуш накардааст! Аммо, Макарҷон, тую домодӣ – яъне чӣ? Магар воқиъан зеби домодӣ дорӣ? Не пуле, не исму расме, шуғлат ҳам ҳавой...

– Магар Шейкин пулдор аст?

– Шейкин саркор аст дар ширкати таъовунӣ. Ҳазору пансад рубли супурда дорад. Ана, ҳамин хел, додарам... Хоҳию нахоҳӣ, кор дига бекор; ҳама ҷобаҷо. Оби рафта ба ҷӯй бар нагардад, Макарҷон. Фикри аруси дигаре кун... Як дари баставу сад дари боз. Ох, магар хобӣ, биё қайчӣ зан! Чӣ истодаӣ?

Макар Кузмич хомуш аст, беҳаракат, онгоҳ даст ба ҷайб бурда, рӯймолчаашро берун меораду шуруъ мекунад ба гиристан.

– Ох, чӣ шудааст! – тасаллояш медиҳад Эраст Иванич. – Бас кун! Инро бибин, оҳу воҳаш таврест, ки мегӯйӣ, занак бошад! Ту сари мана сарришта кун, баъд ҳарчи дилат хоҳад, гиря кардан гир. Гир қайчиро!

Макар Кузмич қайчиро мегирад, лаҳзае бо беҳавсалагӣ ба он менигараду парташ мекунад рӯйи миз. Дастонаш меларзанд.

– Наметавонам! – мегӯяд ӯ. – Дастам намеравад, маҷолам нест! Чӣ бадбахтам ман! Ва Анна ҳам бадбахт аст! Мо ҳамдигарро дӯст медоштем, паймон баста будем бо ҳам, ин ҷоҳилону ҷабборонанд, ки моро аз ҳам ҷудо кардаанд. Эраст Иванич, лутфан, аз ин ҷо берун! Ман тоқати дидори шуморо надорам.

– Пас, фардо меоям, Макарҷон. Тарошу хароша фардо анҷом медиҳӣ.

– Бошад.

– Ту ором шав ва ман саҳарӣ, барвақттар сар мезанам.

Эраст Иваничро ними сар теғзадаи урён, монанди табъидиҳост. Ноҳинҷор аст ин шаклу шамоил албатта, аммо чӣ чора? Сару гарданро ӯ шолпеч карда, аз сартарошхона берун меояд. Макар Кузмич, ки боз танҳост, менишинаду хомуш гиряро давом медиҳад.

Рӯзи дигар, дар каллаи саҳар Эраст Иванич боз пайдо мешавад.

– Шумо чӣ мефармоед-ҳ? – аз ӯ мепурсад Макар Кузмич сарду сатҳӣ.

– Тамом кун, Макарҷон, нимкоракоратро. Нисфи сарам нотарошида.

– Лутфан, аввал ҳаққи кору баъд кор. Сари ҳич касро бе пул наметарошам-ҳ.

Эраст Иванич сухане нагуфта, ғурфаро тарк мекунад ва то ҳоло ҳам ниме аз мӯйи сараш дарозу ниме ҳам кӯтоҳ. Ӯ пул додану мӯйи сар гиририфтанро як харҷу исрофкории беҳуда мешуморад ва умедвор аст, ки мӯйҳои ними сари тарошидааш ҳам замоне рушд карда, расо мешаванд. Дар ҷашни арусии духтараш низ бо ҳамин сурату сумот айш кард.

*1883*

## ЗЕБОӢ I

Ёд дорам, дар синфи V ё VI-и гимназия мехондам ва бо бобоям аз деҳаи Болшое Крепкое, устони Дон, ба Ростови Дон мерафтем. Як рӯзи моҳи август буд, басо гарму беҳолкунандаву дилгир. Аз тафи ҳавои хушку сӯзон, ки пешорӯйи мо абри ғубор медамонд, чашмҳоямон оҷиз ва даҳонҳо хушк мешуд; касеро ҳавсала набуд, ки дидаву даҳон боз кунад, ба андеша биравад; ва вақте аробакаши хоболуд, Карпои хохол, дар итоб ба аспҳо, бо тозиёна бар кулоҳи ман зад, эътирозе ҳам накардам, ҳарфе нагуфтам, танҳо, ки пинакамро паронда буд, нарму маҳзун ба дуриҳо нигаристам: оё аз миёни ин гарду ғубор ободие менамояд? Мо дар Боғчаи Салоҳ – як деҳкадаи бузурги арманнишин, дар манзили армание доранда, ки ошнои бобоям буд, таваққуф кардем, то аспҳоямонро обу дон диҳем. Ман дар умрам чунин шамоили ғароибу карикотуриеро, ки ин арманӣ дошт, надида будам. Тасаввур кунед, як каллаи майдаву пок тарошида бо абрувони анбуҳи овезон, бинии нӯлимурғмонанду бурутҳои дарози сапед ва даҳоне паҳн, ки аз он чубуқи дарози чӯби олу берун ҷаста; ин каллаяк бо як бадсалиқагие болои андоми лоғару хамзадаи ӯ насб гардида. Дар тан либоси аҷоибе дошт: камзули кутоҳи сурху шалвори фарохи кабуди равшан; вақте ин тимсол роҳ мерафт, пойҳояшро аз ҳам кушод медошт ва кафшҳо ба ҳам мезад, асдои гуфтор низ чубуқро аз даҳон намегирифт, аммо ҳайсияти арманиёнаи хешро ҷиддан муроот мекард: лабханд намезад, чашм намепесонд ва мекӯшид, то ҳадди имкон, ба меҳмононаш кам эътибор диҳад.

Ҳуҷраҳои манзили ин арманӣ агарчи орӣ аз гарду бод менамуд, вале мисли он саҳрову он роҳи паймудаи мо номатбуъу нафасгиру риққатбор буданд. Ёд дорам, ки ман саропо хоку гарди саҳро ва шалпар аз гармо, дар гӯшае болои як сандуқи сабз менишастам. Аз деворҳои чӯбии рангнокардаву ҷевону фарши тахтагии сурхгун бӯйи дарахти аз офтоб хушкидаю сӯхта меомад. Ҳар ҷо ки бингарӣ, магас буд, магас буду магас... Бобою арманӣ оҳиста суҳбат мекарданд – аз чарогоҳ, аз ангору гӯсфандон... Ман медонистам, ки як соъат сарфи самоваргиронӣ хоҳад шуд ва низ бобо на камтар аз як соъати дигар чой нӯшида, он гаҳ ду ё се соъат мехобад, ки чоряки рӯзи ман аз ин интизор талаф хоҳад шуд; сипас боз гармии сӯзандаву гарду боду бардорузанҳои роҳ. Ман, ки садои ғур-ғури ҳардуро мешунидам, ин дам гӯиё ба назарам намуд, ки ин марди арманию ҷевони зуруфу

магасҳою тирезаро, ки омоҷи офтоби сӯзон шудаанд, муддатҳост дидан дорам ва дар ояндаҳои ниҳоят дур дигар наметавонам бибинамшон ва маро нафрате ба дашт, ба офтобу ба магасҳо фаро гирифт...

Хохолзани рӯмолбарсар лаълии зарфҳо ва сипас самоварро овард. Арманӣ ботаҳаммул ба роҳрав баромаду фарёд кард:

– Машия! Биё чой бирез! Куҷостӣ? Машия?

Садои қадаммонии саросема омад ва ба ҳуҷра духтараке шонздаҳсола, пироҳани содаи чит бар тан ва рӯмолаки сафеде ба сар ворид шуд. Зарфҳоро тамиз мекарду чой мерехт; ӯ пуштбаҷониби ман меистод, мутаваҷҷеҳ шудам, ки камаре борик дораду пойбараҳна аст ва пову панҷаи нозуки урёнашро поҷомаи дарозаш пинҳон медошт.

Соҳибхона даъват ба чойнӯшиям кард. Пушти миз нишаста, ба чеҳраи духтарак, ки истакони чой дарозам мекард, нигаристам; ҳамин дам яқин ҳис кардам, ки бар руҳи ман насиме вазиду ҳама куфти роҳро бо малолату гарду хокаш пок рӯфту бурд. Ман ба қиёфаи ҷодуии чеҳраи зебое мутаваҷҷиҳ шудам, ки назирашро ҳаргиз дар хобу бедориям надида будам. Аз нигоҳи нахуст, чунонки ламъаи баркро пай мебарӣ, дарк кардам, ки пешорӯйи ман бонуи зебое меистод.

Ҳозирам савганд хӯрам, ки Маша ё худ, ба қавли падараш – Машия, воқиъан мазҳари ҳусн буд, аммо инро наметавонам собит кард. Гоҳо бувад, ки абрҳо дар уфуқ берабт ба ҳам меоянд ва офтоб, ки пушташон пинҳон мемонад, ононрову осмонро ба анвоъи рангҳо мерояд, ҳамчун: арғавонӣ, норинҷӣ, тилоӣ, бунафшу гулобии хира; як шаҳоб монанд ба роҳиб аст, дигаре чун моҳӣ, сеюмӣ, гуфтӣ, туркест аммомабарсар. Андар сеяки осмон шафақ алам задааст, шуъояш дар салиби калисову тирезаҳои кохи ашроф мутаҷаллист, бар рӯду кулмакҳо партав андохта, дар пайкари дарахтон меларзад; дар дуриҳои дуру зери партави шафақ селаи мурғобиҳои ваҳшӣ куҷое парвоз доранд, то шаб гузаронанд... Ҳам чӯпонбаччаи саҳро, ҳам он тарроҳи замин, ки савори аробаи чаҳорчарха аз сарбанд гузар дорад ва ҳам арбобони бо фароғи бол дар сайру гашт – ҳама ба ғуруби офтоб менигаранд ва ҳар яке аз онҳо пай мебаранд, ки он зебои маҳшар аст, аммо ҳич як намедонанд ва наметавонанд бигӯянд, ки ҳама ин дилрубоӣ аз чисту чирост.

Ва фақат ман набудам, ки камоли ҷамоли духти арманиро пай бурда бошад. Бобоям, пири ҳаштодсола, марди густоху хашан,

бетаваҷҷуҳ ба занону зебоии табиъат, як дақиқаи расо ба Маша нигаристу пурсид:

– Ин духтари шумост, Овит Назарич?

– Духтарам. Оре духтари ман... – посух дод хонахудо.

– Бонуи хушрӯ, – ситуд бобо.

Ҳусни духти арманро мусаввир шояд намунаи классикию барҷаста унвон мекард. Ва ин маҳз ҳамон зебоие буд, ки бо муроқаба ба он Офаридгор аз ҷое пайғом мерасонад, шуморо итминон медиҳад, ки як сиришти расову дақиқеро нозир ҳастед: ҳам мӯйҳояш, ҳам чашму бинию даҳонаш, ҳам гардану пеши бар ва ҷумла ҳаракоти ин пайкари ҷавон бо ҳамоҳангии томму таносуби тамом рехта шудаанд, ки табиъат дар ҷузъитарин ваҷҳи он хато накардааст; маълум нест чиро шумо мепиндоред, ки занҳои идеолии зеборо бояд бинияшон маҳз ҳамин гуна бошад, чунонки Машарост – бинии росту андаке гурмдор, ва ҳамин гуна чашмҳои калони сиёҳ, низ ин гуна мижгонҳои дароз, чунин нигоҳи пурхумор, ки ҳамчун мӯйҳои сиёҳи марғуладору абрувонаш бар лабу рухсори нозуку сафеди ӯ муносиб уфтодаанд, гӯйӣ ҳамчу найи сабзе бар дарёчаи ором; гардани сапеди Маша ва пистонҳои навбараш бакундӣ гуволидаанд, аммо, то он ки ин ҳамаро муҷассам сохт, бояд шумо ҳатман аз маҳорату истеъдоди бузурги бадеӣ бархурдор бошед. Чун ба ӯ менигаред, хоҳунахоҳ шуморо майле ёр мешавад, ки Машаро ягон чизи ғайриодии гуворою самимию зебое бигӯед, мисли худи ӯ.

Аввалҳо таассуф мехӯрдаму хиҷолат мекашидам, ки Машия бар ман ҳич таваҷҷуҳ намекунад ва ҳамеша чашм сӯи замин аст; ба назарам, кадом як фазои хосси саъодатбору пурғурур ӯро аз ман дур ва рашкомез аз нигоҳҳоям паноҳ медошт.

Ва андешидам: «Ин аз он аст, ки ғуборолудаву офтобсӯхтаам; ва низ аз он ки ҳанӯз баччаам»..

Ҳаройина кам-кам худро аз ёд бурдам ва куллан таслими эҳсоси зебоӣ шудам. Акнун озурдагии бодияву туфони ғуборашро ҳис намекардам, виз-визи магас намешунидам, таъми чойро намефаҳмидам ва ҳушам танҳо маътуфи он буд, ки дар он тарафи миз зебодухтаре истода.

Ин зебоиро як гуна аҷиб ҳис мекардам. Маша бар ман на иштиёқе, на ваҷду шаъафу лаззате, балки, агарчи гуворо ҳам буд, як ҳузни вазнин бармеангехт. Ин ҳузни маҷҳул буд, пуризтиробу тира, ҳамчун як руъё. Аз чӣ буд, ки ман барои хештан, ҳам барои бобову ин

марди арману ҳам ин духти арман афсус мехӯрдам ва ҳиссе доштам, ки гӯиё мо ҳар чаҳор кудом як чизи шойиставу боястаеро барои зиндагӣ аз даст додаему дигар ҳич гоҳ пайдояш карда наметавонем. Бобоям низ маҳзун шуд; дигар аз чарогоҳу аз гӯсфандон ҳарфе намезад, хомушу андешаманд ба Маша менигарист.

Баъди чой бобо хоб рафт, аммо ман аз хона бурун омадаму дар айвонча нишастам. Саройи арман чун дигар хонаҳои Боғчасалоҳ дар теғаи офтоб меистод; дарахте набуд, шипангеву сояе ҳам. Ҳотаи бузурги сарой, ки дар он анбуҳи шӯраву гулҳои ваҳшӣ сар кашида буд, пурҷунбуҷӯш буду саршор аз ваҷду нишот. Дар паси як чиғбасти начандон баланд, ки аз ин сӯву он сӯи ҳавлии бузург мегузашт, хирман мекӯфтанд. Перомуни сутуне, ки дар миёнаи хирманҷо зада буданд, дувоздаҳ асп медавид, ки як саф, чун доираи тавиле баста шуда буданд. Дар бари онҳо марди хохоле бо камзули дарозу шалвори фарох мегашт, тозиёна мезаду бо оҳанге фарёд мекашид, ки гӯиё мехост аспҳоро тамасхур кунад ва бар онон қудрат намоиш диҳад.

– Оҳ-о-ой, шайтонҳо! Ҳ-о-о-й... офатзадаҳо! Магар ҳаросе доред?

Аспҳо, сурхрангу сапеду гулибодом, дарк намекарданд, ки чиро онҳоро дар ҷое маҷбур ба ҳамвора давр задан мекунанд ва дили нахоҳам, дақиқан ба иҷбор медавиданду ранҷида дум меҷунбонданд. Бод аз зери суми онҳо абри ғализи коҳрезаҳои тилоие мебардошту рӯ ба чиғбаст, ба дуриҳо мебурд. Дар назди кӯҳи ғарамҳои нав ҷамъияте аз занон чоршохаҳо дар даст саргарми кор буданду аробаҳо гардиш мекарданд; низ дуртар аз ғарамҳо, дар ҳавлии дигар, гирди сутун ҳамин фирқа галаю ба ин монанд як хохол тозиёна мечархонду аспонро истеҳзо мекард.

Пиллаҳое, ки болои онҳо менишастам, тафсон буданд; бар панҷараҳои борику чорчӯби тирезаҳо ҷо-ҷо шираи чӯб таровида буд; зери пиллаҳову андар обраҳаҳо гамбусакҳои сурхгун дар рахтҳои соя зичу анбуҳ ҷамъ омада буданд. Офтоб сару синаву пушти маро мегудохт, ки парвое аз ин надоштам ва фақат ҳис мекардам, ки аз пушти сарам, дар роҳравҳо, ҳуҷраҳо, рӯйи фаршҳои тахтагин пойҳои урён тап-тап мекарданд. Пас аз ғундоштани зуруфи чойхӯрӣ, Маша аз пиллаҳо давида, боде ба машоми ман вазонду чун парандае ба хонаяки илҳоқии дудхӯрда парид, ки бояд ошпазхона буда бошад, ки аз он ҷо бӯйи баррабирёну садои пурхашме ба лаҳҷаи арманӣ меомад. Духтар пушти дари сиёҳ ғайб зад ва дар остона ба ҷойи ӯ арманизане намудор гашт – солхӯрда, хамзадаву сурхчеҳра; шалвори сабз дошт.

Пиразан ошуфта буд ва касеро сарзаниш мекард. Базудӣ дар остона Маша пайдо шуд, гулгун аз тафи ошпазхона ва нони ҷавини бузурге бар дӯш; бори нон ӯро зебо хамонида буд ва аз саҳни ҳавлӣ чиғбастҳоро гузашта, ҷониби хирманҷо давиду ба абрҳои тилоии коҳрезаҳо ғута зада, пушти аробаҳо нопадид шуд. Он хохол, ки аспҳоро меронд, тозиёнаашро ба замин андохт, сокит шуд ва дақиқае хомушона сӯи аробаҳо нигарист, сипас, вақте духтари арман дубора дар назди аспҳо рух намуду аз чиғбастҳо радд шуд, ӯ вайро бо нигоҳаш гуселонд ва ба аспҳо бо оҳанге фарёд зад, ки гӯиё ниҳоят маҳзун аст:

– Илоҳо дар ҷарӣ паред, шаётини нопок!

Ва ман садои пайваста бараҳнапоймониҳои ӯро шунидам ва дидам, ки чӣ гуна бо чеҳраи ҷиддиву мушавваш рӯйи ҳавлӣ равуо мекард. Вай гоҳе аз пиллаҳо медавид, маро бод дода, гоҳе ба ошпазхона, гоҳ ҳам ба хирманҷо, гоҳ ба беруни дарвоза; ва ман ба сахтӣ фурсати сарпечдодан меёфтам, то ки ӯро муроқабат кунам.

Ва ҳар қадар ки ӯ бо ин камоли латофат пеши чашмони ман намудор мегашт, ҳамон адоза ҳузни ман боло мегирифт. Ҳам ба ҳоли хеш ва ҳам ба ҳоли духтару ҳам ба ҳоли он хохол, ки ҳар бор ӯро вақте аз миёни абри каҳрезаҳо ба суи аробаҳо медавид, маъюсона бо нигоҳ мегуселонд, дилам месӯхт. Ва магар ин зебоии ӯ муҷиби рашки ман буд ё ман аз он афсус мехурдам, ки ин духтар аз они ман несту ҳич гоҳ ҳам аз ман нахоҳад шуд, ё ин ки ман барояш бегонаеам, ё ба таври мубҳам ҳис кардам, ки ин ҳусни беназири вай чун дигар ашёи замин як амри тасодуф асту нолозиму нопойдор, ё ки, иҳтимол, ин ҳузни ман он ҳисси махсусе буд, ки дар инсони муроқиб ба зебоии воқеъӣ барангехта мешавад, ки ҷуз Офаридгор донаду бас!

Се соъати интизорӣ ноаён гузашт. Ба назарам намуд, ки ҳануз фурсати дуруст нигаристани Маша нарасида буд, ки Карпо ба дарё рафту аспро шусту, ҳайҳот, шуруъ кард ба бастан. Аспи ҳанӯз обчакон аз ҳаловат хир-хир мекарду бар сутун сум мезад. Карпо ба асп фарёд зад – «ба а-қиб!».. Бобо бедор шуд. Маша дарвозаро бо садои ғич-ғич ба рӯйи мо боз кард, мо ба аробаи чорчарха савор шудему аз сарой берун омадем. Сокит мерафтем, гӯиё аз ҳам ранҷише доштем.

Вақте ду ё се соъат пас аз дуриҳо Ростову Нахчувон намудор шуд, Карпо, ки тамоми роҳ хомуш буд, ҳаяҷонзада нигоҳе карду гуфт:

– Ҳай нозанин буд ин духтари арман!

Ва тозиёнае бар аспҳо зад.

## ЗЕБОӢ II

Бори дигар, замони донишҷӯӣ, ман бо қатор ба самти ҷануб озим шудам. Моҳи май буд. Дар як истгоҳ, гумонам, миёни Белгороду Харкуф, ман барои гаштзанӣ аз вагон ба платформа баромадам.

Дар боғчаи истгоҳ, дар платформу дашт акнун сиёҳии шаб уфтода буд; вокзалро шафақи шом фаро мегирифт, аммо аз авҷи ҳалқаҳои дуде, ки аз паравози ба ранги сурх ранткардашуда боло мешуд, аён буд, ки офтоб ҳанӯз рух панаҳ накардааст.

Ман қадамзанон пай бурдам, ки дигар мусофирони гардишкунанда ҳам аксар мегаштанду баъдан фақат дар назди як вагони клосси дуюм бозмеистоданд, мисле дар ин вагон кудом як каси номдоре нишаста буд. Зимнан, ҳамсафари ман як афсари тӯпхонаӣ, ҷавони хирадманду самимиву ситорагарме буд, ки мисли ҳама сафаракиҳо тасодуфану мухтасаран ошно шуда будем; ӯ низ аз зумраи кунҷковоне буд, ки ман дар назди ин вагон вохӯрдам.

– Чӣ ҳаст ин ҷо, ки тамошо доред? – пурсидам.

Ӯ посухе надод ва бо аломати чашм сӯи як пайкари занона ишора намуд. Вай ҳануз як духтари ҷавон буд, ҳудудан ҳабдаҳ – ҳаждаҳсола, пироҳани русӣ ба бар дошт, бо сари бараҳна ва сарандози тӯрии занона, ки бепарвоёна ба як китф партофта; на мусофир, балки мебояст, духтар ё хоҳари сардори истгоҳ буда бошад. Назди тирезаи вагон меистод ва бо кадом як хонуми миёнсоле суҳбат мекард. То фурсати пешқазоватӣ ёбам, ки чӣ тасвире рӯбарӯям аст, якбора маро ҳамон ҳиссе фаро гирифт, ки як замон дар рустои арманӣ таҷриба карда будам.

Ин духтар басо соҳибҷамол буд, ба ҳусни расои ӯ бояд на ман ва на афроди дигаре, ки якҷо ба ӯ менигаристанд, шакк мекардем.

Маъмулан, агар зоҳири ҷузъуҷузъи ӯро васф кардан шояд, он гоҳ воқиъан мӯйи малла, марғуладор, анбуҳ, парешону бар сараш бо навори сиёҳ баста, зебо буд, мобоқӣ дигар ҳама ё ноҳинҷор, ё ки хеле маъмулӣ буданд. Магар аз хӯйи хосси ишваю нозидан ё ба иллати наздикбинӣ, ки чашмони ӯ нимпӯш буданд, бинияш номусаммам чиғу саркашида ва даҳонаш кучак буду симояш низору бетаровату наҳиф, шонаҳояш тангу номутаносиб, ба синни ӯ намегуфтанд; аммо, бо ин вуҷуд, ин бону як фатонати воқеъан дилрубоеро таҷассум мекард ва ман бо муроқаба ба ӯ наметавонистам бар он эътиқод наёям, ки симои як урусро,барои он ки зебо намояд, лузуме бар рехти

мураттабу муназзам нест; гузашта аз ин, ҳатто агар ба ҷойи бинии чурри ин духтар бинии дигареро – дурусту мавзуну бенақс, ҳамчу он санами арман, мегузоштанд, он гоҳ, иҳтимол, чеҳраи вай ҳама ҳусну латофатро мебохт.

Ин бону назди тиреза меистоду гап мезад, аз ҳавои мартуби бегоҳӣ худро баҳам кашида, ҳамвора ба мо менигарист, дастонашро гоҳ ба камар мениҳоду гоҳе ҳам болои сар мебурд, то мӯйҳояшро мураттаб созад; мегуфту механдид ва ба чеҳрааш гоҳе ҳайрат нақш мебасту гоҳе ҳам ваҳшат ва ман ёд надорам, ки пайкару рӯйи ӯ як лаҳза ором гирифта бошад. Ҷумла асрору афсунгарии ӯ маҳз дар ин ҳаракоти кучаку доимии зарифаш, дар лабхандҳои нозанинаш, дар бозии ҳаргоҳинаи чеҳрааш, дар нигоҳи сареъаш ба мо, дар тавъамии малоҳати ин ҳаракот бо ҷавонию таровату покии руҳаш, ки дар лабханду оҳанги гуфтораш садо медиҳад ва дар он рағбате, ки мо худ дар баччагон, дар парандагон, дар оҳубаррагон, дар навниҳолон дӯст дорем, ҳувайдо буд.

Ин зебоии парвонаворе буд, ки ҳамвора дар боғҳо мечархаду сабук гашт мезанад, хандону хушнуд, ки ба ақли солиму ҳузн тавъам нахоҳад буд; ба назар мерасад ки месазад,бар платформ танҳо насиме бивазаду ё бороне биёяд, он гоҳ ин латофати ноустувору зудшикан ҳамчун гарди гул, ҳамоно фурӯ мепошад.

– Оҳ-ҳо... – оҳ кашиду зери лаб гуфт афсар, ҳангоме ки пас аз садои занги дувум мо роҳии вагони худ шудем.

Аммо ин «оҳ-ҳо». чӣ маъние дошт, наметавонам қазоват кунам.

Шояд, ки ӯ ғамгин буд ва намехост аз назди ин нигору шомгоҳи баҳорӣ ба вагони дилгир биравад ё шояд ӯ ба ман ва ҳам ба ин нигору ҳам ба худу ҷумла мусофирин, ки беҳолу бо дили нохоҳам ба суи вагонҳои худ қатор кашиданд, беихтиёр афсус мехурд. Ҳангоми гузаштан аз назди тирезаи истгоҳ, ки пушти он, телегрофисти ранпаридаи ҳиноимӯй бо мӯйи баланди марғула ва чеҳраи кандаву рухсораи барҷаста назди дастгоҳи хеш менишаст, афсар оҳе кашиду гуфт:

– Гарав мебандам, ки ин телегрофист ба ин нозанин ошиқ аст. Дар мобайни ин саҳро, зери як сақф бо ин сиришти осмонӣ зистану дӯст надоштан болотар аз тавони инсонист. Аммо, дӯсти ман, чӣ бадбахтие, чӣ масхаре, ки қоматат хамзада, мӯят жулида, чеҳраат наҳиф, дурусткору боақл бошию ба ин духтари нозанину содалавҳ, ки таваҷҷуҳе ба шумо надорад, ошиқ бошӣ! Ва ё бадтар аз ин: тасаввур

кунед, ки ин телегрофист ошиқ асту ҳамзамон оиладор ва ҳамсари вай низ ҳамин гуна пушташ дуто, жулидамӯй ва росткор аст, ҳамчун худи ӯ... Чӣ зачре!

Дар баробари вагони мо кондуктор истода буд, ба панҷараи назди майдон такя зада ва ба тарафе, ки ин духтар местод, менигарист; дар чеҳраи наҳиф, гирифтаю фарбеҳи бадҳол ва аз шабҳои бехобию бардорузани вагон абгору хастааш риққату ғуссаи амиқе ҳувайдо буд, мисле ки вай ҷавонии хеш, бахти хуш, ақли салиму покизагию ҳамсару фарзандонашро дар ин духтар медид, гӯиё вай тавбаву тазарруъ мекард ва бо тамоми ҳастӣ эҳсос намуд, ки ин духтар на аз ӯст ва низ аз саъодати муқаррарии як инсону як мусофир то ба пирии зудраси вай, бо лавандию лабу лунҷи дамидааш низ фосилаҳоест, аз замин то осмон.

Садои занги сеюм баланд шуду ҳуштак ҳам кашиданд ва қатор коҳилона аз ҷояш ҷунбид. Аз тирезаҳои мо нахуст кондуктору сарвари истгоҳ, баъд боғу он соҳибҷамол бо лабханди аҷибу зарифи тифлона намуданду пинҳон шуданд...

Чун сар ба берун оварда, ба қафо нигаристам, дидам, ки ӯ чӣ гуна бо нигоҳаш қаторро гуселонд, аз назди тирезаи платформ, ки телегрофист менишаст, гузашта, мӯйҳояшро муназзам кард ва ба боғ давид. Вокзал акнун садди мағриб намешуд, саҳро боз буд, аммо офтоб дигар нишаста буд ва бар фазои сабзу махмалии пойизӣ дуди сиёҳ силсила мекашид. Ин ҳавои баҳорию ин осмони рӯ ба торикию ин вагон андуҳбор буд.

Кондуктори ошно ба вагон даромад ва ба шамъафрӯзӣ пардохт.

***1889***

# ХУШИКҚБОЛ

Аз истгоҳи Булугое, масири хатти роҳи оҳани Николаевиски, қатори мусофирбар ба ҳаракат меояд. Дар яке аз вагонҳои дараҷаи дуюми «барои сигориҳо»., дар фазои нимторики ба вагон хосс, панҷ мусофир пинак рафтаанд. Онҳо чанд лаҳза пеш ғизо хурда буданд ва ҳоло ба пушти диванҳо такя зада, мехоҳанд бихобанд. Оромие ҳукмфармост.

Дари вагон боз мешавад ва суробе баланду ходамонанд бар сар кулоҳи сурху дар тан палтои пуркарруфарр ворид мешавад, ки хеле оперетҳо ё хабарнигоронеро аз осори Жиюл Верн ба ёд меовард.

Суроб дар мобайни вагон меистад, лаҳзае хур-хур димоғ мекашад, баъд, чашмонаш нимпӯш, бо таҳаммул ба диванҳо менигарад.

– На, ин вай нест! – меғурунгад. – Бало занад, чӣ ҳол аст ин? Чӣ қадар дилгир! Боз ҳам ин не!

Яке аз мусофирон ба суроб менигараду нидои хушҳолонае дар медиҳад:

– Ивон Аликсеевич! Дар ин ҷоҳо? Ин шумоед?

Ивон Аликсеевичи ходашакл яқ қад мепарад, чун кавданҳо ба он мусофир менигарад ваӯро мешиносаду хушҳолона ангушти ҳайрат мегазад.

– О-ҳо! Петр Петрувич! – мегӯяд ӯ. – Аз куҷоҳо? Ман намедонистам, ки шумо ҳам бо ин қатор меравед.

– Ҳолатон хуб? Сиҳату саломат?

– Бад не, фақат, падарҷон, гап сари он ки вагонамро гум кардаам; акнун мани аблаҳ ҳар чӣ мекобам, ёфтан наметавонам! Сазои ман шаллоқкорӣ ҳаст!

Ивон Аликсеевичи ходамонанд такон мехӯраду пих-пих механдад.

– Аз ин ҳодисаҳо, ки пеш мебиёд! – давом медиҳад ӯ. – Баъди занги дуюм берун рафтам, конякнӯшӣ. Нӯшидам, албатта. Баъд ба худам гуфтам, ки то истгоҳи дигар хеле роҳ аст, бад нест ки як қадаҳи дигар ҳам бизанам. Ман бо ин хаёлу нӯшонӯш, ки садои занги сеюм... мисли девонаҳо медаваму ба яке аз вагонҳо меҷаҳам. Аҳмақтар аз ман боз кӣ ҳаст? Мисли сагони дайду, ё не?

– Маълум ки хеле сархушед, – мегӯяд Петр Петрувич. – Ку, бифармоед! Мушарраф кардед!

– На-на... суроғи вагони худам меравам! Худо ёратон!

– Торик аст, метарсам, ки дар ҷое наафтед. Як дам бишинед, ба истгоҳ ки расидем, вагонатон пайдо мешавад. Бишинед!

Ивон Аликсеевич оҳ мекашаду хоҳам-нахоҳам рӯбарӯи Петр Петрувич менишинад; зоҳиран, бесаранҷом аст, гӯиё дар рӯи сӯзан бошад.

– Сафарҳо ба хайр, куҷо меравед? – мепурсад Петр Петрувич.

– Ман? Ба фазо. Сарам ба ҳадде дӯлоб аст, ки худам ҳам намедонам, куҷо меравам. Сарнавишт саргардонам кардааст, ман ҳам аз паяш равон. Ҳа-ҳа... Азизам, оё боре аҳмаққои хушбахтро во хӯрдаед? Не? Пас, бингаред! Дар пеши шумо аз хушбахттарин махлуқҳои фонӣ! Ба-ле! Дар қиёфаи ман чизе ба назар намерасад?

– Бале, маълум аст ки... шумо... як каме.

– Бояд ин лаҳза симоям хеле аҳмақона бошад! Оҳ, ҳайф ки ойина нест, то ин рӯйи рафидаи худро тамошо кунам. Ҳис мекунам, падарҷон, ки ба як аблаҳ табдил меёбам. Қасам ба виҷдонам! Ҳа-ҳа... Тасаввур мекунед, ман ба сафари моҳи асал баромадаам. Ҳоло гӯед, ки магар саги дайду нестам?

– Шумо? Зан гирифтед?

– Имрӯз, азизи дилам! Ақд бастемумустақим давидем ба қатор.

Шуруъ мешавад табрикгӯиҳову пурсишҳои маъмулӣ.

– Эҳҳа... – механдад Петр Петрувич. – Ин аст, ки ин қадар шангу қашангед.

– Ба-ле... Ҳатто барои фиреби назар атру гулоб ҳам задам. Саропо парешонам! Ташвише надорам, фикру хаёли ботил ҳам не, фақат як гуна эҳсосот... чӣ мегӯянд... шояд эҳсоси хушнудӣ? Дар умрам худро ба ин ҳадд хубу хуш ҳис накардаам!

Ивон Аликсеевич чашмонашро мепӯшад ва сар меҷунбонад.

– Ваҳ, чӣ хушбахтам! – мегӯяд ӯ. – Охир, тасаввур кунед. Ман ҳоло меравам ба вагони худ. Он ҷо, рӯйи диванчаяк, дар бари тирезаяк мавҷуде нишаста, ки мешавад гуфт, аз тори сар то нӯги по бо сидқу сафо. Сарвқомате бо бинияки... бо ангуштакони... Ҷунаки ширин аст! Фириштаи ман! Ин қадар рахшак! Шакараки ниҳоли ҷуни ман! Аммо пойҳояш! Худоё! Пойҳояш, ки на чун пойҳои моянд, балки як гуна зарифу минётурӣ, ҷодуӣ... истиъорӣ. Дил мехоҳад, ин поро бигиру бихӯр! Э-эҳ, шумоён ҳич дарк намекунед инро! Охир ҳама материалистед, ҳоло ба шарҳу баррасӣ мепардозеду ину он! Муҷаррадҳои бебаргу боред, дигар ҳиччӣ! Ҳамин ки зан гирифтед, он гоҳ ба ёд хоҳед овард! Аммо Ивон Аликсеивич, лутфан бифармоед, ки

ман ҳоло дар куҷо ҳастам? Бояд биравам ба вагони худам, бале. Он ҷо маро интизоранд, бесаброна... аз дидори ман лаззат мебаранд. Ба истиқболам лабханде... Менишинаму ҳамин тавр бо ду ангуштам аз зери манаҳаш...

Ивон Аликсеивич сар меҷунбонаду хушҳол аз ханда ғел мезанад.

– Баъд ба рӯйи шонаякаш сар мениҳию даст ба камараш мебарӣ. Медунед, атроф сокиту ором... говгуми шоирона. Дилат мехоҳад дар ин лаҳзаҳо тамоми дунёро оғӯш кунӣ. Петр Петрувич, иҷозат диҳед, шуморо оғӯш кунам!

– Хоҳиш мекунам.

Ёрони дерин дар миёни хандаи дӯстонаи мусофирон ҳамдигарро канор мегиранд ва навдомоди хушбахт давом медиҳад:

– Аммо барои аблаҳии бузург ё худ, чунонки дар романҳо зикр мешавад, барои фиреби назаре ба буфет меравию ду-се паймонаякро ба сар мекашӣ. Ин дам дар сару қафаси сина чизе ба туғён меояд, ки дар афсонаҳо ҳам нахондаӣ. Ман як одами майдаяки ночизе ҳастам, вале ба назарам, ҳич ҳадду ҳисоб надорам... Тамоми дунёро дар оғӯш мегирам.

Шодии ин навдомоди масту хушбахт ба мусофирони дигар, ки ба ӯ менигаристанд, сироят мекунад, хоб ҳам аз дидагонашон мепарад. Акнун ба ҷойи як шунаванда, пиромуни Ивон Аликсеивич панҷ нафар ҳалқа мезананд. Вай мисле рӯйи сӯзан бошад, печутоб мехӯрад, ба шавқу шӯр меояд, даст афшонида, беист пургӯйӣ мекунад. Қоҳ-қоҳ механдад ва ҳама қаҳқаҳа мезананд.

– Аз ҳама муҳим, ҷанобон, кам бояд фикр кард! Хок ба сари ин ҳама таҳлилу таксир... Дилат май мехоҳад, лутфан бинӯш, вале пӯчбофӣ чӣ лозим, ки ин музирр аст ё муфид... Гум кун ин ҳама фалсафаву равоншинохтиро!

Кондуктор мегузарад аз канори вагон.

– Оқои азиз, – рӯ меорад ба ӯ навдомод, – ҳамин ки аз вагони шумораи дусаду нуҳ рад мешавед, он ҷо бо хонуме ки бар кулоҳи хокистарияш тасвири парандаи сафедест, во мехӯред; гӯедаш, ки ман инҷо ҳастам!

– Фармонбурдорам. Аммо ин қатор вагони дусаду нуҳ надорад. Ду саду нуздаҳ дорем!

– Хуб, ду саду нуздаҳ! Фарқе намекунад! Ба ин хонум мегӯед, ки шавҳарат сиҳату саломат аст!

Ва Ивон Аликсеевич ин дам бо дастон сарашро дошта, нолиш мекунад:

– Шавҳар... Хонум... Аз кай боз? Шавҳар... Ҳа-ҳа... Сазои ту шаллоқзадан, аммо шудӣ шавҳар! Оҳ, аблаҳ! Аммо он зан! Дирӯз духтарак буд... магасаки ҳақирак... Бовари кас намеояд!

– Дар ин замона одами хушбахтеро во хӯрдан аз ҳодисаҳои нодири рӯзгор аст, – мегӯяд яке аз мусофирон. – Мисле фили сафедеро дида бошӣ.

– Бале, аммо тақсири кист? – мегӯяд Ивон Аликсеевич, пойҳои дарози хешро бо кафшҳои хеле нӯгборикаш ёзонида. – Шумо агар хушбахт набошед, гуноҳи худатон ҳаст! Бале, дига чӣ хаёл кардед? Инсон худаш офаридгори хушбахтияш ҳаст. Агар хоҳед, шумо ҳам метавонед хушбахт шавед, аммо худатон инро намехоҳед. Бо хиравойӣ хушбахтиро пушти по мезанед!

– Оббо, ин тавр ки нашудааст! Ку бигӯ, чӣ гуна?

– Хеле саҳлу сода!.. Табиъат муқаррар кардааст, ки одам дар давраи муъайяне ошиқ шавад. Ин давра, ки фаро расид, биё, бо тамоми вуҷуд ишқ варз, аммо шумо ки табиъатро гӯш намекунед, ҳамоно интизори кадом як чиз ҳастед. Баъдан... Дар ин қонун гуфта шудааст, ки ҳар инсони солиму болиғ бояд издивоҷ кунад...Бидуни издивоҷ хушбахтӣ нест. Фурсати муносиб, ки фаро расид, зан бигир, лозим нест, вақтро зоеъ кардан... Вале шумоён, ки зангир нестед! Ҳамчунон интизоред чизеро! Ғайр аз ин дар авроқ омада, ки шароб қалби одамиро нишот мебахшад... Агар шароҳ дорӣ ва дилат мехоҳад, ки боз беҳу беҳтар бошӣ, он дам, бирав буфету бинӯш. Муҳимм он ки – ба ҷои ақлпардозӣ бо ибтикор пухтупаз бояд кард! Ибтикор – бузургтарин кор!

– Шумо мефармоед, ки инсон холиқи хушбахтии худ аст. Чӣ гуна холиқ, ки марг бод ин холиқиро – бо як дандондардӣ ё гирифторӣ бо хушдомани шарир тамоми хушбахтияш каллапо мешавад? Ҳама чиз бастагӣ ба ҳодисот дорад. Ҳамин дам агар фалокате мисли тасодуфи истгоҳи Кукуевско ба сарамон ояд, аз сози шумо навои дигар бармехезад...

– Гапи беҳуда! – эътироз мекунад навдомод. – Ин фалокатҳо дар сол як бор рух медиҳанд. Ман, шахсан, аз ягон ҳодиса тарсу ваҳме надорам, зеро далеле барои вуқуъи чунин рухдодҳо нест. Инҳо ҳодисоти нодиранд! Магар ғами инро ҳам мехуред; ба гӯри бобош!

Дар ин бора ҳатто сухан гуфтан намехоҳам!.. Хуб, фикр мекунам, ба истгоҳи баъдӣ наздик мешавем.

– Шумо озими куҷоед? – мепурсад Петр Петрувич. – Ба Маскав ё тарафҳои ҷануб?

– Эҳ, саломуалейкум! Ман, ки ба шимол меравам, чӣ тавр мумкин, ки ба ҷануб?

– Маскав, ки шимол нест.

– Медонам, мо ки ҳоло ба тарафи Петербург меравем! – мегӯяд Ивон Аликсеевич.

– Лутфи шумо афзун, Маскав равонем!

– Яъне чӣ гуна ба Маскав? – таъаҷҷуб мекунад навдомод.

– Аҷиб... Билетатон барои куҷост?

– Ба Петербуг.

– Дар ин сурат, табрик шуморо. Шумо ба қатори дигар савор шудаед.

Як лаҳза сукут барпо мешавад. Навдомод бармехезад ва ба атрофиён аблаҳона назар меандозад.

– Оре, оре, – тавзеҳ медиҳад Петр Петрувич. – Иштибоҳан дар Булугое, ба қатори дигар нишастаед... Шумо, зоҳиран, баъди коняк, ночор саргаштаи қатори ҷиҳати акс шудаед.

Ранг аз рухсори Ивон Аликсеевич мепарад, сарашро миёни ду даст мегирад ва дар вагон аҷулона қадам мезанад.

– Оҳ, мани аҳмақ! – оташин мешавад ӯ. – Оҳ, мани бадҷинс, хок бар сари ман! Акнун чӣ кор кунам? Охир занам дар қатори дигар аст! Танҳост он ҷо, интизор аст маро, азият мекашад! Оҳ, мани матарсак!

Навдомод рӯйи диван меуфтад ва хиҷолат мекашад, дақиқан ӯро болои сӯхта намакоб шуд.

– Одами бадбахте ҳастам! – нола мекунад. – Ҳоло чӣ кор кунам? Чӣ коре?

– Хайр аст, хайр... – мусофирҳо дилбардорияш мекунанд. – Ҳич гап не... Шумо ба завҷаатон телегроф бифиристед, худатон ҳам саъй кунеду сари роҳ ба қатори қосид нишинед. Ба ин тартиб, шумо вайро дарёб мекунед.

– Қатори қосид! –гиря мекунад навдомоди «халлоқи хушбахтии хеш».. – Пул аз куҷо барои қатори қосид? Ҳама пулам дар дасти занам!

Мусофирҳо, пич-пичкунону хандон барои ин хушиқбол ҳарифона пул ҷамъ мекунанд.

*1886*

# ГУРЕЗА

Ин як ташрифоти тулонӣ буд. Ибтидо Пашка бо модараш дар зери борон мерафт, гоҳе аз киштзорҳои даравшуда, гоҳ ҳам аз пайраҳаҳои беша гузар намуда, ки баргҳои зард ба мӯзаҳояш мечаспид, то он дам ки субҳ дамид. Сипас ӯ ҳудудан ду соъат дар даҳлези торик мунтазир истод, ки билохира, дарро боз кунанд. Даҳлез гармтару хушктар аз берун буд, вале чун шамол меомад, қатраҳои борон ба ин ҷо низ мепарид. Даҳлез, ки кам-кам пур аз мардум шуд, онгоҳ Пашкаи батангомада рӯяшро ба пӯстини кадом як кас, ки аз он бӯйи тези моҳии шӯр меомад, часпониду ғанаб рафт. Инак ғалақа садо доду дар боз шуд ва Пашкаю модар вориди қабулгоҳ шуданд. Ин ҷо ҳам интизорӣ тул кашид. Беморон рӯйи курсиҳо менишастанд, ҳама сокит, касе ҳам намеҷунбид. Пашка ба онҳо менигарист; ӯ ҳам хомуш буд, гарчи басо чизҳои ғароибу музҳике мушоҳада кард. Танҳо як бор, вақте ба қабулгоҳ марде бо як по ҷаҳида, ворид шуд, Пашка низ ҳаваси рӯйи як по паридан кард; ӯ бо оринҷ модарро такон доду зери остинаш ҳир-ҳир хандида, гуфт:

– Модар, нигоҳ кун: гунҷишк!

– Ором шин, бачча, хомуш! – гуфт модар.

Аз пушти тирезаи кучак чеҳраи хоболӯди пизишкёре пайдо шуд.

– Биёед ба номнависӣ! – фарёди ғурру ғавсе кард ӯ.

Ҳама, аз ҷумла он моризи хандавораи якпоямеҷаҳида, пеши дарича саф оростанд. Пизишкёр аз ҳар кадом ному насб, синн, ҷойи зист ва муддати касалию дигар чизҳое мепурсид. Пашка аз посуххҳои модар дарёфт, ки номаш на Пашка, балки Павел Галактионуф буда, ҳафтсола, бесавод ва аз иди писхо то ҳол мариз аст.

Баъди номнависӣ, боз каме рост истодан лозим меомад: бо пешдомане сафеду дастпоккуни зери камар доктор аз қабулгоҳ гузашт. Ба ҷавоне, ки рӯйи як по меҷаҳид, наздик шуда, китф дарҳам кашид ва бо овози сурудмонанд гуфт:

– О, аҳмақе! Ё аҳмақ нестӣ? Нагуфтамат, душанбе о, аммо ту рӯзи ҷумъа меойӣ. Боройи ман аслан наё, аммо, ай коно, поятро аз даст медиҳӣ!

Чеҳраи ҷавон чунон раҳмовар гашт, ки гӯиё гадоӣ мекарда бошад; чашм ба ҳам заду гуфт:

– Ба ман марҳамате кунед, Иван Миколаич!

– Ин фоида надорад – Иван Миколаич! – ӯро тақлид кард доктор. – Гуфтанд, ки душанбе, бояд гӯш кунӣ. Аҳмақ ҳастӣ, вассалом.

Муоина шуруъ шуд. Доктор дар ҳуҷраякаш нишаста, бо навбат беморонро садо мекард. Аз ҳуҷра гоҳе нолаҳои гӯшхарошу гиряи кӯдак ва ё нидоҳои ошуфтаи доктор шунида мешуд:

– Э-э, чӣ фарёд мекашӣ? Намекушамат, ки? Ором бинишин!

Навбати Пашка расид.

– Павел Галактионуф! – садо кард доктор.

Модар аввал гаранг шуд, мисле ин даъватро интизор надошт, сипас дасти Пашкаро гирифту ворид шуд.

Доктор пушти миз менишаст ва худ ба худ бо як чакушак ба рӯйи китоби захиме мезад.

– Чӣ шуда? – мепурсад ӯ, бе ин ки ба ин навворидшудаҳо нигоҳе кунад.

– Ин ҷавонак оринҷаш ҷароҳат карда, олиҷаноб, – посух дод модар, ки чеҳрааш чунон тира шуд, ки гӯиё вай воқеъан то мағзи ҷон барои ҷароҳати Пашка маҳзун аст.

– Каш либосҳоша!

Пашка уф-уф карду шоли гарданашро боз намуд, баъд бо остин бинӣ пок карду оромона пӯстинашро кашидан гирифт.

– Э занак, ба меҳмонӣ, ки наомадаӣ! – қаҳромез гуфт доктор. – Чӣ кор мекунӣ? Ин ҷо ки фақат ту нестӣ.

Пашка осема пӯстин ба замин андохт ва бо кумаки модар пироҳан бурун овард. Доктор коҳилона ӯро нигаристу ба шиками бараҳнааш тап-тап зад.

– Муҳим ки, бародар, Пашка, шикам мондаӣ, – гуфт ӯ ва нафаси амиқ кашид. – Хуб, ҳоло оринҷатро бинамой.

Пашка нимнигоҳе ба табақи оби хунолуд андохт, ба пешдомани доктор нигаристу гирист.

– Ҳӣ-ӣ-ӣ! – шӯрид доктор. – Баччаи шӯх, зангир шудаасту доду фарёдаша бин! Беҳаё.

Пашка саъй кард, ки нагиряд, ба модар нигарист; дар лавҳи нигоҳаш илтиҷое рақам зада буд: «Боз дар хона нагӯйӣ, ки назди пизишк гиря кардам!».

Доктор оринҷи Пашкаро боздиду фишор дод, оҳе кашиду лаб фишурд ва баъд боз ламс кард.

– Хонум, сазои ту куттак аст, ки касе нест, бизанад, – гуфт ӯ. – Чиро баччаро пештар наёвардӣ? Дасташ, ки барбод шудааст! Нигаҳ кун, беақл, иллат дар ин мафсал аст!

– Шумо беҳтар медонед, бузургвор... – оҳ кашид модар.

– Бузургвор! Дасти ҷавонро фосид кардию ҳоло бузургвор! Бе даст чӣ гуна коргарӣ мекунад? Акнун як умр парастораш мешавӣ. Дар нӯги бинияш агар донаяке ҷӯш занад, фаврӣ ба беморситон медавӣ, вале шаш моҳ ин ҷониб бозуи бачча фасод кардааст. Ҳаматун ранги якдигаред.

Доктор сигор равшан кард. Вақте сигор дуд мекард, вай занро сарзаниш мекарду сарашро бо ҳавои суруде такон медод, ки дар хаёлаш мехонд ва ҳамчунон аз чӣ чизе меандешид. Пашкаи бараҳна пеши ӯ меистод, гӯш мекарду ба дуди сигор менигарист. Чун сигор тамом шуд, доктор руҳ гирифту бо садои нарм ба гуфтор омад:

– Ҳоло, гӯш кун, хонум. Малҳаму қатраи даво илоҷ намешавад. Баччаро бояд дар бемористон гузорӣ.

– Зарур бошад, раво бошад, доктор; чиро нагузорем?

– Ӯро мо ҷарроҳӣ мекунем. Ту Пашка, бимон ин ҷо, – гуфт пизишк, дасти навозиш ба китфи ӯ гузошта.

– Бигзор модар равад, вале мову ту, бародарам, ин ҷо мемонем. Ин ҷо назди ман хуб аст, бародар, нуран ъало нур! Ҳамин ки беҳтар шудӣ, ҳардуямон меравему саъва мегирем, туро рӯбоҳе нишон медиҳам! Ҳамроҳ меҳмунӣ мерем! Ҳо? Мехоҳӣ? Модарат ҳам пагоҳ пешат мебиёд! Ҳо?

Пашка суоломез модарро нигарист.

– Бимон, баччам! – гуфт ӯ.

– Мемунад, албатта мемунад! – нидои хушрӯ кард доктор. – Ҷои чунучиро нест! Ман ба ӯ рӯбоҳи зиндаро нишон медиҳам! Бо ҳам бозор мерем обинаботхарӣ! Мария Денисовна, эшунро бибаред ба боло!

Доктор, зоҳиран, марде буд зиндадил ва як андоза хушрафтору хушгуфтор, Пашка аз мулоқоташ шод буд; мехост ки ба ӯ арзи сипос кунад, хусусан ки дар умраш бозорро надида буд ва ҳам хеле мехост, ки рӯбоҳи зиндаро низ бибинад. Аммо модар – бидуни модар чӣ кунад? Каме андешиду тасмим гирифт, ки аз пизишк хоҳиш кунад, то модараш ҳам дар бемористон бимонад, вале то лаб во кард, ки хонуми пизишкёр ӯро аз пиллаҳо боло бурд. Мерафту бо даҳони воз атрофро менигарист. Пиллаҳо, фаршҳои чӯбӣ ва паҳлӯдариҳо – ҳама бошукуҳ,

фароху равшан – бо ранги зарди зебое ранг шуда буданд ва аз онҳо бӯйи гуворои равғани рустанӣ меомад. Дар ҳама ҷо чароғ овехтаву фарш густарда буданд, лӯлаҳои мисии об дар деворҳо насб буд. Аммо аз ҳаме беш ба Пашка рахти хобаш, ки кампали дурушти хокистарӣ дошт, писанд омад. Вай болишту лиҳофҳоро даст расонд, ба ҳуҷра назар андохт ва натиҷа гирифт, ки доктор зиндагии хубе дорад. Ҳуҷра бузург набуд, се рахти хоб дошт. Як рахт холӣ буд, дигаре ҳам аз они Пашка, дар сеюмӣ як пирамард бо чашмҳои хаста менишаст, ки ҳар замон месулфиду дар истаконе туф мекард. Аз рахти Пашка дари бози ҳуҷраи дигару бистар менамуд: рӯйи яке аз ин тахтҳо марди рангпаридаю наҳиф бар сар халтачаи каучукии пур аз ях дароз кашида буд; дар дуюмӣ як рустоӣ бо дастони бозу сари докапеч, ки шабеҳи пиразанон ҳам буд, мехобид. Пизишкёр Пашкаро шинонда, берун рафту пас аз фурсате дар бағал як даста либос баргашт.

– Ин ҳам барои ту, – гуфт ӯ. – Каш пӯшокатро.

Пашка пӯшокашро барандохту шодона либосҳои нав ба бар андохт. Пас аз пӯшидани пираҳану шалвору хилъати хокистарӣ, ӯ худписандона хештанро нигаристу фикр кард, ки чӣ хуб буд агар бо ин сарутан дар кӯчаҳои деҳа қадам мезад. Тасаввур кард, ки ӯро модараш чӣ гуна ба боғи канори дарё мефиристад, то ба хӯкбарра барги карам бичинад; ӯ омадан дорад ва писарону духтарони деҳ иҳотааш кардаанду бо ҳавас хилъаташро тамошо мекунанд.

Ба ҳуҷра парастор ворид шуд – дар даст ду косаи сафолӣ, низ ду қошуқу ду пора нон. Як косаро назди пирмард ва дуюмиро пеши Пашка ниҳод.

– Бихур! – гуфт ӯ.

Пашка ба коса нигарист; дид, ки карамшурбои серравған, як тикка гӯшт ҳам дошт. Боз ба фикраш омад, ки доктор зиндагии хеле хубу мураффаҳ дорад ва вай на он гуна аз бадқаҳрҳоест, ки дар аввал ба назараш менамуд. Шурборо дурудароз хӯрд, ҳар бор ки нӯш мекард, қошуқро мелесид, он гоҳ дар коса ҷуз гӯшт чизе намонд, ба гӯшаи чашм пирамардро нигарист ва ҳирс хӯрд, ки вай ҳанӯз хӯрдан дорад. Оҳе кашиду гӯштро ҳам бардошт ва саъй кард ки ҳар чӣ бештар нигаҳаш дорад, аммо саъяш ҳосил надод: гӯшт низ ба зудӣ тамом шуд. Танҳо пораи нон монд. Нони хушк хӯрдан лаззат надошт, амммо чорае нест, фикр кард Пашка ва нонро ҳам хӯрд. Ҳамоно парастор даромад дар даст ду косаи дигар. Ин бор дар косаҳо гӯштбирён буд бо картошка.

– Ку, нонат? – пурсид парастор. Пашка ба ҷойи посух рухсора дам карду баъд пуф кард.

– Охир чиро хӯрдӣ? – маломат кард парастор. – Гӯштбирёнро бо чӣ мехурӣ?

Ӯ рафту боз нон овард. Пашка дар умраш гӯштбирён нахӯрда буд ва ҳоло аз он он майл карда, дарёфт, ки хеле бомазза аст. Он ҳам ба зудӣ нӯш шуд ва нон боқӣ монд, порае бузургтар пас аз тановули шӯрбо. Пирамард, ки ғизояшро хӯрда буд, нони мобоқияшро дар каши мизаш гузошт; Пашка ҳам хост чунин кунад, аммо аз раъяш гашту онро хӯрд.

Баъди хӯрок вай гаштзанӣ баромад. Дар ҳуҷраи муҷовир, ҷуз он ду нафаре ки аз бари дари худ дида буд, боз чаҳор нафари дигар низ буданд. Аз инҳо танҳо як тан назарашро ҷалб кард. Вай як марди деҳотие буд баландқомат, хеле лоғару чеҳрааш тираи пурпашм; болои рахти хоб нишаста, мудом мисли лангари соъат сар меҷунбонду дасти росташро метаконд. Пашка чанд муддат аз ӯ чашм наканд. Аввал лангарисоъатвор сарҷунбониву мавзун дасттаконии ин марди деҳотӣ барояш хандаовар намуд, ки гӯиё аз хушдилӣ иҷро мекард, аммо чун ба чеҳраи вай нигарист, ба ваҳшат уфтод; дарк кард, ки ин мард мубтало ба дарди тоқатфарсоест. Чун ба ҳуҷраи сеюм гузашт, ду мардро дид рӯйҳояшон тираи сурх, гӯиё хоки сурхашон андуда буданд. Онҳо бо ин чеҳраи ғароиб дар бистарҳояшон беҳаракат менишастанд, ки душвор буд аз ҳам фарқашон кунӣ, шабеҳи худои бутпарастон буданд.

– Хола, инҳо чиро инхелиянд? – пурсид Пашка аз парастор.

– Инҳо, касали нағзак, писарҷон.

Пашка, ки ба ҳуҷрааш баргашту рӯи бистар нишаст, докторро интизор шуд, то бо ҳам бираванду саъва бигиранд ё ки бозор оянд. Аммо доктор наёмад. Назди дари ҳуҷраҳои ҳамсоя пизишкёр каме сиёҳӣ кард. Вай пеши беморе, ки дар сар халтаи ях дошт, хам шуду дод зад:

– Михайло!

Михайлои хуфта ҷунбид. Пизишкёр даст афшонду рафт. Пашка дар интизори доктор ба пирамарди ҳамсояаш нигарист. Мард беист месулфиду ба истакон туф мекард; сулфааш тулонӣ буд ва ҳам садои чиғ-чиғ дошт. Пашкаро як вижагии пирмард хуш омад: вақте ӯ месулфиду нафас мекашид, он гоҳ чи чизе дар синааш вушт мекашиду бо садоҳои гуногун танин меандохт.

– Бобо, ин чӣ аст ки дар синаат ҳуштак мекашад? – пурсид Пашка.

Пирмард ҳич посух надод. Пашка бо каме сабр боз пурсид:

– Бобо, рӯбоҳ куҷост?

– Кудум рӯбоҳ?

– Рӯбоҳи зинда.

– Куҷо хаҳад буд? Дар ҷангал!

Замони зиёде гузашт, аммо доктор ҳамоно нопайдо буд. Парастор чой овард ва Пашкаро маломат кард, ки нон намондааст баройи чой; пизишкёр боз баргашту саъй кард ки Михаилро бедор кунад; пушти тирезаҳо торикӣ меомад, дар ҳуҷраҳо чароғ равшан карданд, аммо доктор нанамуд. Акнун ба бозор рафтану саъва гирифтан дер шуда буд; Пашка рӯйи ҷогаҳ ёзиду ба фикр фурӯ рафт. Обинаботро ба ёд овард, ки доктор ваъдааш дода буд ва ҳам симову садои модарро, торикии кулбаи чӯбини деҳқонияшон, бухорӣ, пиразани шаттоҳи Егоровнаро ёд кард; ин дам ногаҳон дилгиру маҳзун шуд. Ба хотираш расид, ки пагоҳ модар пешаш меояд, лабханде заду чашмонашро пӯшид.

Аз садои хиш-хиш бедор шуд. Дар ҳуҷраи муҷовир касе қадам мезаду пасту пич-пич гап мезад. Дар партави хираи шабчароғ, назди рахти Михаил се нафар мегаштанд.

– Ӯро бо рахташ бибарем ё ҳамин тавр? – мепурсид яке аз онҳо.

– Ҳамин тавр худашро. Рахташ намегунҷад.

– Ҳай дареғ, бемаҳал мурд, Худованд раҳматаш кунад!

Яке аз шонаҳои Михаил гирифту дигаре аз пойҳояш бардошт: дастону домани ҷомаи Михаил дар ҳаво оҳиста муаллақ мезад. Сеюмӣ – ин марди занмонанд, салиб кашид; ҳар се беназокатона, бо поҳошон садо дардода ва ҳар гоҳе домани хилъати Михаилро зер карда, аз ҳуҷра рафтанд.

Аз синаи пирмарди хобида вушти оҳангҳои гуногун меомад. Пашка гӯш кард, ба тирезаи торик нигарист ва ҳаросон аз рахти хоб барҷаҳид.

– Мо-да-ар! – фарёди баланд кашид. Ва интизори посухе нашуда, ба ҳуҷраи муҷовир парид.

Шабчароғ он ҷо базӯр зулмотро соф мекард; беморон аз марги Михаил парешон, нишаста рӯйи ҷогаҳҳошон; ҷуссаҳошон ба торикӣ омехта, бо мӯйҳои жулида ҳаҷимтару баландболотар менамуданд ва бузургтару бузургтар мешуданд; дар бистари охири гӯша, ки ториктар буд, марди деҳотӣ нишаста буду дасту сар меҷунбонд.

Пашка сарфаҳми дарҳо нарафта, худро ба ҳуҷраи бемórони нағзак партофт, аз он ҷо ба роҳрав, аз роҳрав ба ҳуҷраи бузурге парид, ки он ҷо аҷубаҳое бо мӯйҳои дарозу чеҳраҳои ҳавлнок бар бистарҳо нишаста ё хобида буданд. Аз бахши занона давида, дубора ба роҳрав баромада, панҷараи пиллаи ошноро дид, ки субҳ аз он боло меомад ва пойин давид. Қабулгоҳро ин дам шинохт, ки саҳар нишаста буд ва дари хуруҷиро ҷуст. Ғалақа садо доду боди сарде ба машом расид ва Пашка дакка хӯрду ба саҳни ҳавлӣ давид. Фақат як андеша дошт – фирор кардану фирор кардан! Роҳро намедонист, аммо бовар дошт, ки агар гурезад, ҳатман ба хона, назди модараш мерасад. Шаби абрие буд, вале аз байни абрҳо моҳ медурахшид. Пашка аз пешайвон мустақим ба пеш давид, аз анбор гузашту бар буттазори анбуҳ бархурд; каме таваққуф ва андеша кард, давон дубора ба сӯи бемористон баргашт, онро давр заду ҳамоно дудила монд: дар гӯшаи бемористон салибҳои гӯристон сафедӣ мекарданд.

– Мо-дар-ҷоон! – фарёд зад ӯ ба ақиб баргашта.

Аз пушти иморатҳои тираву ҳавлнок гузашта, ӯ як тирезаро равшан дид. Ин лаккаи сурхи дурахшон дар торикӣ ҳавлнок намуд; Пашка, ки аз тарс девона шуда буду намедонист куҷо гурезад, ба он рӯ овард. Канори он тиреза пешайвоне буд пилладор, болои дари вурудияш таблояки хурди сафед; Пашка ба пиллаҳо давид, аз тиреза нигарист ва хушнудии шадиду ҷозибе дар вуҷудаш дамид. Дар тиреза доктори вақтчоқу хушкаломро дид, ки пушти миз нишаста, китоб мехонд. Аз чунин иқболи хуш хандида, Пашка ҷониби чеҳраи ошно даст дароз кард, хост, фарёд занад, аммо нерӯи ноаёне нафасашро фишурд, ба пояш зарба зад, вай бехуд калавиду рӯйи пиллаҳо уфтид. Чун ба худ омад, ҳама ҷо равшан шуда буд, ин садои барояш хеле ошно, ки дина ваъда ба сайри бозору шикори саъваю рӯбоҳаш дода буд, дар гӯшаш мехонд:

– Басо аҳмақӣ, Пашка! Ё не? Сазои ту куттак аст, ки касе нест бизанадат.

***1887***

# АННАБАГАРДАН I

Пас аз поёни маросими ақд ҳатто хӯрданию нӯшидании сабуке ҳам надоданд; арусу домод як қадаҳӣ шампан нӯшиданд ва либос табдил карданду ба истгоҳи роҳи оҳан рафтанд. Ба ҷойи ҷашни шоду хӯроки шом ва ҳам мусиқию рақс – сафари беш аз дусадфарсахӣ аз пайи анҷоми фароизӣ динӣ. Бисёриҳо инро писандида, мегуфтанд ки чун Модест Алексеич аз мақомҳои давлатист ва ҷавон ҳам нест, аз ин рӯ ҳангомаи арусӣ оростан шояд, то ҷое муносиб нанамояд; ва ба илова, вақте як корманди панҷоҳу дусола бо духтари нав солаш ба ҳаждаҳ расида арусӣ мекунад, мусиқӣ шунидан сазовор нест. Ва боз мегуфтанд, Модест Алексеич ҳамчун як шахси ба усули ахлоқӣ пойбанд, аз ин хотир ба фикри сафари савмаъа уфтод, ки ӯ ба ҳамсари ҷавонаш фаҳмонданист, ки дар издивоҷ низ авлавиятро ба мазҳабу ахлоқиёт медиҳад.

Наварусонро мегуселониданд. Ҷамъияти ҳамкорону хешовандон қадаҳ дар дастҳо, ҳаракати қаторро интизор буданд, то нидои ҳурро бикашанд; Петр Леонтичи падар, кулоҳи силиндр бар сар, фроки омӯзгорӣ ба бар, ки акнун масту пакар буд, хеле коҳида, дар даст қадаҳе, ҳар гоҳ ба тирезаи вагон майл мекарду бо тазарруъ мегуфт: – Анюта! Ания! Ания, як калимаи дигар!

Ания аз тиреза ба сӯи ӯ хам шуд ва падар, ки ҷониби ӯ бӯйи тунди шароб медамонду нафасаш ба гӯши ӯ бармехӯрд, бо садои паст сухан гуфт – ҳиччӣ фаҳмида намешуд; ӯ, дар ҳоле ки нафасаш меларзиду дар чашмонаш ашк медурахшид, ба рӯю синаю дастони духтараш салиб кашид. Аммо бародарони Ания – Петиё ва Андриюшо, шогирдони дабиристон, аз пушт фроки падарро мекашиданд ва парешону шармида бо садои паст мегуфтанд:

– Бас аст, падар, бас аст... Падарҷон, кофист дигар...

Вақте қатор ба ҳаракат даромад, Ания медид, ки падараш чӣ гуна андаке ба дунболи вагон давид, мекалавид ва шароби дасташ пош мехӯрд; ва чӣ чеҳраи маҳзуну меҳрбону маъзаратхоҳонае дошт ӯ.

– Ҳурро-о-о! – фарёд кашид ӯ.

Арусу домод танҳо монданд. Модест Алексеич куперо аз назар гузаронд, ашёро рӯйи рафҳо чид ва табассумкунон канори ҳамсари ҷавонаш нишаст. Ӯ як корманди расмӣ буд – миёнақад, дар назар танумanду фарбеҳ, хеле ҳам пурхӯрда, бо рише дар ду бари рӯйу бидуни бурут ва манаҳаш гирду барҷастаи тарошида, шабеҳи пошнаи

пой. Бурутнадоштанаш аз боризтарин аломати чеҳраи ӯ буд, ки ин маҳалли навтарошидаву урён бо тадриҷ ба рухсораҳои пурчарби мисли полӯда ларзонаш, мепайваст. Ӯ худро бовиқор нишон медод, ҳаракоташ тунд набуд, нарм рафтор мекард.

– Ҳоло наметавонам нуктаеро ба ёд наёрам, – гуфт ӯ хандида. – Панҷ соли пеш, вақте Косоротуф ордени Аннаи муқаддас дарёфт кард ва барои арзи сипос ҳозир шуд, ҳазрати олӣ чунин гуфта будаш: «Пас, шумо акнун се Анна доред: яке дар чоки гиребон ва дуе бар гарданатон».. Аммо бояд гуфт, ки ҳамон шабу рӯз, ҳамсари Косоротуф – як зани бас шаттоҳу сабуксор, ба наздаш бозгашта буд, ки ӯ ҳам Анна ном дошт. Умедворам, вақте ман ордени Аннаи дараҷаи дуро дарёфт мекунам, ҳазарати олиро баҳонае ба чунин хитоб ба ман набошад.

Ӯ бо чашмони резааш лабханде зад. Ин ҳам лабханд зад, аммо ба ҳаяҷон омад, ки мард ҳар он метавонад ӯро бо лабҳои фарбеҳу мартуби хеш бибӯсад ва дигар ӯ ҳаққи саркашӣ надорад. Ҳаракоти нарми андоми фарбеҳи вай Аннаро шадидан меҳаросонд, ҳам ваҳшатнок буд барояшу ҳам нафратбор. Мард бархест, бо тааннӣ орден аз гардан берун овард, фрок ва ҷилет кашиду хилъат пӯшид.

– Ва ин беҳтар, – гуфт ӯ, дар канори Анна нишаста.

Анна ба ёд овард, ки чӣ азиятборе буд маросими ақд; он вақт ба назар менамуд, ки ҳам кашишу ҳам меҳмонону тамоми дар калисобудаҳо ӯро маҳзунона менигаристанд: чиро, охир чиро ӯ як нозанини хубрӯй зани ин арбоби солхӯрдаву бе нуру бадшамоил мешавад? Ҳамин пагоҳӣ ӯ шавқу шодӣ дошт, ки ҳама чиз хубу рӯбароҳ, маросими ақд низ; аммо дар вагон ӯ акнун худро гунаҳкору фиребхӯрдаву хандасор ҳис мекард. Инак ба марди сарватманде ҳам издивоҷ кард, аммо ҳамчунон бепул аст, пироҳани арусияшро аз пули қарз дӯхтанд; низ, вақте имрӯз падару бародаронаш ӯро мегуселониданд, аз қиёфаи онҳо дармеёфт, ки ҳатто копеке дар ҷайб надоранд. Оё имшаб ғизои шом дошта бошанд? Ва фардо чӣ? Ва аз чӣ буд, ба назараш намуд, ки падару бародаронаш акнун бе ӯ гуруснаанд ва дақиқан ғарқаи ҳамон ҳузнеанд, ки шаби аввали дафни модараш гирифтор буданд.

«Ох, ман чӣ бадбахтам! – андешид ӯ. – Чиро ман ин қадар бадбахтам?».

Модест Алексеич бо ношойистагие барои як марди мутакаббир, ки тарзи муошарат ба занонро одат надорад, камари ӯро сойиду ба шаноҳояш тап-тап зад, аммо Ания дар фикри пул буд, модаррову

марги ӯро фикр мекард. Вақте модараш мурд, падараш, Петр Леонтич, муаллими машқи хатту расмкашии дабиристон, шуруъ кард ба майхорагӣ, фаро расид рӯзҳои муҳтоҷӣ; баччаҳо кафшу мӯза надоштанд, падарашро ба додгоҳ мекашонданд, вакили догоҳ омада, асосу ҷевонҳоро рӯйихат кард... Чӣ нанге! Ания мебояст, ки падари шаробии худро муроқабат мекард, ҷӯробҳои бародаронро поргӣ медӯхту харид мерафт ба бозор, ва, ҳангоме аз зебоиҳои ӯ, аз ҷавонӣ ва зарофати атвору гуфтори ӯ тамҷид мекарданд, ба назараш менамуд, ки саросари дунё кӯлоҳи нимдошту сӯрохиҳои рӯяшон рангмолидаи кафшҳояшро тамошобин аст. Ва шабҳо гирёну мудом дар изтиробу парешон буд, ки имрӯзу пагоҳ падарро ҷиҳати костии феълу атвор аз дабиристон мураххас хоҳанд кард ва ӯ инро таҳаммул накарда, низ хоҳад мурд, чун модараш. Дар ин миён, аммо, хонумҳои ошно даступо карданду ба ҷустӯҷӯйи марди хубе шуданд барои Ания. Ба зудӣ ҳам ҳамин Модест Алексеич ёфт шуд – на ҷавон, на зебо, аммо пулдору доро. Сад ҳазор рубл дорад дар бонк, милк ҳам дорад, ки иҷора медиҳад. Мардест побанди усули ахлоқӣ ва дорои равобити ҳасана бо ҳазрати олӣ; барои ӯ аз ҳазрати олӣ ба унвони мудири дабиристон ва ҳатто ба унвони мутаваллӣ номаяке гирифтан, якпула корест, то Петр Леонтичро ихроҷ накунанд...

Ин лаҳза, ки ин ҷузъиёт дар хотираи ӯ чарх мезад, ногаҳ садои мусиқӣ омад, ки якҷо бо ҳаёҳуюю ғавғо аз тиреза сар медаровард. Қатор дар истгоҳи хурде бозистод. Дар пушти платформ, миёни анбуҳи мардумон, бо шавқу шӯр гармону камончаи арзонбаҳоюю виз-визнолон менавохтанд, аммо дуртар аз дарахтони баланди тӯсу сафедор, аз як бӯстонсарои оғушта дар нури маҳтоб, садои дастаи мусиқии низомӣ меомад: зоҳиран, дар бустонсаро шаби базми рақс барпо буд. Дар платформ бустонсаронишинону шаҳриён, ки омада буданд, то аз ҳавои серуни фазои гуворои ин ҷо файз баранд, гардиш мекарданд. Ортинуф, молики ин маҳалли бӯстонсароҳо – марде сарватманд, бо қомати баланду сирф гандумгун, чеҳрааш шабеҳи арманиҳо, бо чашмони барҷаставу костуме аҷиб низ ҳозир буд. Дар тан пироҳани то сари синаш бозу мӯзаҳои баланди маҳмездор дошт ва ҳам болопӯши сиёҳе дар китфонаш илҳоқ, ки мисли домани дарози пироҳани занона заминро мерӯфт. Дар пушти сараш ду саги тозӣ фӯки тези худро пойин карда, мегаштанд.

Дар чашмони Анна ҳанӯз ашк медурхшид, вале акнун на аз модараш, на аз пулу на аз ҷашни арусияш ёд мекард, балки дасти

шиносҳои дабиристониву афсарашро мефишурд, бонишот механдиду тез-тез мегуфт:

– Салом! Чӣ ҳол доред?

Ӯ ба майдон баромад, зери нури маҳтоб ва тавре истод, ки ҳама бо ин либоси тозаву тобон ва бо ин кулоҳ бибинандаш.

– Ин ҷо чиро таваққуф кардаем?

– Дар дуроҳаем, – посухаш доданд, – қатори почтаро интизоранд.

Чун пай бурд, ки Ортинуф нигоҳаш дорад, ӯ ба ғамза чашмонашро нимпӯш кард ва бо садои баланд оғозид ба фаронсавигуфторӣ ва аз ин ки овози хоссаи ӯ басо зебо танин меандохт, низ аз ин ки ба гӯш мусиқӣ мерасиду маҳтоб дар толоб бозтоб мешуд, ва, аз ин ки Ортинуф – ин дон-жуани маъруфу ғаммоз, ӯро бо ҳирсу шаҳват нигоҳ мекард, ва ҳам аз он ки ҳама шодмон буданд, ногаҳон ӯ эҳсоси нишот кард, ва, ҳангоме ки қатор ба роҳ баромаду афсарони ошно барои худоҳофизӣ ӯро саломи низомӣ доданд, он дам ӯ ба замзамаи суруди полке даромад, ки савти онро аз каноре оркестри низомӣ менавохту аз дуриҳои пушти дарахтон ба гӯш мерасонд; ва бо он ҳиссе ба купеи худ баргашт, ки гӯиё дар он истгоҳи хурд мутақоидаш карда буданд, ки ҳатман хушбахт хоҳад шуд, новобаста ба ҳар ҳолу аҳволе.

Домоду арус ду рӯз дар савмаъа монданду баъд ба шаҳр баргаштанд. Онҳо дар хонаи ҳукуматӣ мезистанд. Модест Алексеич вақте ба хидмат мерафт, Ания пионино менавохт ё аз дилтангӣ мегирист, ё рӯйи нимкати нарм дароз мекашиду румонҳо мехонд, маҷаллаҳои муд тамошо мекард. Ҳангоми чоштхӯрӣ Модест Алексеич басо пур мехӯрд ва аз сиёсат, аз вазифатаъйинкарданҳо, аз интиқолоту подошҳо мегуфт; аз он мегуфт ки бояд заҳмат кашид, мегуфт – зиндагии хонаводагӣ на лаззат, балки як вазифа аст, ин ки сарфа кардани як копек сипари рублҳост ва ин ки дар олам ӯ дину маънавиятро аз ҳар чизе афзал мешуморад. Низ, кордеро шамшеросо дар мушт медошту мегуфт:

– Бояд ҳар касе худ вазоифе дошта бошад!

Ва Ания ба суханони ӯ гӯш медод, метарсиду наметавонист чизе бихурад, аз сари дастархон ҳамеша гурусна бармехест. Пас аз хӯроки чошт шавҳар сар ба болин мениҳоду ҳамоно баланд хуррок дармедод, Ания, аммо, ба фикри хонаи падарӣ меуфтод. Падару додаркаҳояш ӯро аҷоиб нигоҳҳое мекарданд, мисле ҳамин ҳоло, то омаданаш, ӯро мазаммат доштанд, ки вай пул гуфту шавҳар кард ба як марди

шумрӯю шилқину шарир; хиш-хиши пироҳанаш, даспонаҳояш ва умуман қиёфаи бонувонаи ӯ онҳоро ланҷ мекарду тавҳин; дар ҳузури ӯ як андоза хиҷолат мекашиданд ва намедонистанд, ки дар чӣ бобе бо вай суҳбат шояд; вале ҳар тариқа, ҳамчунон дӯсташ медоштанд ва одат надоштанд, ки хӯроки чоштро дар ғайби ӯ бихуранд. Ӯ менишасту ҳамроҳашон карамшурбою шавлаю картошкабирён мехӯрд, ки он зирбонида дар равғани хукбарраву бӯйи шамъ медод. Петр Леонтич бо дастони ларзон аз сурохӣ қадаҳе пур мекарду бо шитобу ҳирсу кароҳият ба сар мекашид, баъд қадаҳи дигаре менӯшид, онгоҳ севумиро... Петиё ва Андриюшо, писарбаччаҳои лоғару рангпаридаи чашмҳошон калон, сурохиро мегирифтанду бо ошуфтагӣ мегуфтанд:

– Дигар бас аст, падарҷон... Кофист, падарҷон...

Ания низ музтариб мешуд ва падарро таваллo мекард, ки дигар шароб нанӯшад, аммо падар ногаҳон дар мегирифт ва мушташро бар миз мезад.

– Ман ба ҳич кас иҷоза намедиҳам, ки маро дидбонӣ кунад! – фарёд мекашид ӯ. – Кӯдакҳо! Духтарак! Ҳамаатро аз ин ҷо дафъ мекунам!

Аммо садои ӯ нидои заъфу меҳр медод, аз ин рӯ тарсе аз вай надоштанд. Пас аз сарфи ғизо, ӯ маъмулан ба ориши худ мепардохт; ӯ, рангаш паридаву манаҳаш бо теғи риштарошӣ бурида, гардани борикашро ёзонида, ним соъати тамом пеши ойина меистоду худро меорост – гоҳе шона ба мӯйҳо мезад, гоҳ бурути сиёҳи худро метофту ба тан атр мепошид, бар галстукаш банте мебаст, баъд дастпӯш ба дасту силиндр бар сар мениҳод ва мерафт аз пайи тадриси дарсҳои хусусӣ. Ва агар ҷашне пеш меомад, ӯ он гоҳ дар хона мемонду наққошӣ мекард ва ё арғануне менавохт, ки хаш-хашу ғар-ғар мекард; ӯ саъй мекард ки аз арғанун навоҳои мавзуну муназзаме берун орад ва суруде мехонд ё ки аз бачаҳо ба хашм меомад.

– Нобакорҳо! Пастфитратҳо! Асбоби маро хароб кардед!

Шабҳо шавҳари Ания бо ёрони ҳамкор, ки зери як сақф дар ҳамин бинои ҳукуматӣ мезистанд, қартабозӣ мекард. Занҳои кормандон низ гирдиҳам меомаданд – бадсуратеву кареҳлибосбартаневу хашансирате, ҳамчун ошпаззанҳо, – ва дар ҳуҷра ғийбатҳою суханчиниҳое чун худи онҳо зишту бемазза шуруъ мешуд. Гоҳе ҳам Модест Алексеич бо Ания ба театр мерафт. Дар антрактҳо намегузошт, ки як қадам аз наздаш дур бошад, низ даст дар бари дасти ӯ дар долонҳову солони истироҳат қадам мезад. Агар пеши касе

таъзиме ба ҷо меовард, ҳамон дам ба гӯши Ания мегуфт: «Мушовири давлатӣ... ҳазрати олӣ ӯро пазируфтааст..». ё «Пулдор аст... хонаи хусусӣ дорад..». Вақте аз бари буфет рад мешуданд, дили Ания барои ширинние гум мезад; ӯ шоколад ва пироги себ дӯст медошт, аммо пуле надошт ва шарм ҳам медошт, ки аз шавҳар пул пурсад. Шавҳар ноке бармедошт, бо ангуштон онро мефишурд ва беҷуръатона мепурсид:

– Чанд аст қиматаш?

– Бисту панҷ копек.

– Оҳ-ҳо! – мегуфт ӯ ва нокро мегузошт ба ҷояш; ва аммо, чун аз буфет бидуни харид дур шудан ношойист аст, ӯ оби маъданӣ дархост мекард ва як шишаро лоҷуръа дам мекашиду дар чашмонаш ашк медамид, ки бо ин авзоъу дар ин асно Ания аз ӯ мутанаффир мешуд.

Ё ки, сару сураташ ногаҳ сурх мешуду Анияро бо аҷала мегуфт:

– Ин бонуи солхӯрдаро таъзим кун!

– Охир, ман шинос нестам ба ӯ.

– Боке нест. Ӯ ҳамсари раиси идораи хазинадорӣ аст! Гуфтам, ки таъзим кун! – мусиррона меғурунгид ӯ. – Сарат ки аз тан ҷудо намешавад.

Ания таъзим мекард ва воқеъан сар аз танаш ҷудо намешуд, аммо барояш нороҳаткунанда буд. Ҳар чӣ шавҳар мехост, ба ҷой меовард ва аз ин ки ӯро вай ба мисли аблаҳтарин ақлбохтае фиреб дода буд, аз худаш ба ғазаб меомад. Издивоҷаш танҳо ба хотири пул буд, дар ҳоле ки ӯ акнун, дар қиёс ба замони духтарияш, камтар пул дошт. Пештарҳо ақаллан падар ба ӯ як сиккаи бисткопекӣ медод, аммо ҳоло – на як пули сиёҳ. Ӯ пинҳонӣ даст ба ҷайби дигарон бурдану ё тамаъ кардан наметавонист, метарсид аз шавҳар, меларзид аз ӯ. Ба назараш менамуд, ки ҳарос аз ин мард аз пештарзамонҳое дар дили ӯ будааст. Як вақтҳо дар кӯдакӣ аз ҳама нерӯи бадҳайбату ваҳшатнок, ки ҷонибаш ҳамчун абри сиёҳе ё локомотифе пеш меомаду ҳозир буд зеру забараш кунад, мудири дабиристон тасаввур мешуд; дигар нерӯи мубҳаме, ки дар хона ҳамеша дар борааш мегуфтанду аз чӣ буд ки низ метарсиданд, ин ҳазрати олӣ буд; ва боз даҳҳо нерӯи кӯчактаре вуҷуд дошт ва дар миёни онҳо устодони дабиристон бо мӯйлабҳои тарошида, ҷиддию бераҳм ва ҳоло, билохира, Модест Алексеич, як шахси пойбанди усули ахлоқӣ, ҳатто чеҳрааш монанд ба мудири дабиристон. Ва дар тасаввури Ания ҳамаи ин нерӯҳо ба ҳам меомехтанд ва ба сурати як хирси сафеди азим ба сари заъифону гунаҳкороне чун падари ӯ, меомаданд ва ӯ аз сухан гуфтан дар

баробари онҳо метарсиду ба иҷбору ночор лабханд мезад; ва ҳангоме ки ӯро дағалона сила мекарданду бо каноргирифтанҳошон нопокию ваҳшате бар ӯ бор мекарданд, ба зоҳир изҳори қаноъату хурсандӣ мекард.

Петр Леонтич фақат як бор ҷуръат намуду аз ӯ тақозои панҷоҳ рубл қарз кард, то кудом як воми басо номатбуъашро бидиҳад, аммо чӣ азобу изтиробе буд!

– Хуб, ман ба шумо медиҳам, – гуфт Модест Алексеич, андаке андешида, – вале, ҳушдор медиҳам, то вақте ки даст аз майхорагӣ набардоред, дигар кумак нахоҳам кард. Барои касе, ки корманди давлат аст, ин гуна костӣ нангу ор аст. Наметавонам ба шумо ин нуктаи ба ҳама маълумро тазаккур надиҳам, ки бисёр одамони боистеъдодро ин ҳавас нобуд кардааст, ҳол он ки бо хештандорӣ, онҳо шояд тавонанистандӣ тадриҷан аз мардумони баландмақом бишаванд.

Ва боз таъбирҳое силсила мешуданд: «ба он андоза ки».... « бино бар ин авзоъ».... «дар баробари он чӣ ки гуфта шуд»., аммо Петр Леонтичи бечора аз ин таҳқир ранҷ мекашид ва шавқи нӯшиданаш шадидан хуруҷ мекард.

Ва писарон низ, ки ба меҳмонии Ания меомаданд, маъмулан бо мӯзаҳои даридаву шалворҳои фарсуда, мебояст як миқдор насиҳат бишнаванд.

– Ҳар касе бояд вазоифи худро дошта бошад! – мегуфт Модест Алексеич ба онҳо.

Аммо пуле намедод. Балки дар иваз ба Ания ангуштару даспонаву зеварҳои дигар ҳадя карда, гуфт ки будани ин ашё дар рӯзҳои сиёҳи нодорӣ хуб аст. Аммо ҳар гоҳе ӯ ганҷури вайро бозу муҳосаба мекард: оё ҳама ашё побарҷост ё не.

## АННАБАГАРДАН II

Дар ин миён зимистон омад. Чанд муддат пеш то ҷашни Милоди Масеҳ, дар рӯзномае маҳаллӣ огаҳие пахш шуд, ки бисту нуҳи декабр дар анҷумани ашроф «қарор аст». шаби рақси маъмулӣ барпо гардад. Ҳар шаб, пас аз қартабозӣ, Модест Алексеич, ошуфтаҳолона ба Ания менигаристу музтариб бо ҳамсарони ҳамкоронаш пич-пич мекард ва он гоҳ хаёлолуд аз як гӯша ба гӯшае қадам мезад. Саранҷом, як нимашаб, ӯ пеши Ания омаду гуфт:

– Бояд барои худат пироҳани базм бидӯзӣ. Мефаҳмӣ? Танҳо, лутфан, бо Мария Григоревна ва Наталия Кузминишна машварае кун.

Ва сад рублаш дод. Ӯ бигирифт; лекин, ба касе машварат накарда, пироҳан суфориш дод, фақат бо падараш суҳбат кард ва саъй намуд, ба ёд оварад, ки модараш ба базм бо чӣ пироҳане бар тан мерафт. Модари марҳумаш худ ҳамеша навтарин либоси мудро мепӯшид ва мудом ҳамроҳи Ания мерафту ӯро мисли арусакҳо бо либоси зарифу зеботарин оро медод, ва ба фаронсавӣ гуфтанрову ҳам мумтозона рақсидани мазуркаро омӯхта буд (то шавҳар кардан панҷ сол омӯзгори хусусӣ буд). Ания низ метавонист мисли модараш аз пироҳани кӯҳна наве бисозад; дар бензин даспӯшак бишӯяд, кироя ҷавоҳирот гирад; низ метавонист чун модар чашмонашро нимпӯш кунад, лакнатбор сухан гӯяд, қиёфаи зебое ба худ бигирад ва дар зарурат, ба ваҷд ояд ё маҳзунонаву мармузона нигоҳ андозад. Аммо аз падар чашму мӯйи сиёҳ, асабоният ва одати мудомороишдиҳӣ ирс бурда буд.

Ҳангоме Модест Алексеич ним соъат пеш аз рафтан ба базм, бидуни болопӯши фарангӣ вориди утоқи ӯ шуд, то дар пеши ойинаи барқад орденашро ба гардан овезад, ин лаҳза аз ҷамолу ҷилои ӯву пироҳани наву нозукаш мафтун гашта, аз сари шавқ даст ба мӯйҳои чаккаш бурду гуфт:

– Ту ина бибин... чӣ ҳайкалу чӣ сурате! Анюта! – идома дод ӯ бо илҳом ба як лаҳни матин. – Ман туро хушбахт кардам, имрӯз акнун ту метавонӣ маро хушбахт кунӣ. Аз ту хоҳиш, ки худро ба ҳамсари ҳазрати олӣ муаррифӣ кун! Аз барои Худо! Ба воситаи ӯ ман метавонам ба мақоми сухангӯйи пешбар расам!

Ба базми рақс рафтанд. Ин ҳам анҷумани ашроф ва даромадгоҳу дарбон. Даҳлези бо рахтовезҳою болопӯшҳои пашмӣ, пешхидматҳои пуртакопӯ ва хонумҳои деколтипӯш, ки пеши бари худро бо

бодбезакҳо муваққатан аз бод паноҳ медоштанд; бӯйи гози равшанию сарбозҳо ба машом мерасад. Ҳангоме ки Ания даст дар бари дасти шавҳар аз пиллаҳо боло мерафт, садои мусиқӣ шунид ва саропои худро дар ойинаи бузурге дид, ки аз тобиши нури машъалии бисёре равшан мешуд, он гоҳ дар замири ӯ хушнудӣ ва он ҳисси пешакии саъодате, ки вай дар он шаби маҳтобии истгоҳи кӯчак таҷриба карда буд, бедор гашт. Ӯ, ки бори нахуст хештанро на як духтарак, балки бонуе ҳис мекард, бо ғуруру худписанӣ қадам заду бо тарзи гашту адову атвор беихтиёр ба модари марҳумаш тақлид кард. Ва худро нахустин бор дар зиндагӣ сарватманду озод ҳис мекард. Ҳатто ҳузури шавҳар музоҳими ҳоли ӯ набуд, зеро ҳангоме пой бар остонаи толори базм ниҳод, ӯ бо ғаризаи табиии худ дарёфт, ки қаробати шавҳари пир ба ҳиҷ ваҷҳ мояи таҳқири ӯ нест, балки баракс, ин барояш барчаспи дилрубою мармузе хоҳад буд, ки хеле писанди мардҳост. Аллакай дар толори бузург оркестр менавохт ва рақс шуруъ шуда буд. Баъди он хонаи давлатӣ, ки Ания таҳти таъсири чароғу рангорангӣ ва мусиқию ҳаёҳу қарор гирифта буд, ба ин толор назар андохту андешид: «Ох, чӣ хубест!». ва ҳамоно дар миёни ҷамъият ошноёни дерин, ҳамаи онҳоеро, ки вай пештар дар шабнишиниҳо ё гардишҳои умумӣ вохӯрда буд – ҷумла ин афсарону омӯзгорон, вакилони дифоъ, кормандони баландмақом, заминдорон, ҳазрати олӣ, Ортинуф ва бонувони ҷомеъаи ашроф бо либосҳои фохира, хеле ҳам деколтӣ, зебову зишт, ки акнун дар дукончҳову ғурфаҳои бозори хайрия маъво гирифта буданд, то ба нафъи бенавоён тиҷорате ба гардиш андозанд, пайхас намуд. Афсари тануманде бо сардӯшиҳои зардӯзӣ, ки ин дам номи хонаводгияш дар ёдаш нест – гӯиё замин кафиду сар баровард, – Анияро ба рақси валс дават кард. Ания бо ӯ дар кӯчаи Старо-Киевско, ҳангоми таҳсил дар дабиристон ошно шуда буд – ва ӯ аз канори шавҳар ба парвоз омад; ва дар ин лаҳза ба назараш намуд, ки гӯиё вай савори қоиқи бодбоние, миёни туфони шадид шино дорад, шавҳараш, аммо дар каронаи дур мондааст... Ӯ бо шӯру иштиёқ мерақсид, маҷзубона ҳам рақси валс мерафт, ҳам полк, ҳам кедрил; девона аз мусиқию ҳаёҳу, аз даст ба даст мегашт, бо лакнат забони русию фаронсавиро ба ҳам меомехт, механдид ва на дар банди фикри шавҳараш буду дигар на аз касеву на аз чизе ёд мекард. Дар ҳалқаи мардон ӯ фоиқ омада буд, вузуҳан ин як амри воқеъӣ буд, ҷуз ин чизи дигареро намешуд интизор дошт; аз фарти ҳаяҷон нафасаш мегирифт, пуртабутоб бодбезакро дар даст мефишурд ва дилаш

майли шароб мекард. Падараш, Петр Леонтич, бо фроки ғиҷимшуда, ки бӯйи бензин медод, назди ӯ омада, лаъличае бо ширяхи албонӣ сӯяш дароз кард.

– Чӣ дилрубое ҳастӣ ту имрӯз, – шодону хандон ба ӯ нигариста, гуфт, – ва ман ҳич гоҳ дар шитоби ту ба шавҳар кардан мисли ҳоло таъассуф нахӯрдаам... Чиро охир? Ман медунам, ту ба хотири мо ба ин амр розӣ шудӣ, аммо... – ӯ бо дастони ларзон бастаяки пулеро берун овард ва гуфт: – Ман имрӯз музди дарсҳоямро гирифтам ва метавонам қарзи шавҳаратро бипардозам.

Духтар лаълиро ба дасти падар гузошт ва дар ҳоле ки касе ӯро канор гирифту реза-реза дур бурд, аз болои шонаҳои ҳампои рақси худ дид, ки чӣ гуна падараш дар фарши чӯбӣ лағжид ва бонуеро ба оғӯш кашиду дар толор ба чархидан даромад.

«Ин қадар азизу меҳрбон аст ӯ, агар шароб нанӯшида бошад!». – андешид духтар.

Мазуркаро ӯ бо ҳамон афсари тануманд рақсид; вай босавлат буду ҷуссаи азиму вазнине дошт, гуфтӣ як лундаи каҳгиле дар қабои низомӣ, роҳ мерафту шонаҳову сари синаашро пойинуболо меҷунбонд, ба зӯр-ба зӯр пой мекуфт – ҳич дили рақсидан надошт, аммо Ания саҳлу сабук мечархид, бо зебоии хеш, бо гардани бараҳнааш ӯро ба шӯр меовард, чашмони Ания бо ҳарорат медурахшиданд, ҳаракоташ мавҷи шӯру шавқ мезаданд, аммо афсар ҳамчунон беэътинотар меистод ва сӯйи ӯ меҳрбонона даст дароз мекард, мисли як шаҳрёр.

– Браво, браво!.. – мегуфтанд ҳозирин.

Онгоҳ афсари тануманд низ кам-кам нуфуз кард; вай ҷон гирифт, ба ҳаяҷон омад ва, таслими латофати ӯ, хунаш ҷӯш заду сабуку ҷавон хиромон шуд; Ания, аммо, шона меҷунбонид ва айёрона менигарист, гуфтӣ ки ҳоло акнун ӯ шаҳбону ва ин чокари ӯст; ва дар ин ҳангом ба назари Ания намуд, ки онҳоро тамоми толор тамошо дорад, гӯиё ин мардумон ҳама шефтаву мот шудаанду ҳирси ҳардуяшонро мехуранд. Ҳамин ки афсари тануманд ба ӯ арзи сипос кард, ҷамъият ногаҳон канор рафт ва мардҳо ба таври аҷоиб дастҳо пойин андохтанд... Ин ҳазрати олӣ буд, ки фрок дар тану ду ситора дар пеши бар, ба сӯи Ания меомад. Оре, ҳазрати ашраф аз он ки мустақим ба ӯ менигаристу ширин лабханд мезад, маҳз пеши ӯ меомад, ва дар зимн, лабони худро меҷавид, – ҳамон одати деринаашро такрор мекард, яъне ба дидани занҳои маҳбуб чунин мекард.

– Хеле хушҳолам, хеле хушҳолам... – шуруъ кард ӯ. – Аммо ман дастур медиҳам, ки шавҳари шуморо фавран бандӣ кунанд, барои он ки то ин дам чунин ганҷи шойгонро аз мо пинҳон доштааст. Ман бо суфориши ҳамсарам пеши шумо омадам, – дасти ӯро фишурда, идома дод, – Шумо бояд ба мо кумак кунед... Ҳм-бале... Бояд ҷойизае барои зебоии шумо таъйин кард... ба мисли Омрико... Ҳм-бале... Омрикоиҳо... Ҳамсари ман бесаброна мунтазири шумост. Ӯ Анияро ба як ғурфа, назди бонуи солхӯрдае овард, ки пойини рӯяш беандоза бузург буд, ба назар мерасид, гӯиё вай санги калоне дар даҳон дорад.

– Моро ёрмандӣ кунед, – мад кашида, гуфт зан. – Ҳама занони хубрӯ дар бозори хайрия кор мекунанд, ва танҳо маълум нест, ки як шумо чиро бекор мегардед. Чиро намехоҳед, ки кӯмаке ба мо кунед?

Хонум рафт ва Ания дар канори самовари нуқраийи атрофаш финҷонҳои чойхӯрӣ, ҷойи ӯро гирифт. Пас аз лаҳзае савдои гарме тасфид. Ания ба ҳар финҷон чой на кам аз як рубл мегирифт ва он афсари танумандро ба нӯшидани се финҷон водошт. Ортинуф омад, марди пулдор, бо чашмони барҷаста, ки аз бемории тангии нафас ранҷ мебурд, аммо акнун на бо он костуми аҷибе, ки Ания дар тобистон дида будаш, балки мисли ҳама, фрок дошт. Чашм аз Ания наканда, ӯ як қадаҳ шампан нӯшиду сад рубл пардохт, баъд як финҷон чой нӯшиду боз сад рубл дод – ин ҳама муддат хомуш буд, ки нафастангӣ азобаш медод... Ания бо садои баланд муштарӣ мехонду пул меситонд, ки аз ин дам бар ин бовар буд, ки хандаҳову нигоҳҳои ӯ ба ин мардум чизи дигаре ҷуз нашъати азим ба бор нахоҳад овард. Ания ин дам дарёфта буд, ки ӯ сирфан барои ин зиндагии пурҳаёҳуву дурахшандаву хандони тавъам бо мусиқӣ, барои рақсу ҳавохоҳони он офарида шудааст, ва он тарси куҳан дар баробари нерӯе, ки пеш меомаду таҳдид ба гулӯгир кардани ӯ мекард, ба назараш музҳик намуд; ҳоло ӯ аз ҳич кас ҳаросе надошт ва фақат афсус мехӯрд, ки дар ин миён модараш нест, то дар канораш шарики ин шодмонии ӯ бошад.

Петр Леонтич, ки ин дам ранг аз рухсораш батамом парида буду вале ҳанӯз побарҷо ба пой рост меистод, назди ғурфа омад ва як қадаҳ коняк пурсид. Ания, аз бими он ки ӯ кудом як сухани ношойист ба забон меорад (ҳоло шарм медошт, ки вай як падари фақиру содадиле дорад), сурх шуд, аммо падар ҷом бар сар кашиду аз бастаяки хеш даҳ рубле пеши раф гузошт ва бидуни он ки сухане ба забон орад,

мувакқар дур шуд. Пас аз чанд лаҳза Ания дид, ки падар чӣ гуна бо бонуе вориди давраи бузурги рақс шуд ва ин бор ӯ акнун сахт мекалавид ва бар сари ҳампои рақси хеш фарёд мекашид; ва Ания ба ёд овард, ки чӣ гуна дар базми рақси се сол пеш ӯ ҳамин гуна мекалавиду фарёд мекашид – ва фарҷомаш он буд, ки пулиси маҳалла ба хона бурдашу хобонид, аммо рӯзи дигар мудири дабиристон ӯро ба ихроҷ аз кор таҳдид кард. Чӣ ёддошти беҷое буд ин!

Вақте дар ғурфаҳо самоварҳоро хомуш карданд ва накӯкорони беҳол аз кор, даромади касбкардаашонро ба он зани солхӯрдаи гӯиё сангедардаҳон таслим карданд, Ортинуф аз дасти Ания гирифт ва ӯро ба талоре ки дар он барои ҳамаи ширкаткунандагони бозори хайрия дастархони шом густарда шуда буд, раҳанамоӣ кард. Ҳудудан камтар аз бист нафар ғизои шом мехӯрданд, аммо ҳаёҳу хеле зиёд буд. Ҳазрати олӣ иқдом ба пайк гуфтан кард: «Дар ин суфраи пуршукӯҳ ҷо дорад, ки барои файзу баракати ошхонаҳои арзон, ки аз аҳдофи намунаи мо дар ин бозор аст, яккадаҳӣ бинӯшем».. Сартип (бригадир-генерал) пешниҳод кард, ки «ба саломатии он нерӯе, ки ҳатто тӯпхонаро зеру забар мекунад, менӯшем»., ва онгоҳ ҳама ёзиданд, то бо бонувон қадаҳ зананд. Хелеву хеле пурнишот буд!

Ҳангоме Анияро ба хона мегуселониданд, дигар ҳаво равшан мешуд ва ошпаззанҳо ба бозор мерафтанд. Ания масту шоду саршор аз таассуроти ҷадид ва то мағзи ҷон хаста, либос аз тан бадар кард ва рӯйи ҷогаҳ ғалтиду ҳамон дам хобаш бурд...

Соъати дуи рӯз ӯро пешхидмат бедор кард ва иттилояш дод, ки ҷаноби Ортинуф барои мулоқот омадааст. Оҷил либос пӯшиду ба утоқи пазироӣ рафт. Андактар ҳам, пас аз Ортинуф, ҳазрати олӣ барои изҳори сипос аз шарокаташ дар бозори хайрия омад. Генерал, ки тамаллуққорона ба ӯ менигаристу лаб мехойид, дасташро бӯсид ва дархости боз ҳам дубора ташрифоварданашро карду рафт; Ания, аммо, дар мобайни утоқи пазироӣ меистод, саропо шигифту маҳсур; бовар намекард, ки дар зиндагии ӯ чунин як таҳаввул, таҳаввуле фавқулода ба зудӣ пеш омад; ва дар ҳамин лаҳза шавҳараш Модест Алексеич ворид шуд... Ва шавҳар ҳам акнун дар баробари ӯ бо ҳамон қиёфаи чоплӯсона, пуртамаллуқ ва бардавор, дастпешибару фармонбурдор меистод, ки Ания ба ин сурат вонамуданкардаҳои ӯро дар ҳузури сарватмандону номдорон одат карда буд; Ания, дар ҳоле ки акнун бовар дошт, баъд аз ин ҳич паёмаде барояш пеш нахоҳад

омад, ифтихормандона, бо таҳқиру танаффур, ҳар калимаро санҷида, адо карда, гуфт:

– Бурову гум шав, кулӯхи бачашм!

Аз ин ба баъд, Ания ягон рӯзи озод надошт, зеро ӯ гоҳе дар сайри чаман, гоҳ дар гаштзанӣ ва ё гоҳе ҳам дар намоишномаҳо ширкат мекард. Ӯ ҳар шаб наздикиҳои субҳ ба хона бар мегашт ва дар утоқи пазироӣ рӯйи фарши чӯбӣ хоб мерафт, ва баъд бо ҳиссу ҳаяҷон ба ҳама нақл мекард, ки ӯ чӣ гуна дар сояи гулҳо мехобад. Ба пули зиёде ҳам иҳтиёҷ дошт, аммо акнун аз Модест Алексеич дигар наметарсид ва пулҳои ӯро чун дороии худаш бепарво харҷ мекард; ва ӯ на хоҳиш мекарду на дархост, фақат ба шавҳар суратҳисобе ё ёддоште мефиристод бо ин мазмун: «ба номарасон дусад рубл диҳед». ё ки «фаврӣ сад рубл пардохта шавад»..

Модест Алексеич дар рӯзи Иди пок ордени дараҷаи дуи Аннаро дарёфт кард. Ҳангоме ки барои сипосгузорӣ омад, ҳазрати олӣ рӯзномаро яксӯ гузошту дар курсии роҳат амиқтар нишаст.

– Хуб, акнун шумо се Анна доред, – гуфт ӯ, дар ҳоле ки ба дастони сафеду нохунҳои арғавонии худ менигарист, – яке дар чоки гиребону дуто бар гардан.

Модест Алексеич аз иҳтиёт ду ангушт болои лаб гузошт, то баланд нахандад, ва гуфт:

– Ҳоло бояд ҳузури мақдами Владимири хурдакакро интизор дошт. Аз ҳазрати олӣ иҷозаи падари таъмидии ӯро хоҳонам.

Кинояи ӯ ба ордени Владимири дараҷаи чаҳорум буд ва дар тасаввураш чарх мезад, ки ин ҳозирҷавобии густохонаи худро, ки дарин муколама мост омада буд, чӣ гуна дар ҳама ҷо нақл хоҳад кард, низ дилаш мехост боз ҳамин гуна чизе муваффақиятомез ба забон орад, вале ҳазрати олӣ дубора ба рӯзнома саргарм шуду ба ишораи сар рухсаташ дод...

Аммо Ания ҳамчунон савори аробаи сеаспа, якҷо бо Ортинуф шикор мерафт, дар намоишномаҳои якпардаӣ нақш мебозид, берун аз хона ғизои шом мехӯрд ва каму андар кам дар манзили падарӣ пайдо мешуд. Падару бародарон дигар батанҳоӣ, бидуни ӯ, нону ош мехӯрданд. Петр Леонтич бештар аз пештар шароб мехӯрд, пул ҳам набуд, ва кайҳо арғанунашро дар изои қарзҳояш фурӯхта буд. Акнун бачаҳо дигар намегузоштанд, ки ӯ танҳо кӯча равад ва доим муроқибаш буданд, ки дар замин наюфтад; ва замоне, ҳангоми гаштзанӣ дар Старо-Киевски, Ания бо ҷуфти аспи аробае, ки яке баста

дар шоту ва дигарӣ ёвари ону Ортинуф сарҷилав, бо онҳо дучор омад, Петр Леонтич кулоҳи силиндрияшро аз сар гирифт ва мехост бо садои баланд чизе бигӯяд, аммо Петиё ва Андриюшо ӯро аз зери каш мегирифтанду тазарруъкунон мегуфтанд:

– Бас аст, падар, бас аст... Падарҷон, кофист дигар...

***1895***

## ПЕЧЕНЕГ*

***(*Печенегҳо – яке аз қабилаҳои турк, дар садаҳои нуҳуму ёздаҳуми милодӣ, бо тохтутозу ғорати мардум, аз ҷумла дар Русия, рӯз мегузаронидаанд. Ин ҷо «печенег». бо киноя ба маънои барбар, ваҳшӣ, дур аз фазилату хисоли одамӣ ба кор рафтааст – тарҷумон).***

Афсари мустаъфӣ, Жмухин, Иван Абрамич, хидмат карда замоне дар Қафқоз ва ҳоло саргарму сокин дар мазраъаи хеш, ки як вақтҳо ҷавону тандурусту нерӯманд буд, аммо кунун, ки пир шудаву хам задаву пажмурдааст, абрӯвонаш ҳам жӯлида ва мӯйлабҳояш сафеду моил ба сабзӣ, дар як рӯзи гарми тобистон аз шаҳр ба маҳалли хеш бармегашт. Дар шаҳр (аз он ки ду ҳафта қабл дучори сактаи сабук шуда буд) иқрор ба гуноҳони худ намуду дар натариус васиятномае навишт; ҳоло дар вагон мерафт ва мудом ӯро афкори яъсомезу амиқе, ба мисли марги наздикомада, беҳудагии ҳама такопӯҳо ва нопоёии ин ҳама мавҷудоти заминӣ тарк намекарданд. Дар истгоҳи Провалие, – ва ҳаст чунине дар масири Донетск, ба вагони ӯ марде ворид шуд малламӯй, миёнасолу ҷоқ, кифи кухна дар даст; дар баробари ӯ нишаст. Ҳар ду шуруъ ба суҳбат карданд.

– Ху-уб, – гуфт Иван Абрамич, мутафаккирона ба тиреза нигариста. – Издивоҷ кардан ҳич гоҳ дер нест. Ман худ дар чилуҳаштсолагӣ издивоҷ кардам; мегуфтанд, ки дер шуда, вале аён гашт ки на чандон дер буда ва на чанде ҳам зуд; албатта, беҳтар, ки кас аслан издивоҷ накунад. Зан ба зудӣ аз ҳар чиз дилгир мешавад, дигар ин ки на ҳар кас ҳақ гӯй аст, зеро, медунед, аз бадбахтиҳои хонаводагӣ шармашон меояд ва онро рӯпӯш мекунанд. Баъзеҳо пеши ҳамсарон «Мониёи ҷун, Мониёи азизам». мегӯянду аммо илоҷ дошта бошанд, ин Мониёро ба ҷувол андозу миёни дарё андоз. Зан бори маломат аст, ҳамдамӣ бо ӯ ҳамоқат. Ва бо баччаҳо ҳам на чандон беҳ, мутмаинан мегӯям шуморо. Ман дуто аз ин нокасҳо дорам. Дар ин саҳро ҷое нест, ки онҳоро биёмӯзонӣ, пул ҳам надорам, ки барои таҳсил ба Новочеркаск фиристам; ин ҷо мисли гургбачча зиндагӣ доранд. Ҳар лаҳза мумкин аст, ки касеро дар роҳ бикушанд.

Ҷавони малламӯй бо диққат гӯш мекарду ба пурсишҳои ҳамсуҳбат орому паст посух медод; зоҳиран одами нарму фурӯтане буд. Ӯ худро вакили мудофеъ муаррифӣ кард, ки баройи анҷоми коре ба деҳкадааи Дуюевка азми сафар дорад.

– Худои ман, ин ки дар нуҳуним-даҳкилометрии маҳалли мо!– гуфт Жимухин бо оҳанге, ки гӯиё бо вай баҳсе ороста бошанд. – Аммо бибахшед, дар истгоҳ ин дами рӯз шумо аспе нахоҳед ёфт. Гумонам, барои шумо аз ҳама беҳтар, медунед, ҳоло назди ман рафтан; шаб пеши ман меистед; медунед, баъд саҳарӣ бо аспҳои ман меравед, ба умеди Худо.

Вакилмудофеъ фикр карду даъватро пазируфт.

Вақте ба истгоҳ омаданд, офтоб акнун дар буни дашт меистод. Тамоми роҳ аз истгоҳ то мазраъа сокит буданд: ҳаракати пурдаккаи ароба монеъ мешуд. Ароба ҷастухез мекард, ғич-ғич садо медод ва гӯиё аз ҳар ҷастухез сахт ба дард меомад, фиғон мекашид ва вакилмудофеъ, ки хеле нороҳат нишаста буд, андӯҳгинона ба пеш менигарист, бинад ки ободие ба назар мерасида бошад. Наздики нуҳ килуметрро паймуданд ва аз дуриҳо иморати на чандон баланду ҳота намуд, ки гирдогирдаш девор бардошта буданд аз тахтасанги сиёҳ; боми хона сабз, андоваҳояш рехтагӣ ва тирезаҳои кучаку тангаке дошт ҳамчу чашмони нимбозе. Хонаи рустоӣ дар теғаи офтоб буд ва пиромунаш ҳич обу дарахт наменамуд. Онро заминдорҳои ҳамсояву дигар рустоиён «Маҳалли печенегҳо». меномиданд. Солҳои пеш кадом як тарроҳи замини раҳгузар дар ин мазраъа шабро рӯз кардааст; ӯ тамоми шаб бо Иван Абрамич суҳбат карда, нороҳат мешавад ва саҳар, ҳини рафтан, бо чеҳраи гирифта ӯро мегӯяд, ки: «Шумо, сарвари гиромӣ, як печенег ҳастед!». Аз он замон «Маҳалли печенегҳо». вирди забонҳо шуд ва ин унвон боз бештар аз он маъмул гашт, ки баччаҳои Жмухин бузург шуданду ба боғу полези ҳамсояҳо тохтутоз кардан гирифтанд. Ҳамчунин худи Иван Абрамичро «медонед». унвон дода буданд, зеро маъмулан ӯ хеле зиёд гап мезад ва ҳар гоҳе ҳам лафзи «медонед».-ро ба забон меовард.

Дар саҳни ҳавлӣ, наздикии оғил писарони Жмухин меистоданд: яке нуздаҳсола, дигарӣ наврас ва ҳар ду побараҳнаву сарлуч; даме ки ароба вориди ҳавлӣ шуд, писари наврас мурғеро баланд ба ҳаво партофт, ки мурғ қуд-қудкунон париду нимдоираеро тарсим кард; писари бузург аз туфанг шиллик кард ва мурғ мурду ба замин уфтод.

– Инҳо писарони ман, ки тирандозӣ ба мурғони дар айни парвозро машқ мекунанд, – гуфт Жмухин.

Дар дами дар мусофиронро зане истиқбол намуд – хурдҷусса, лоғарак, бо ранги рӯйи заҳир, ҳанӯз ҷавону фаттон; аз сару либосаш мешуд гуфт, ки ӯ пешхидмати хона аст.

– Лутфан муаррифӣ мекунам, – гуфт Жмухин, – Ин кас модари сагбаччаҳои ман. Хуб, Любоф Осипуфна, – руҷуъ кард ба ӯ, – ку, биҷунб, модар, меҳмонро муруввате бинамой. Таъоми шом биёр! Фақат зудтар!

Хона аз ду бахш таркиб ёфта буд; дар яке «толори пазирой». ва дар бари вай ҳуҷраи хоби Жмухини пирамард – ҳар ду ҳуҷра дилгир, бо сақфи пасту пур аз магасу ору, аммо дар дигар бахш ошпазхона ҷой гирифта буд, ки дар он пухтупазу ҷомашӯӣ мекарданд, коргаронро ғизо медоданд; низ ин ҷо, зери нимкатҳо, ғозҳову мурғҳои марҷон тухм мехобонданд ва рахти хоби Любоф Осипуфнаю ду писараш низ ҳамин ҷо буд. Ҷевони толори меҳмон бепардоз буд, зоҳиран, он кори наҷҷори маҳаллиест; дар деворҳо чанд туфангу хурҷини шикорию тозиёна овезон; ҳама ин куҳнакола занг задаву зери гарду ғубор тира шуда буданд. Таблое дида намешуд, дар гӯшае як лавҳаи сиёҳ менамуд, ки гӯиё як вақтҳо тасвири муқаддас будааст.

Ҷавонзани хохол хон густарду ветчина (кабоби хӯкӣ – тарҷумон) ва баъд карамшӯрбо овард. Меҳмон аз нӯшидани водко худдорӣ кард, танҳо нону бодринг мехӯрд.

– Аз ин ветчина чиро майл намекунед? – пурсид Жмухин.

– Ташаккур, намехурам, – посух дод меҳмон. – Аслан гӯшт намехурам.

– Чиро ин тавр?

– Гиёҳхорам. Куштани ҷонварон ба эътиқоди ман зишт аст.

Жмухин як лаҳза андешид ва баъд оҳ кашиду оҳиста гуфт:

– Оре... Фаҳмидам... Дар шаҳр ман низ нафареро дидам, ки гӯшт намехурад. Ин як мазҳаби тоза аст, ки пайравияш доранд. Бад нест, хуб аст ин. Намешавад ки ҳама ҷонваронро тир андохту кушт, медунед, бояд гоҳе ором гирифт, ин ҷонваронро ҳам осуда гузошт. Гуноҳ аст куштан, гуноҳ, – ҳоҷат ба гуфтор нест. Гоҳе ба харгӯш тир меандозӣ, аз по захмияш мекунӣ, ҷонвар фиғон мекашад, гӯиё ки кӯдак аст. Маълум, ки дард мекашад!

– Албатта ки дард дорад, ҳайвунҳо ҳам мисли инсон ҷон доранд.

– Дуруст аст, – мувофиқат кард Жмухин. – Ин ҳамаро хуб дарк мекунам, – андешакунон афзуд, – Аммо эътироф бояд кард, як чизро наметавонам фаҳмид: ба фарз, медунед, агар мардум аз гӯштхӯрӣ даст кашанд, он вақт ин ҳама ҷонварон, ба мисли мурғу ғози хонагӣ чӣ мешаванд?

– Мурғҳову ғозҳо озод мегарданд, мисли даштиҳо.

– Бале, мефаҳмам. Воқеъан зоғҳову калоғҳо зиндагӣ доранд, бе кумаки мо ҳам гаштаанд. Оре... Ҳам мурғҳову зоғҳо, ҳам гӯсфандҳо озоданд дар зиндагӣ, хушҳолӣ мекунанд, медунед, ҳам шукри Худовандро ба ҷо меоранд ва ҳам аз касе намеҳаросанд. Сафою осоише фаро мерасад. Фақат, медунед, як чизро сарфаҳм намеравам, – суханашро давом дода, ба ветчина нигарист. – Ин хӯкҳоро чӣ кор кард? Куҷояшон раҳо кунем?

– Инҳо ҳам мисли дигар, мегарданд озод.

– Ҳамин тавр. Бале. Аммо гӯш кунед, агар даст аз куштори инҳо бардорем, он гоҳ чандин карат афзун мешаванд, медунед, он гоҳ паноҳи боғу чаману киштзор ба Худо. Охир агар хӯкро раҳо карду озод гузошту нигоҳаш накард, ҳама ҷоро дар як рӯз хароб мекунад. Хӯк хӯк аст, беҳуда хӯкаш нагуфтаанд...

Ғизои шомро хӯрданд. Жмухин аз пушти миз бархост ва муддате дар ҳуҷра қадам зад ва ҳамоно гап мезаду гап мезад... Дӯст медошт, ки перомуни ягон чизи муҳимму ҷиддӣ суҳбат кунад; ва ҳам муштоқ буд, ки дар ин дами пирӣ ба ягон ақидае такя кунаду оромиши хаёл ёбад ва ба ин натиҷа нарасад, ки марг чизи ваҳшатнокест. Мехост ҳамон мулоимат, эътимод ба худу оромиши равониеро дошта бошад, ки меҳмонаш дошт, меҳмоне ки инак бо бодирингу нон шикам сер карда, акнун фикр мекунад, ки ба зинаи камолот расидааст; вай рӯйи сандуқ нишаста, тандурусту чоқу сариҳол асту сокит ва дар ҳар ҳолате сабуру шикебост; ва дар нимторикӣ вақте аз роҳрав ба ӯ менигарӣ, монанди як санги бузургест, ки намешавад, аз ҷо ҷунбондаш. Чӣ хуб аст, кас дар зиндагӣ ваҷҳе дошта бошад.

Жмухин аз роҳрав ба айвон баромад; ба гӯш мерасид, ки ӯ чӣ гуна андешаманд ба худ замзама мекард: «Ҳо... ҳамин тавр».. Ҳаво торик мешуд, дар осмон ҳар ҷое ситораҳо намудор мегаштанд. Дар ҳуҷраҳо ҳанӯз чароғ равшан накарда буданд. Як кас бесадо, мисли соя вориди толор шуд ва пеши дар истод. Лубов Осипуфна, ҳамсари Жмухин буд ӯ.

– Шумо шаҳриед? – пурсид ӯ хиҷолатомез аз меҳмон, бидуни он ки ба ӯ нигоҳ кунад.

– Бале, ман дар шаҳр зиндагӣ мекунам.

– Шояд шумо аз бахши омӯзиш буда бошед, арбоб, кошке моро роҳнамоӣ кунед, Худо баракат диҳадтон. Мо бояд дархостномае манзур кунем.

– Ба куҷо? – пурсид меҳмон.

– Мо ду писар дорем, сарвари меҳрбон, кайҳост ки бояд онҳоро ба хундан медодем, аммо касе ин ҷо намеояд ва ҳич кас ҳам нест, ки маслаҳате диҳад. Ман худ сарфаҳми чизе намеравам. Чун, агар инҳоро нахононӣ, ба сарбозӣ мисли казаки қаторӣ даъват мешаванд. Хуб нест, ҷаноб! Хундану навиштан наметавонанд, бадтар аз рустоиёнанд; ҳамин худи Иван Абрамич аз инҳо мутанаффир аст, намегузорад ки хуна биёянд. Аммо магар гуноҳи инҳост? Ақаллан хурдиро ба хундан диҳем, ростӣ ки дили одам месӯзад! – мад кашиду гуфт ӯ, садояш ҳам ларзид; зоҳиран боварнакарданӣ буд, ки ин зани хурдҷуссаву ҷавон ду фарзанди калон дорад. – Вой, чӣ қадар дили одам баройи инҳо месӯзад!

– Ту, ки ҳиччӣ намефаҳмӣ, модар, корат ҳам ба ин корҳо набошад, – гуфт Жмухин, дами дар пайдо шуда. – Бо ин гапҳои бесарунӯгат меҳмонро ба сутуҳ наёр. Бирав аз ин ҷо, модар!

Любоф Осипуфна берун рафт ва дар роҳрав дубора бо садои маҳин такрор кард:

– Вой, чӣ қадар дили одам баройи инҳо месӯзад!

Баройи меҳмон дар толор, болои диван ҷогаҳ густарданд ва чароғаке ҳам афрухтанд, ки торикаш набошад. Жмухин дар ҳуҷраи худ дароз кашид. Ва хобида, ба андеша рафт – пиромуни руҳаш, аз пиронсолияш, пиромуни сактае ки чанде пеш суроғаш омада буду он қадар тарсонида, возеҳан маргро ба ёдаш оварда буд. Вақте танҳо мемонд, дӯст дошт дар оромӣ фалсафапардозӣ кунад, ба назараш менамуд, ки вай хеле одами ҷиддиву амиқест ва дар ин олам таваҷҷуҳашро танҳо масъалаҳои муҳимм ҷалб мекунад. Ҳоло яксара фикр мекард, мехост бар сари ягон андешае ояд, ки аз афкори дигарон фарқ кунад, дар зиндагӣ ба тарзи қобили мулоҳазае раҳнамояш бошад ва мехост баройи худ кадом як қонуне вазъ кунад, ки рӯзгорашро ҷиддиву амиқ созад, ҳамчун худи ӯ. Чунонки басо хуб буд, вайи пирамард, тамоман аз гӯшт ё ҳар чизи зиёдатии нохоста бипарҳезад. Он замоне, ки одамҳо якдигар ё ҳайвонҳои дигарро нахоҳанд кушт, дер ё зуд мерасад ва ҷуз ин нахоҳад шуд; ӯ ин замонро пеши худ муҷассам кард ва ба рӯшанӣ хештанро тасаввур намуд, ки дар канори ҷумла ҷонварон бо сулҳу оромиш зиндагӣ дорад, вале ҳамоно боз ба ёдаш хӯкҳо уфтоданд ва ҳама тасаввуроташ ба ҳам омехту мағшуш шуд.

– Моҷарои аҷоибу ғароиб, Худои ман, моро бибахшой, – ғур-ғур кард ӯву оҳи амиқе кашид. – Шумо хобед? – пурсид ӯ.

– На!

Жмухин аз ҷо бархост ва дар остонаи дар истод; дар тан пираҳан, ба меҳмон поҳои рагу решадавидаю чун хода хушки худро намоиш медод.

– Ҳам акнун, медунед, – шуруъ кард ӯ, – ин телеграфу телфунҳо, ва хулоса ҳар гуна чизҳои аҷоибу ғароиб сохта шуд, аммо ахлоқи мардумон на тағйир ёфту на беҳ гардид. Мегӯянд, дар он айём, сӣ – чиҳил соли пеш, мардум хашантару бераҳмтар будаанд, аммо кунун магар ҳамчунин нест? Воқеъан, он замон бидуни худнамоӣ мезистанд. Албатта он рӯзҳо, айёми ҷавониям, ташрифоти имрӯзаро надоштанд. Ёд дорам, дар Қафқоз, вақте чаҳор моҳ назди дарёчае бе ҳич кор истода будем, – он вақт ман пулиси хурд будам, – моҷарое пеш омад, мисли як достони ишқӣ. Дуруст дар лаби ҳамон дарёча, медунед, ки ҳанги мо меистод, шоҳзодае дафн шуда буд, ки мо чанде пеш кушта будемаш. Ҳар шаб, медунед, шаҳбонуи ҳамсараш сари гӯри ӯ меомаду гиряву зорӣ мекард. Вай шеван мекарду менолид, шеван мекарду менолид, пурдард навҳа мекашиду навҳа мекашид ва он чунон моро ғуссабор мекард, ки дигар хобамон намебурд, вассалом. Як шаб намехобем, боз шаби дигар намехобем, хулоса хастаамон кард. Ҳамин тавр, агар аз рӯйи ақли солим кор гирем, намешавад аз пайи ҳар иттифоқе, бало занад, нахобид (пӯзиш мехоҳам аз ин ҳарфҳо). Гирифтему ин шаҳбонуро хуб кӯбидем – дигар дар сари қабр пайдояш нашуд. Ин ҳам, як намуна боройи шумо. Кунун, албатта, он мардумон нестанд, ҳамдигарро латту кӯб намекунанд, зиндагии соф доранд ва улуми зиёде пайдо шудааст, аммо, медунед, сиришташон ҳамон аст, ҳич тағйир наёфтааст. Ҳоло, лутфан бибинед, заминдоре ҳаст дар ин наздикиҳо. Кони ангишт дорад, медунед. Пеши ӯ афроди бепаспорту ҳар гуна овора кор мекунанд, ҷойи рафтан надоранд. Шанбеҳо коргарон бояд дастмузд бигиранд, аммо медунед, пул додан намехоҳад, пул ҷони ӯ. Акнун як саркоре пайдо кардааст, аз ҳамун кӯчагиҳо, гарчи кулоҳбарсар аст. Мегӯяд, «барояшон ҳич чиз надеҳ, ҳатто як копек; онҳо туро шаллоқ мезананд, мегӯяд, бигзор зананд, ту тоқат кун, ман ҳар шанбе даҳ рублат медиҳам».. Ҳамин тавр, ҳар бегоҳи шанбе коргарон мураттаб меоянд, ки дастмузд гиранд, аммо саркор ба онҳо: «Пул нест!».. Басо мегӯянду мешунаванд, сипас душному носазогӯиву ҷанҷол шуруъ мешавад... Ӯро мушту лагадборон мекунанду мекӯбанд, – медунед, аз гуруснагӣ ки даранда шудаанд, – то аз ҳуш рафтан мезанандаш, баъд ба ҳар ҷо тит

мешаванд. Арбоб дастур медиҳад, ки ба сараш оби сард резанд, он гоҳ даҳрублиро ба даҳонаш мегузорад. Ӯ мегирад ин пулро, шод ҳам ҳаст; зеро воқеъан, на ин ки баройи даҳ рубл, балки баройи серублӣ тайёр аст, ки дар гарданаш таноби дор зананд. Ҳо-о... Ва рӯзи душанбе як даста коргарони нав пайдо мешаванд; мебиёнд, ҷойи дигар нест... Ва рӯзи шанбе боз кӯза ҳамон асту коса ҳамон...

Меҳмон ба паҳлӯи дигар ғел зад, рӯяш ба пушти диван ва зери лаб чизе ғур-ғур кард.

– Боз як мисол, – давом дод Жмухин. – Ҳамин ҷо сиёҳзахм пайдо шуд, медунед; ҳайвонот мисли магас боло-болои ҳам мемурданд, байторҳо меумаданд ин ҷо, дастури қатъӣ буд, ки ҳайвонҳои талафшударо то ҳадди имкон, дар дуриҳо, дар қаъри замин гӯр кунанд, болояшон оҳаку чизҳои дигар резанд, медунед, бар пояи илм. Аспи ман мурд. Ман бо диққати тамом гӯраш кардам ва фақат аз оҳак даҳ пуд болояш рехтам. Ба назаратон баъд чӣ? Ин шербаччаҳои ман, медунед, писарҷонакҳоям, шабона аспро аз зери хок кашиданду пӯст карданду се рубл фурӯхтанд. Бале, ҳамин тавр. Яъне инсонҳо беҳ нашудаанд, яъне оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад! Ҳамин тавр аст, бале. Ин ҳама мояи андеша аст! Шумо чӣ назар доред?

Дар як тарфи тиреза, аз миёни шикофҳои панҷараи чӯбин барқ шуъла зад. Ҳаво пеш аз бориши шадид дамгир буд, пашшаҳои шаб шабехун мезаданд ва Жмухин, ки дар ҳуҷраи худ дароз кашида ба фикр рафта буд, оҳ кашид, нола кард ва ба худ гуфт: «Ҳо-о... ҳамин тавр». – ва намешуд ғанаб рафт. Дар куҷое, дар дуриҳои дур, тундар меғуррид.

– Шумо хобед?

– На, – посух дод меҳмон.

Жмухин аз ҷо бархост ва аз толору даҳлез бо дампоиҳояш садо дардода ба ошпазхона рафт – обнӯшӣ.

– Дар ин дунё бадтар аз ҳама, медунед, ҳамоқат аст, – гуфт ӯ, каме таваққуф карда, кафлес дар даст баргашт. Ин Любоф Осипуфнаи ман зону зада дар пешгоҳи Худо ибодат мекунад. Ҳар шаб намоз мегузорад, медунед, сар ба замин саҷда меорад, то, аввал ин ки баччаҳоро ба хондан дод; инҳо, ки нохондаанд, ба аскарӣ чун казаки қаторӣ мераванд ва бо шамшери ғилофпӯш ба пушти камарашон мезананд. Аммо таҳсили онҳо пул мехоҳад ва ман онро аз куҷо ёбам? Агар саратро ба девор занӣ ҳам, пайдо нест, ки нест. Дувум, барои он

ибодат мекунад, ки медунед, ҳар як зан фикр мекунад, ки бадбахттар аз ӯ дар олам нест. Ман як касеам, ки рукку бепарда мегӯям, намехоҳам аз шумо чизеро пинҳон дорам. Вай аз хонаводаи фақир аст, ба қавли маъруф, духтари кашиши ноқусзан; дар ҳабдаҳсолагӣ ҳамсари ман шуд ва ӯро бештар баройи он ба ман доданд, ки чизе баройи хӯрдан набуд, муҳтоҷӣ, бадкорӣ, аммо ман ба ҳар ҳол, дида истодаед, замину деҳқонӣ дорам, ҳар гуна ки бошад ҳам афсар ҳастам; ҳамсарӣ бо ман барояш гуворо буд, медунед. Аз рӯзи аввали арусиямон ӯ мегирист ва баъд тамоми бист сол гиря кард – чашмонаш мудом пури ашк. Ва ҳамеша менишинаду фикр мекунаду фикр мекунад. Аммо фикри чӣ мекунад, агар пурсам? Аслан як зан дар боби чӣ чиз бояд бияндешад? Ҳиччӣ. Ман занҳоро, ростӣ, одам ҳам намеҳисобам.

Вакилмудофеъ бо шиддат бархосту нишаст.

– Бибахшед, мисле ки нафасгир шудам, – гуфт ӯ. – Мехоҳам, берун равам.

Жмухин, ҳамоно аз занҳо сухан мегуфт ва дар даҳлез ғалақаро боз кард, ҳар ду берун рафтанд. Моҳи шаби чаҳордаҳ бар фарози ҳавлӣ шиновар буд ва дар партави фурӯғи маҳтоб хонаву анборҳо сефедтар аз рӯз менамуданд; ва рӯйи алафҳо, ки миёни сояҳои торик нури борики равшан қад кашида буд, низ сафед буд. Дар дуриҳои самти рост дашт менамуд, ситораҳо бар фарози он оромона миҷҷа мекӯфтанд – ҳама пур аз рамзу роз ва дар дуриҳои дур, мисле ки ба вартае жарф чашм меандозӣ; аммо аз чапгаҳ яке аз паси дигаре абрҳои анбуҳи буронӣ, сиёҳу мисли дуда, тарокум карда буданд; маҳтоб дар гӯшаҳои онҳо равшанӣ мепошид ва ба назар менамуд, ки он ҷо кӯҳҳоест бо қуллаҳои барфпӯш, бешазорони торику баҳр; барқ шуъла мезанад, садои ороми тундар шунида мешавад, гӯиё разме дар кӯҳсор сар задааст...

Дар наздикии хона чуғзи кучаке якнавохт садо медиҳад: «хобидаам! хобидаам!».

– Соат ҳоло чанд аст? – пурсид меҳмон.

– Наздик ба ду.

– То субҳ вақти зиёдест, аммо!

Ба хона бозгаштанду боз дароз кашиданд. Мебояст, ки хоб мерафтанд, ки хоби пеш аз борон маъмулан гуворост, аммо пирамард аз таҳти дил мехост афкори муҳимму ҷиддӣ ронад, мехост, ки натанҳо бияндешад, балки табодули назар кунад. Ва боз ба он фикр рафт, ки

бо дарназардошти он ки марг акнун соя бар сараш афкандааст, ба хотири раҳоии руҳ ин беҳудагардиҳоеро, ки рӯзу рӯзҳову солу солҳояшро ин гуна ноаёну беасар фурӯ мебарад, тарк кунад; баройи худ ягон қаҳрамоние фикр кунад, масалан, пиёда ба ҷойҳои дури дур рафтан ё мисли ҳамин мард гӯштхӯриро сарфи назар кардан. Ва боз ояндаеро пеши худ тасаввур кард, ки одамҳо дигар ҷонваронро намекушанд, ба вузуҳу равшан тасаввур кард, ки гӯиё дақиқан худ дар чунин айём зиндагӣ мекард; аммо ногаҳон боз ин ҳама дар сараш ба ҳама омехтанду афкораш мукаддар шуд.

Бӯрон аз наздикиҳо гузар кард, осмон ҳамоно абрӣ, борон меомаду рӯйи бом ба нармӣ ангушт мезад. Жмухин аз ҷо бархост, пирона уфф гуфту хамёзае кашид ва ба толор назар андохт. Дид, ки меҳмон бедор аст, гуфт:

– Вақте дар Қафқоз будем, медунед, як сарҳангамон мисли шумо гиёҳхор буд. Гӯшт намехӯрд, ҳич гоҳ шикор намерафт ва ба афродаш иҷозат намедод, ки моҳӣ доранд. Бале, ман дарк мекунам. Ҳар ҷонваре бояд озод зиндагӣ кунад, аз ҳаёт бархурдор бошад; як чиз номафҳум аст – чӣ тавр мешавад ки ин хӯкҳо дилашон ҳар ҷо ки хоҳад, бираванд, бе ҳич назорат...

Меҳмон аз ҷой бархосту нишаст. Рангаш паридаву такида буд ва ҳикоят аз хастагию озурдагии ӯ мекард; рӯшан буд, ки азоб кашидааст ва танҳо фурӯтанию ҳаёсириштияш намегузошт, ки озурдагии худро намоиш диҳад.

– Субҳ омад, – бо нармӣ гуфт ӯ. – Лутфан дастур диҳед, ки аспе ба ман диҳанд.

– Чиро? Сабр кунед, ки борон монад.

– На, хоҳиш мекунам, – меҳмон бо оҳанги таваллову изтироб гуфт. – Мехоҳам худи ҳозир.

Ва шитобзада либос пӯшид.

Вақте аспро ҳозир карданд, офтоб рух намуда буд. Кунун борон ҳам ист гирифт, абрҳо аҷулона мепароканданд, дар осмон лаҳза ба лаҳза лаккаҳои нилгун бештару бештар падид меомаданд. Нахустин партавҳои офтоб дар зер – рӯйи кӯлмакҳо, медурахшиданд. Вакили мудофеъ киф дар даст аз роҳрав гузашт, то ба ароба бинишинад, дар ин лаҳза ҳамсари Жмухин, бо ранги парида, мисле коҳидатар аз дишаб, дидагонаш пур аз ашк, бо диққат ба ӯ менигарист – миҷҷа накӯфта, маъсумона чун духтарони кӯчак; аз чеҳраи ғамгини ӯ пайдо буд, ки аз озодии меҳмон ҳавасаш меояд, – оҳ, ки бо чӣ иштиёқе ӯ худ

низ ин ҷоро тарк мекард! – ва ба ӯ чӣ чизе гуфтан мехост, кадом як андарзе дар боби писаронаш шунидан мехост. Чӣ симои раҳмангезе дошт ӯ! Ӯ на ҳамсари касе буду на бонуи хона, ҳатто дар ин хона пешхидмат низ набуд, балки як хӯрандаи бенаво буд, хешованди оҷизу ба ҳич кас нолозим... Шавҳараш равуо мекарду беист гап мезад ва пеш-пеш меҳмонро мегуселонд, аммо зан ҳаросону гунаҳкорона ба девор часпида буд ва лаҳазоти муносиброро мепойид, то чизе гӯяд.

– Марҳамат, боз ҳам, ташриф биёред! – бевақфа такрор кард пирамард. – Маҳзи ризои Худо хушнуд мешавем аз хидмат ба шумо, медунед.

Меҳмон бо шитоб ба ароба нишаст, бадеҳист, ки бо хушҳолии тамом, аммо яқинан бим дошт, ки ана-мана боз нигоҳаш медоранд. Ароба мисли дирӯз ҷастухез кард, ғич-ғич садо дод, сатиле ки пушти он баста буданд, девонавор ба такутук даромад. Вакилмудофеъ ба Жмухин нигарист бо як нигоҳи мармуз; зоҳиран ӯ, мисли он тарроҳи замин, мехост вайро печенег ё ягон чизи дигар бихонад, аммо тавозуъу покниҳодияш монеъ шуд, хештандорӣ кард ва чизе нагуфт. Вале пеши дарвоза ногаҳон инони ихтиёр аз даст дод ва нимхез шуду бо садои баланду пурхашм гуфт:

– Шумо маро ҷунбезор кардед!

Ва аз назарҳо ғойиб шуд.

Писарҳои Жмухин назди анбор меистоданд: калонӣ туфанг дар даст, хурдӣ хурӯси хокистариеро бо тоҷи зебои рахшанда дудаста медошт. Хурдӣ бо тамоми нерӯ хурӯсро ба ҳаво андохт, хурӯс аз боми хона баландтар парид ва дар ҳаво мисли кабутар вожгун шуд, калонӣ шиллик кард ва хурӯси бадбахт ба замин уфтод, ҳамчу санг.

Пирамард гиҷ шуд, намедонист, ки ин алфози аҷоибу ғайриинтизори меҳмонро чуну чӣ гуна тавзеҳ дод, ба оромӣ хона даромад. Пушти миз нишаст ва хеле мулоҳаза ронд – перомуни ҷиҳатҳои аслии ақлу афкор, дар боби шарорати умумии насли ҳозир, оид ба телеграфу телфон, аз дучархаҳо, аз ин ки ин ҳама асбоби нолозимеянд; ва кам-кам ором гирифт, баъд чизе хӯрд, бо тааннӣ панҷ финҷон чой нӯшид ва дароз кашиду ғанаб рафт.

***1897***

# ВАНКА

Ванка Жукови нуҳсола, писарбаччае, ки се моҳи пеш ба шогирдии мӯзадуз Аляхин дода буданд, дар шаби ҷашни милоди Масеҳ нахобид. Сабр кард, то соҳибдуккон, ҳамсари ӯ ва шогирдони бузургтари дуккон ба калисо,ба ибодати субҳи рӯзи ид рафтанд, ва он гоҳ аз ҷевони арбоб шишачаи ранг ва як қалами нӯгзангзадае берун оварду варақҳои фарсударо назди худ густард ва шуруъ кард ба навиштан. Пеш аз он ки ҳарфе нависад, ӯ чанд бор ҳаросон сӯи дару тиреза нигарист; ба тасвири тираи Масеҳ, ки дар рафчаҳои ду тарафи он қолибҳои кафш анбошта шуда буд, нимнигоҳе афганд ва канда-канда нафас кашид. Коғаз бар рӯйи харакча ва ӯ худ дар бари харак зону зада буд.

«Бобоҷони азизам, Констонтин Макарич! – навишт ӯ. – Инак бароят нома менависам. Милоди Масеҳ шуморо муборак бод ва аз Худованд таманно мекунам, ки бароят ҳама чиз бидиҳад. Ман дигар на падар дорам, на модар, танҳо ту мондаӣ барои ман»..

Ванка нигоҳе ба тирезаи торик андохт, ки шуълаи шамъаш дар он ҷило медод ва бобояш Макаричро, ки нигаҳбони шабонаи манзили Живаревҳо буд, гарму гуворо пеши назар овард. Бобояш пиракии бо ҷуссаи хурду лоғар, аммо фавқулода чолоку пуртаҳарруке буд – шаступанҷсола, бо чеҳраи доимо хандону чашмони махмур. Рӯзона ӯ дар ошпазхонаи хидматгорон мехобид ё бо занони матбах шӯхию ширинкорӣ мекард, аммо шабона бар тан пӯстине фарох печонида, чӯбакзанон дар атрофи амлок гашт мезад. Ду саг – Коштонкаи пири мода ва Виюни сиёҳмӯи росушакл, бо сари хам аз дунболаш меоянд. Виюн, чи бо худиву чи бо бегона, фавқулода меҳрбону нозанин аст, аммо эътимодро нашояд. Дар зери ин сидқу тавозуъи пурсафояш неши риёкоронаву тунде ниҳон аст. Беҳтар аз ӯ саге натавонад сари фурсат ноаён ояду аз пойи касе гирад ва ё сар ба сардоби хонаҳои бегона занаду мурғе бидуздад. Ҳарчанд борҳо заданду дасту пояшро ланг карданд, як-ду бор овехтандаш ва боз ҳар ҳафта то ниммурда шудан шаллоқкорӣ шуд, аммо зинда монд.

Шояд бобо акнун дар дами дарвоза истода, бо чашмони нимароғ сӯи тирезаи сурхи равшани калисо нигоҳ мекунад ва бо мӯзаҳои намадӣ по ба по зада, бо занони пешхидмат мазоҳу шӯхӣ дорад. Чӯбак дар камарбандаш овезон. Аз шиддати сармо даст месояду ғунча

мешавад ва гоҳе пешхидматро, гоҳе ҳам ошпаззанро метурукаду пирона қаҳқаҳа мезанад.

— Чиро тамоку накашем? — нидо мекунад ӯ, ва тамокудонро пеши димоғи занон меорад.

Занон тамоку бӯй мекунанду атса мезананд. Бобо чунон ба ваҷд меояд, ки ногуфтанӣ, аз ханда беҳол шуда, фарёд мезанад:

– Бикан, ки ях кард!

Баъд халтаи тамокуро ба димоғи сагҳо наздик мекунад. Коштонка атса мезанад, рӯ гардонда, озурдаманд дур меравад. Аммо Виюн аз рӯи адабу ихлос атса намезанад ва фақат дум меликонад. Ва ҳаво чӣ гуна гуворою пурнишот аст: орому аёсу тоза. Шаб торик аст, аммо тамоми деҳа бо бомҳои сафеду ғалаёни дуди мӯриҳо, бо талҳои барфию дарахтони яхзадаи нуқрафом ба хубӣ намудоранд. Ситораҳо дар осмони бекарон хирман зада, шодона чашмак мезананд ва Каҳкашон он гуна тобону назаррубост, ки гӯиё онро дар арафаи ид шустаанду бо барф рӯфтаанд.

Ванка оҳе кашид ва қалам ба давот заду боз навишт:

«Ва дишаб бар сарам борони куттак рехт. Арбоб аз мӯям кашиду дар саҳни ҳаёт бо тасмаи чармӣ сахт кӯфтам; чун вақте гаҳвораи баччаашонро меҷунбондам, беихтиёр хобам бурдааст. Ва ҳафтаи пеш зани арбоб моҳиҳои намакзадаро пешам гузошт, ки пок кунам; ва ман аз думи моҳӣ шуруъ кардам. Ва моҳиро аз дастам гирифту каллаи онро ба сару рӯям шакиду зад. Шогирдҳои дигар ришхандам мезананд, мефиристандам, ки аз майхона арақшон бихарам ва маҷбурам мекунанд, ки аз анбори арбоб бодринги шӯр бидуздам, он гоҳ арбоб ҳар чӣ ки ба дасташ ояд, ба сарам мезанад. Ва хӯрдание ҳам надорам. Субҳ як тикка нуни хушкам медиҳанд, нисфи рӯз шавла ва шомгоҳ боз ҳам нуни холӣ; ва чойу карамшурбо куҷо – худашон дулунҷа мезананд! Ва рахти хобамро дар долон тахт кардаанд; ва вақте баччашон гиря мекунад, ман дигар намехобам, балки гаҳвора меҷунбонам. Furthermore Бобоҷони азиз, бар ман раҳми Худо бинамой; аз ин ҷо маро ба деҳамон бибар, ба хона. Дигар тобу тавонам намондааст... Сар ба қадамҳот мениҳам ва аз Худо бароят ҳамеша хайр металабам; аз ин ҷо маро бибар, вагарна мемирам...»..

Ванка аз риққат лаб пунба кард, чашмонашро бо дастони чарбу чирк пок карду оҳ кашид.

«Ман тамоку бароят резаву ос мекунам, — навишт ӯ, — дар ибодатҳоям дуъоят мекунам; агар накардам ё кори баде кардам,

мурданивору бераҳмона зери мушту лагатам гир. Ва агар фикр кунӣ, ки маро коре пайдо нест, ба пеши пойи пешкор меуфтам ва аз ҳазрати Масеҳ барояш дуъо мекунам, ки мӯзаҳояшро пок кунам ё ки ба ҷойи Федко чӯпонӣ меравам. Бобоҷони меҳрбонам, ин ҷо тавону маҷолам намондааст, марг сояи зиндагиям шудааст. Хостам гурезаму пойи пиёда ба деҳа оям, аммо кафш надорам, аз сармо метарсам. Ва вақте бузург шудам, дар ивази ин ғамхорӣ парасторат мешавам, нону ошат меорам, нахоҳам гузошт, ки касе озорат диҳад ва чун мурдӣ, бо дуъо аз Худованд талаби омурзишат мекунам, мисли дуъоҳое ки ба руҳи модарам Пилагеё мехонам.

Ва Маскав шаҳри бузургест. Хонаҳо ҳама арбобӣ, асп зиёд аст ин ҷо, аммо гӯсфанд нест, сагҳо ҳам гирандор нестанд. Баччаҳо ин ҷо бо суруду ситораҳои солинавӣ хуна ба хуна намегарданд ва дар калисо касеро барои дуъохонӣ ба дуъохонаи назди меҳроби калисо роҳ намедиҳанд, то дуъо хонаду пуле гирад; ва рӯзе аз тирезаи як дуккон чангакҳои моҳигирии наху шастдорро дидам, барои ҳар моҳие ки бихоҳӣ, хубу олиянд; ҳатто чангакеро дидам, ки лаққамоҳии якпудиро тоб меорад. Ва боз дукконҳое дидам, ки пур аз туфанг, ҳар ранг, мисли туфангҳои арбобамон, ба иҳтимол ҳар кудом садрублиянд... Ва дар қассобхуна хуруси титаву ҳам вартичу ҳам харгӯш аст, ва дар куҷоҳо инҳоро сайд мекунанд, дуккондор ба касе чизе намегӯяд. Бобоҷони азиз, ва вақте дар хонаи арбоб арчаи солинавиро ороиш медиҳанд, барои ман чормағзи тилоие бигир ва дар сандуқчаи сабз пинҳон кун. Аз арбобхонум Олго Игнатовно бигир, бигӯй ки барои Ванка»..

Ванка оҳе пуртабу тоб кашид ва бори дигар хираву абгор ба тиреза назар андохт. Ба ёд овард, ки барои бурси солинавии арбобҳо ҳамеша бобо ба ҷангал мерафт ва набераашро ҳамроҳ мегирифт. Айёми пурнишоте буд! Ҳам бобо ғур-ғур мекард ва ҳам сармои ҷангал меғуррид; Ванка ба инҳо менигаристу қаҳ-қаҳ мезад. Борҳо мешуд, ки бобо, пеш аз он ки ба бурсе табар занад, чубуқи худро оташ медод, бо таннӣ тамоку мекашид ва ба Иванкаяки аз сармо ларзон нигариста, механдид... Бурсҳои ҷавон, ки атрофи ӯро печонида буданд, сокиту беҳаракат меистанд ва мунтазиранд – дар ин дам кадоме аз инҳо бояд табар хурад? Ногоҳ аз куҷое, аз миёни барфтӯдаҳо, харгӯше тиросо чаҳорхез мезанад... Имкон надорад, ки бобо фарёд назанад:

— Бигир уна, бигираш... бигираш! Оҳ, шайтони думбурида!

Бобо бурси буридаро ба хонаи арбоб мекашонд ва он ҷо онро оро медоданд... Аз ҳама бештар арбобхонум Олго Игнотвено – дӯсту дӯстдори Ванка, ороишгарӣ мекунад. Ҳангоме модари Ванка – Пелагиё, барҳаёт ва аз пешхидматони арбоб буд, Олго Игнотевно барои Ванка оби дандон медод ва ҷиҳати саргармӣ ӯро хондану навиштану шуморишро то шумораи сад ёд дод; ҳатто рақси кодиреилро биёмӯхт. Чун Пилогея аз ҷаҳон рахт барбаст, Ванкаи ятимро ба хонаи хидматгорон назди боబояш фиристоданд ва аз ин маҳал ба Маскав, назди Аляхини мӯзадӯз...

Ванка идома медиҳад: «Бобоҷони азиз, биё пеши ман, ба Худо, ба ҳазрати Масеҳ аз ту илтиҷо мекунам, аз ин ҷо маро бибар. Ба мани ятими бадбахт раҳме кун, ин ҷо ҳар рӯз ҳама маро куттак мезананд; дилам гум мезанад барои хӯрок, аммо чунон дилтангам, ки ба сухан рост намеояд; ҳамеша мегирям. Ва дирӯзакак арбоб бо қолиби кафш ҳамчунон ба сарам зад, ки уфтодам ва ба зӯр ба худ омадам. Рӯзгорам барҳадар аст, батар аз сагони роҳ... Ва ҳамчунин ба Алёно, ба Егоркои якчашма ва ба аробакаш аз ман салом расон ва гармони маро ба касе надеҳ.

Ҳамонам, набераи ту, Ивон Жуков; бобоҷонам, зудтар биё»..

Ванка номаро чаҳорқад кард ва ба конверте, ки дирӯз як копек харида буд, гузошт... Андаке андешиду нӯги қалам ба рангдон зад ва суроғаро навишт:

Ба деҳаи бобоям.

Баъд сар хориду боз фикр кард ва афзуд: «Ба Констонтин Макарич».. Бисёр хушнуд буд, ки касе ҳангоми навиштани нома нороҳаташ накард; ӯ кулоҳашро ба сар гузошта, бидуни он ки пӯстин ба дӯш гирад, бо як пираҳан ба кӯча давид...

Як рӯз пеш аз гӯштфурӯшҳо пурсида буд ва онҳо гуфта будандаш, ки номаро ба сандуқи почта мепартоянд ва онро аз сандуқ берун оварда, тавассути аробакашҳои масту аробаҳои сеаспаи зангуладор ба чаҳор атрофи олам мерасонанд. Ванка ба қасди наздиктарин сандуқи почта берун давид ва ин номаи гаронбаҳояшро ба шикофи сандуқ андохт...

Ванка соъате баъд, бо ҳавои аллаи умедҳои ширин, ба хоби ноз рафт... Бухориро хоб дид, ки Бобо бо поҳои бараҳнаи овезон канори он менишаст ва номаи ӯро барои ошпаззанҳо мехонд... Назди бухорӣ Виюн ин сӯ-он сӯ мегардад ва дум меҷунбонад...

**1886**

## ҲАСРАТ

Говгум аст. Зарраҳои дурушти тарбарф гирди фонусҳое, ки чанде пеш рӯшанашон кардаанд, коҳилона мечарханд ва бо қабати нозуку нарм болои бомҳо, пушти аспҳо, бар дӯшу кулоҳи роҳгузарон меуфтанд. Иона Протапуфи аробакаш саропо сафед аст, мисли як шабаҳ. Ӯ, ба ҳадде ки як инсони зинда хам занад, пушташро хам карда, дар ароба беҳаракат нишастааст. Шояд агар тали барфе низ ба рӯяш резанд, чунин менамояд, ки гумон аст, вай лозим донаду ин барфро битаконад... Аспакаш ҳам сафед шудаву беҳаракат. Бо ин карахтияш, бо пойҳои тахтамонанду борикаш, вай ҳатто ба аспи тазйинии чандпула мемонад. Асп ҳам, ба иҳтимоли зиёд, ба фикр фурӯ рафтааст. Онеро, ки аз испору аз рӯзгори беранги маъмулияш дур андохта ва ин ҷо гирифтори як гирдоби пур аз оташҳои сеҳрангези ҳаёҳуюю даводави мардумон кардаанд, муҳол аст, ки фикр накунад...

Ионаву аспи наҳифаш акнун муддатест, ки аз ҷой наҷунбидаанд. Онҳо пеш аз зуҳр аз ҳавлӣ баромада буданд, аммо ҳамоно мусофире нест, ки нест. Торикии шаб ҳам акнун дар шаҳр доман мекашад. Фурӯғи дурахшоне ҷойи партави берамақи фонусҳоро мегардад, ва кӯчаҳо пурсарусадотар мешаванд.

– Аробакаш, ба Вибургскоё! – мебишнавад Иона. – Аробакаш!

Иона аз ҷо такон мехурад ва аз миёни мижгонҳои пурбарфаш низомиеро мебинад дар бар шинели кулоҳдор.

– Ба Вибургскоё ! – такрор мекунад низомӣ. – Магар хобӣ? Ба Вибургскоё!

Иона ба нишонаи мувофақат лаҷомро мекашад, ки пораҳои барф аз шонаҳои ӯву пушти асп фурӯ мерезанд... Низомӣ дар ароба менишинад. Аробакаш лабонашро чап-чап ва гарданашро ҳамчун қу дароз мекунад, нимхез мешавад ва тозиёнаашро на ба маҳзи зарур, балки чун одати дерина, ҷилва медиҳад. Аспак ҳам гардан ёзонда, пойҳои ходагунаашро кач мекунад ва бо бемайлӣ аз ҷой меҷунбад...

– Куҷо рафтан дорӣ, ғӯли ҷанголӣ?! – ҳамин дам ба гӯши Иона нидоҳое меояд аз ҷамъияти тираранге, ки аз пасу пешаш равуо мекарданд. – Ҳар ҷо, ки шайтонҳо бибаранд? Самти рост гир!

– Аробакашӣ наметавонӣ! Самти рост бигир! – нороҳат мешвад низомӣ.

Як аробакаши дигар ба ӯ носазо мегӯяд бо ошуфтагӣ, хашмгинона нигоҳаш мекунад ва барфи остини раҳгузареро ки аз хиёбон медавиду

бо китфаш ба фӯки аспи Иона зад, метаконад. Иона гӯиё рӯйи сӯзане нишаста бошад, оринҷҳояшро такон медиҳад ва чашмонашро девонаавзоъёна мечархонад, мисле намедонад дар куҷост ва аз чӣ рӯ онҷост.

– Чӣ бадҷинсеанд инҳо! – зарофат мекунад низомӣ. – Гӯё саъй мекунанд, ки ба ту даруфтанд ё зери поҳои аспат уфтанд. Бо ҳам гӯиё маслаҳат кардаанд.

Иона ба мусофир менигараду лаб меҷунбонад... Шояд мехоҳад, чизе гӯяд, аммо ҷуз хир-хири гулӯяш, сухане шунида намешавад.

– Чӣ мегӯйӣ? – мепурсад низомӣ.

Иона лаб каҷ мекунад, гулӯ меафшонад ва бо овози гирифта мегӯяд:

– Аммо, арбоб, ман... маро ин ҳафта писарам мурд.

– Ҳимм!... Аз чӣ чиз мурд?

Иона болотанаи худро тарафи мусофир гардонида мегӯяд:

– Кӣ ҳам медонад, агар Худо надонад! Бояд, аз вараҷа... Се рӯз бистарӣ буд дар бемористон ва мурд... Хости Худованд.

– Ин тараф гард, шайтон! – аз торикиҳо садо баланд мешавад.

– Магар хобӣ, пирсаг? Чашм кушо! – Пешрав, зудтар... – мегӯяд мусофир. – Бо ин тарз то пагоҳ ба манзил намерасем. Зуд бирон!

Аробакаш боз гардан мекашад, нимхез мешавад ва бо як виқори сангин тозиёнаро чарх мезанонад. Баъд чанд бор ба мусофир менигарад, аммо вай чашмонашро пӯшида, ва зоҳиран, ҳавсалаи гӯш кардан надорад. Ӯро дар Вибургскоё аз ароба пойин карда, худ назди майхона таваққуф мекунад, сар ба пеш хам карда, боз беҳаракат мемонад... Барфи тар аз нав ӯву аспакашро оҳор мезанад. Як соъат мегузарад, ду соъат...

Дар пайраҳа се ҷавон меоянд, калушҳои худро баланд ба садо овардаву душномкунон ҳамдигарро: дуе аз онҳо баландболову лоғар, сеюмӣ резу кӯзпушт.

– Аробакаш, рафтем ба Пули Пулисхона! – кӯжпушт фарёд мекунад бо садои дағалу гирифта. – Се нафарем... бист копек!

Иона маҳори аспро мекашад ва чап-чап мекунад. Байъи нокиройӣ; ин масир бист копек нест, аммо ӯ ҳоло на дар хаёли роҳкирост... Чи як рубл, чи панҷ копек – барояш фарқе намекунад, муҳимм ки мусофире бошад... Ҷавонон гапзанону ҳамдигарро носазогӯён назди ароба меоянд ва ҳар се болои курсӣ менишинанд. Ҷидоле дармегирад: кадоме аз ду нафари инҳо бояд бинишинаду кӣ сари по биистад? Пас

аз ҷанҷоли тулонию ғамзаву таънаҳо ба қароре меоянд, ки бояд кӯжпушт биистад, ки аз ҳама хурд аст.

– Хуб, ҳай кун! – кӯзпушт, ки пушти сари Иона қарор гирифтааст, фарёд мекунад. – Бикӯб! Чӣ кулоҳе дорӣ, ҷӯраякам! Батар аз ин дар тамоми Петербург пайдо нест...

– Ҳӣ-ӣ... ҳӣ-ҳӣ.. – қаҳқаҳа мезанад Иона. – Чихелӣ ҳаст...

– Воҳ ту, чӣ хел ҳаст, ҳай кун! Тамоми роҳ ҳамин хел меронӣ? Ҳо? Ё дар паси гарданат муште?...

– Сарам дард дорад... – мегӯяд яке аз дарозҳо. – Дирӯз дар Дукмосуф мо ду кас бо Васко чаҳор шиша коняк нӯшидем.
– Намефаҳмам, дурӯғ гуфтан чиро? – асабонӣ мешавад дарози дигар. – Дурӯғҳое мегӯяд, мисли ҳайвон.

– Худо маргам диҳад, агар дурӯғ гӯям...

– Ин аз ҳамон аҷибгуфторҳоест, ки касе мегӯяд – шабушк сулфид.

– Ҳи-ҳийй! – лабханди нешдоре мезанад Иона. – Чӣ арбобҳои ху-хушҳоле!

– Туфу, ҷин занад туро!... – хашмгин мешавад кӯжпушт. – Меравӣ ё не, мӯсафеди офат? Магар ҳамин тавр меронанд? Як бор навоз ӯро бо тозиёна! Ку бинам, шайтон! Ку! Боз нағзтарак!

Иона пушти сари худ ҷуссаи ноорому садои ларзони кӯжпуштро ҳис мекунад. Мешунавад, ки душномаш медиҳад, мардумонро мебинад ва ҳисси танҳоии қалбаш кам-кам таскин меёбад. Кӯзпушт, то даме ки бо атвори ғароибу душномҳои болохонадор гулӯгир намешаваду дигар аз сулфа маҷолаш намемонад, ҷанҷол мекунад. Дарозҳо ба нақли кадом як хонуме бо номи Надежда Петровна шуруъ мекунанд. Иона ба онҳо менигарад. Ҳамин ки сукути кӯтоҳе пеш омад, вай бори дигар ба онҳо нигариста ва зери лаб мегӯяд:

– Аммо, ман... маро ин ҳафта баччаякам мурд!

– Ҳама мемирем... – кӯзпушт оҳе мекашад, пас аз сулфа лабонашро пок карда. – Хуб, ҳай кун, ҳай кун! Ҷанобон, бо ин вазъ ман қатъиян дигар наметавонам роҳро идома диҳам. Ин моро кай ба манзил мерасонад?

– Хуб, ту як ташвиқи сабукаш кун... якта дар паси гарданаш!

– Ҳой, офати пир, мешунавӣ? Охир пасигарданӣ мехурӣ!.. Ту барин бечораякеро ҳамин тавр нозбардорӣ кардан гирем, мисле пиёда бояд рафт!.. Мешунавӣ, ту афъии пир? Ё ки сухани мову боду ҳаво?

Ва Иона бештар садои паси гарданро ҳис мекунад, на силие ба паси гардан.

– Ҳиҳ-ҳӣ...– механдад вай. – Арбобони шӯхтабъ... Худо шуморо саломат дорад!

– Аробакаш, зан дорӣ? – мепурсад дароз.

– Ман? Ҳӣ-ҳӣ... ар-арбобони шӯх! Акнун ман як зан дорам – хоки сияҳ... Ҳа-ҳа-ҳа... Яъне, қабр!.. Писаракам мурдааст, аммо ман зинда... Аҷаб аст ки марг раҳгум зада... Ба ҷойи он ки пеши ман ояд, сӯи писарам...

Ва Иона бармегардад, то чигунагии марги фарзандашро ҳикоят кунад, аммо ин дам кӯзпушт нафаси сабук кашида, садо дармедиҳад, ки шукри Худо, билохира, ба манзил расиданд. Иона бист копекро гирифта, муддате аз паси ин айёшон менигарад, ки дар гузаргоҳе торик нопадид мешуданд. Ва боз танҳост ва аз нав дар амвоҷи сукут мепечад... Андӯҳи дар вуҷудаш муддате хомуш дубора сар мекашад ва башиддат дар қалбаш туғён мекунад. Иона бо изтиробу азият ба фавҷи мардум менигарад, ки аз ду ҷониби пайраҳаҳои хиёбон равуо доранд: оё аз ин ҳазорон ҳатто нафаре ёфт намешавад, ки ба ӯ гӯш диҳад? Ҷамъият, вале, дар давутоз аст, бидуни он ки таваҷҷӯҳе дошта бошад ба ӯву ба андӯҳаш... Андӯҳи азиме, ки дар олам нагунҷад. Агар синаи Ионаро шикофанду ғами ӯ берун таровад, шояд, тамоми ҷаҳонро фаро гирад, бо ин вуҷуд, вале, он наён аст. Ва ин андӯҳ тавонистааст дар як ҳуфраи ночизе ҷой гирад, ки дар рӯзи рӯшан бо чароғ натавон дидаш...

Иона дарбонеро мебинад бо як халтаяк ва бо ӯ азми суҳбат мекунад.

– Соъат чанд аст, бародарам? – мепурсад ӯ.

– Даҳ... Ин ҷо чӣ меистӣ? Ҳай кун!

Чанд қадам пештар меравад Иона, пушт хам мекунад ва фурӯ меравад ба андӯҳ... Ӯ дигар ба мардум рӯ оварданро коре беҳуда мешуморад. Аммо панҷ дақиқае ҳам нагузаштааст, ки вай сар бармедорад, такон медиҳад худро, гӯиё дарди шадиде дар вуҷуд эҳсос карда, ки ҷилавро мекашад... дигар наметавонад тоб биёрад.

«Ба саройи хоб бояд рафт, – фикр мекунад ӯ. – Ба сарой!».

Ва аспи наҳиф, гӯиё ин фикри ӯро пай бурда бошад, чаҳорхез мезанад. Пас аз якуним соъат, Иона акнун дар бари бухории бузургу чиркине нишаста. Бар рӯйи бухорӣ, бар фарш, болои нимкатҳо мардум хурру пуф доранд. Фазо анбошта аз бӯйи баду нафасгир. Иона ба ин хуфтагон менигарад, буни гӯш мехорад ва афсус мехурад, ки чиро ин қадар зуд хона омад...

«Ҳатто пули ҷавро кор накардам, – меандешад ӯ. – Шояд андӯҳам аз ҳамин бошад. Ҳар кӣ дар кори худ устоз... худаш ҳам сер, аспаш ҳам сер, ва ҳамеша орому осуда аст..»..

Дар гӯшае як аробакаши ҷавон бархеста, хоболудона гулӯ меафшонад ва ба сатили об даст дароз мекунад.

– Ташна мондӣ? – мепурсад Иона.

– Бале!

– Хуб... Нӯши ҷонат... Писарам мурд, бародар... Шунидӣ? Ҳамин ҳафта дар бемористон... Як ҳодиса!

Иона менигарад, ки суханҳояш оё асаре гузоштаанд, аммо ҳайҳот. Ин ҷавон сар печида, кайҳо хобидааст. Мӯйсафед оҳе кашида, сар мехорад... Ҳар қадар ки ин ҷавон ташнаи об буд, пирамард ҳамон қадар ташнаи гуфтору дарди дил кардан. Наздик ба як ҳафта аст, ки писараш фавтида, аммо ӯ ҳанӯз натавонистааст, ки ба касе аз тахти дил ҳасрат кунад... Мебояд дархуру шойиста, бо таҳаммулу шакебоӣ сухан овард... Боястӣ ҳикоят кард, ки писараш чӣ гуна бемор шуду чӣ дарде кашид, пеш аз марг чиҳо гуфту чӣ тарик ҷон дод... Боястӣ маросими ба хок супурдани ӯро ҳикоят кунад ва чӣ гуна ба бемористон рафтанашро низ баройи либосҳои писари даргузаштааш. Дар русто духтараш Анисиё мондааст... Ва аз ӯ низ боястӣ сухан гуфт... Магар дарду алами кас тамомшуданист? Аз дардидилкарданҳои ӯ шунаванда бояд ғиреву шеван кунад, оҳ кашад... Ва бо занҳо сухан гуфтан боз беҳтар. Инҳо агарчи аблаҳанд, аммо аз ду калом ба навҳаю фарёд меоянд.

«Раваму аспамро бинам, – меандешад Иона. – Баройи хоб ҳамеша фурсат ҳаст..»..

Либос мепӯшаду ба тавила меояд, назди аспаш. Дар хусуси ҷаву бедаву бодуҳаво фикр мекунад... Вақте танҳост, наметавонад писарашро ба ёд орад... Мешавад аз ӯ бо касе гуфтугузор кард, вале ба танҳоӣ аз ӯ ёд кунаду симояшро пеши назар орад, таҳаммулнопазир аст, ваҳшат меафзояд...

– Нушхор мекунӣ? – мепурсад Иона, чун чашмони дурахшони аспашро дида. – Хуб, кафша кун, кафша кун... Ҳоло ки пули ҷав нарӯйида, беда мехурем... Бале... Дигар пир шудаам, тавони рафтан... Писарам бояд мерафт, на ман... Вай воқеъан аробакаш буд... Фақат бояд мезист...

Иона андак сукут мекунад ва баъд суханашро идома медиҳад.

– Ҳамин тавр, додаракам, модиёни азизи ман... Кузма Ионич нест дигар... Рафт аз дунё... Бе ҳич ангезаву андеша моро падруд гуфт... Ҳоло, гӯем, ту ҳам куррачае дошта бошӣ, ва модари он курра бошӣ... Ва ногаҳ, фарз кунем, ин кура чашм аз дунё пӯшид... Магар дилат намесӯзад?

Аспи наҳиф нушхор мекунад, гӯш медиҳад ва нафаси гармашро ба дастҳои соҳибаш медамад...

Иона ба шавқ меояд ва ҳамаро ба вай ҳикоят мекунад...

# САЙЁД

Нимарӯзе бисёр гарму гирифта. Дар осмон лаккаи абре ҳам не... Алафҳои аз офтоб пажмурда маъюсу навмед менамоянд: ҳатто борон ҳам агар ояд, ҳайҳот ки инҳоро сарсабз нахоҳад кард... Ҷангал сокиту ором истода, гӯиё ба кадом самти баландиҳои хеш назора дорад ё чӣ чизеро итизор аст.

Дар канори чаманзор марде чиҳилсола, болобаланду шонаборик, бо пироҳани сурх, шалвори арбобии васладору мӯзаҳои калон коҳилона, калавидаю хастаҳол қадам мезанад. Оҳиста аз роҳ меравад. Дар тарафи росташ чаманзор кабудӣ мекунад, аз чап, то уфуқ дарёи тилоии ғаллазори расида доман кашида... Ӯ тобгирифтаву арақшор аст. Бар сари хуштаркибу маллааш чапанона кулоҳаке ниҳода аст, мисли чопандозон лапараш рост, ки зоҳиран, тухфаи арбоби ҷавони баҳимматест. Бар шонааш фитрок овезон, ки сиёҳхуруси титавро бар он ҳамоил карда буд. Мард туфанги думилае дар даст дорад бо куланги болокарда ва чашмонашро сӯи саги пири худ нимпӯш мекунад, ки пешопешаш медаваду буттаҳоро мебӯяд. Атроф хомушу бесадо... Ҳама ҷонварон аз гармо паноҳ бурда буданд.

– Егор Власич! – сайёд ногаҳ садои нарме мешунавад.

Ӯ такон мехурад ва менигараду абрӯ дар ҳам мекашад. Дар баробараш зане меистод – рангпарида, ҳудудан сисола, дос дар даст, гӯиё аз замин сар кашида. Зан саъй мекунад, ба чеҳраи вай нигарад ва шармгинона лабханд мезанад.

– О-ҳо, ин туӣ, Пелагея! – мегӯяд сайёд, бозистода ва оҳиста кулангро пойин меорад. – Ҳмм!.. Дар инҷоҳо чӣ гуна пайдоят шуд?

– Занҳои деҳамон ин ҷо кор мекунанд, ман ҳам бо онҳо... Кирокорӣ мекунам, Егор Власич.

– Ҳамин тавр гӯ, – ғур-ғур мекунад Егор Власич ва бооҳистагӣ роҳашро дунбол мегирад. Пелагея аз пайи ӯ. Хомушона бист қадаме мезананд.

– Хеле аст, ки ман шуморо надидаам, Егор Власич... – мегӯяд Пелагея, меҳрбонона ба китфу бозуи мутаҳаррики сайёд нигариста. – Аз иди пок, ки ба кулбаи мо обхӯрӣ омада будед, то кунун шуморо надидем... Дар он рӯзи муқаддас шумо барои як лаҳза сар зада будед ва ҳам Худо медунад, ҳоле доштед... маст будед. Сарзанишам кардед, куттакам задеду рафтед... Баъд интизор шудам, интизор... чашмам чор

буд ба раҳи омаданатон... Оҳ, Егор Власич, Егор Власич! Ақаллан боре сар мезадед!

– Пеши ту чӣ кор мекардам?

– Оре, ҳич коре, албатта, ҳамин хел... ба ҳар ҳол хонавода... Як хабар гирифтан, ки чӣ ҳолу аҳвол... Шумо арбоби хона... Оҳ-ҳо, титав шикор кардед, Егор Власич! Бишинед охир, рафъи хастагӣ мекунед...

Пелагея ин ҳамаро мегӯяду механдад, чун содалавҳҳо ва сар боло карда ба симои Егор менигарад... Чеҳрааш аз эҳсоси хушбахтӣ таровaт мегирад...

– Бишинем? Хуб... – мегӯяд бо беэътиноӣ Егор ва миёни ду арчаи навбар ҷоеро бармегузинад. – Чиро истодаӣ? Ту ҳам бинишин!

Пелагея андак дуртар, дар офтобӣ менишинад ва аз нишоти хеш шармида, даҳони пурхандаашро бо даст пинҳон медорад. Дақиқае ду бо сукут мегузарад.

– Ҳич не, боре сар мезадед, –оромона мегӯяд Пелагея.

– Чиро охир? –Егор кулоҳчаашро аз сар гирифта, бо остин ҷабини сурхашро пок карда, амиқ нафасе мекашад. – Ҳич ҳоҷат нест. Як-ду соъат омадан – танҳо сарфи беҳудаи вақт, фақат туро ошуфта кардан. Умре дар деҳа мундан – дилфигор аст... Ту худ медонӣ, ман як одами нозпарвардаеам... Барои ман як рахти хоб бошад, ҳам чойи гарму суҳбати гуворо... ба ҳар дараҷа муҳайё бошад бароям, аммо пеши ту, дар деҳа фақру дуда... Як рӯз ҳам дошт намедиҳам он ҷо. Агар ба фарз, дастуре содир шавад, ки ман ногузир бо ту зиндагӣ кунам, он гоҳ ё кулбаатро оташ мезадам, ё худамро нест мекардам. Аз баччагӣ хӯйи роҳат дар ман ҷо гирифта, беилоҷам дигар.

– Ҳоло куҷо зиндагӣ доред?

– Пеши арбоб, Димитрий Иванич, сайёди ӯям. Рӯйи мизаш сайд мегузорам, ҳамин тавр... Барои саргармӣ нигоҳ медорад маро.

– Ин кор на дар шаъни шумост, Егор Власич... Саргармӣ барои дигарон аст, аммо гӯиё ин як пешаи шумост... шуғли воқеъӣ...

– Ту намефаҳмӣ, нофаҳм,– мегӯяд Егор, хаёломез ба осмон нигариста. – Ту ҳич маҳал намефаҳмидӣ, як умр ҳам нахоҳӣ фаҳмид, ки ман чӣ касеам... Ба назари ту ман як маҷнуни гумроҳам, аммо аз диди фаҳмидаҳо, ман беҳтарин тирандозам дар ин ноҳия. Аъён инро дарк мекунанд ва ҳатто дар моҳномае аз ман васф шуд. Касе дар шикор бо ман баробар нест... Агар аз ин шуғлҳои рустоии шумоён изҳори кароҳият мекунам, на аз он ки хӯкардабанозаму мағрур. Медунӣ, аз баччагӣ ман ҷуз туфангу саг, шуғли дигареро

намедонистам. Туфангамро мегирифтанд агар, даст ба шасти моҳигирӣ мезадам, шастро мегирифтанд, дастамро ба кор мебурдам. Баъд тиҷорати асп ҳам кардам, вақте пулдор шудам, дар бозорҳо такодавӣ кардам; худат ки медунӣ, агар мард аз пайи шикору асп шуд, юғу испор дига мурд. Руҳи озодӣ, ки як бор дар ҷисми кас нишаст, ба ҳич ваҷҳ наметавон онро аз бех канд. Ҳамин тавр, агар ашрофе пой ба ҷоддаи ҳунарпешагӣ ё ҳар пешаи дигаре ниҳад, муҳол аст, ки аз пайи кормандӣ ё мудирият равад. Ту бибӣ, сарфаҳми ин чизҳо намеравӣ, аммо инҳоро бояд донист.

– Мефаҳмам, Егор Власич.

– Ҳоло ки ашкат мерезад, маълум мешавад, ки намефаҳмӣ....

– Ман... ман ашк намерезам...– мегӯяд Пелагея, рӯяшро баргардонида. – Гуноҳ аст, ки Егор Власич! Ақаллан як рӯзак шумо бо мани бадбахт бояд зиндагӣ мекардед. Дувоздаҳ сол аст, ки ман зани шумоям, аммо... аммо байни мову шумо боре ҳам маҳаббат набуд!.. Ман... ман намегирям...

– Маҳаббат... – даст хорида меғурунгад Егор Власич. – Ҳич гуна ишқе имкон надорад. Мову ту ба ном зану шавҳарем, ҳамин тавр не? Ман барои ту як одами ваҳшиям, ту барои ман зани содаю нафаҳм. Магар бо ҳам мост уфтодаем? Ман як каси озоду нозпарварду бадгашт, аммо ту хидматгузору хокпош, дар гарду ғубор зиндагӣ мекунӣ, наметавонӣ сар боло кунӣ. Тасаввурам аз худ ин ки дар шикор шахси авввалам, ҳоло ту бо як дилсӯзие ба ман менигарӣ... Куҷо муносибем бо ҳам?

– Охир бо ҳам ақд кардаем, Егор Власич! – ҳиқ-ҳиқ мегиряд Пелагея.

– Ақд на ба иродати мо... Ёдат нест? Аз граф Серге Павлич миннатдор бош... ва аз худат. Граф аз ҳасодат, ки беҳтар аз ӯ тирандоз будам, як моҳи тамом шаробам нӯшонд; ва одами мастро натанҳо ташвиқ ба зангирӣ душвор нест, балки метавон ӯро ломазҳаб кард. Гирифту аз пайи қисос марди мастро бо ту никоҳ кард... Сайёдро ба духтари чӯпон! Ту ки медидӣ, ки ман мастам, чиро розӣ шудӣ? Ба мамлуке ҳам вобаста нестӣ, метавонистӣ радд кунӣ. Албатта ҳамсарӣ ба сайёде барои чӯпондухтар бахти хуш аст, аммо мулоҳаза ҳам зарур аст. Хуб, ҳоло ранҷ бикашу ашк бирез. Граф хандон асту ту гирён... сар ба девор зан...

Сукут фаро мерасад. Бар фарози ғаллазор се мурғобии ваҳшӣ парвоз мекунад. Егор ба онҳо менигарад; ӯ парандаҳоро бо нигоҳаш то

он дам гусел мекунад, ки ба нуқтае мубаддал мешаванду бо душворӣ тавон пайхасшон кард ва ҳам дар дуриҳои ҷангал фурӯ мераванд.

– Рӯзу рӯзгорат чӣ гуна? – чашм аз мурғобиҳо канда, рӯ ба Пелагея, суол мекунад.

– Ҳоло коргарӣ мекунам, зимистон кӯдакеро аз парварваришгоҳ гирифта, бо шиша шираш медиҳам. Моҳе якуним рубл медиҳанд.

– Хуб...

Боз сукут. Аз ҷониби арзҳои даравшуда суруди маҳине меояд, ки аз ҳамон оғозаш қатъ мешавад. Ҳаво хеле гарм аст, ки суруд хонӣ...

– Гуфтанд, ки барои Акулина кулбае сохтаед, – мегӯяд Пелагия.

Егор хомуш аст.

– Пас, ӯ хеле азиз аст ба шумо...

– Иқболат чунин будааст, ин сарнавишт аст! – мегӯяд сайёд, хамёза кашида. – Шикебо бош, ятим. Аммо, акнун, Худо ёрат, пургӯйӣ кардам... Шаб бояд то Болотуф расам...

Егор аз ҷой бармехезад, хамёза мекашад ва туфангро ба шона меовезад. Пелагея бармехезад.

– Кай ба деҳа меоед? – оҳиста мепурсад ӯ.

– Ҳоҷат нест. Ҳушёр ҳам намеоям, аммо аз маст барои ту манфаъат кам. Дар мастӣ бадқаҳрам... Падруд.

– Худо ҳофиз, Егор Власич...

Егор кулоҳ пушти сар мениҳад, сагашро садо зада, дунболаи роҳи хеш мегирад. Пелагея истода, аз паси ӯ менигарад... Ва ба шонаҳои мутаҳаррики ӯ, ба кулоҳгӯшаи зебанда, ба қадаммонии коҳилонаву бебоконаи ӯ нигоҳ мекунад ва чашмҳояш саршор аз андуҳу навозиши гуворо лабрез мешаванд... Нигоҳи вай ба андоми лоғару баланди шавҳар мелағжад ва бар ӯ нозу навозиш мекунад... Сайёд гӯиё ин нигоҳро ҳис мекунад, бозмеистаду ҳаменигарад... Ӯ хомуш аст, аммо аз чеҳрааш, аз шонаҳои болокашидааш Пелагея пай мебарад, ки вай мехоҳад ба ӯ чизе бигӯяд. Ва бо ҳаёю ҳарос наздаш меояду бо аҷзу илтимос нигоҳаш мекунад.

– Бигир! – мегӯяд ӯ, баргашта.

Ба ӯ рубли фарсудае медиҳаду бо суръат роҳ мегирад.

– Худо ҳофизи шумо, Егор Власич! – нидо дармедиҳад, он рублро беихтиёр гирифта.

Он аз роҳи дарозу мустақим, ки камарбанди кашидаи чармиеро мемонад, роҳ мегирад... Ин, рангпарида, беҳаракат, мисли ҳайкал меистад ва бо нигоҳаш ҳар қадами ӯро ламс мекунад. Ҳамакнун ранги

сурхи пироҳани сайёд бо ранги сиёҳи поҷомааш ҳамеомезад, қадамҳояш ноаёнанд, сагро намешавад аз мӯзаҳояш фарқ кард. Танҳо кулоҳчааш менамояду бас, аммо... ногаҳ Егор якбора ба самти рост, ҷониби марғзор тағйири масир мекунад ва кулоҳаш ҳам дар сабзазор нопадид мешавад.

– Худо ҳофиз, Егор Власич! – зери лаб мегӯяд Пелагея ва рӯйи панҷаҳои пояш меистад, то магар бори дигар кулоҳи сафедро бибинад.

***1885***

## АЗ ЗЕРИ ПИЛЛА БА АВҶИ ҚУЛЛА!

Мушовири мулкӣ Долбоносуф, як замон, ки аз пайи мусофирати корӣ дар Петербург буд, иттифоқан, шабе дар маросими меҳмонии шоҳзода Фингалуф ҳузур ёфт. Зимнан, дар он нишаст, ӯ дар авҷи ҳайрату нобоварӣ, ба Шепоткини собиқ донишҷӯи риштаи ҳуқуқ вохӯрд, ки панҷ соли пеш, муъаллими хусусии баччаҳояш буд. Чун миёни меҳмонон шиносе надошт, аз ин рӯ, дилтангона назди Шепоткин омад.

– Оё шумо… ин ки… дар ин пазирой ба чӣ муносабат уфтодед? – ӯ пурсиду даст суи даҳон бурда, хамёза кашид.

– Ҳамин тавр, мисли шумо…

– Албатта, на ҳамон тавре ки мисли ман… – Шепоткин абрӯ дарҳам кашида, ба Долбоносуф нигарист. – Ҳмм…ин ки… корҳоятон чӣ тавр?

– Мегузарад… Давраи донишгоҳиро хатм кардам, ҳоло корманди маъмуриятҳои вижа дар назди Подоконникуф….

– Воқеъан? Хуб аст ин дар шуруъи кор… Вале… оо… пӯзиш мехоҳам аз ин суоли густохона, бо ин коратон маъоши чанд мегиред?

– Ҳаштсад рубл.

– Ҳм!.. Ҳатто ба харҷи тамоку намерасад… – ғур-ғур кард Долбоносуф боз ҳам бо лаҳни пур аз ғуруру маниш.

– Бале, ин барои зиндагии мураффаҳ дар Петербург кам аст, аммо, боз дар раёсати роҳи оҳани Угаро-Дебошириски муншӣ ҳам ҳастам… Якуним ҳазор рубл моҳона…

– Ҳооо, дар ин сурат, албатта… – пеши сухан уфтод Долбоносов, дар ҳоле ки гӯиё ба чеҳрааш шафақе дамид. – Зимнан, азизи дилам, ба соҳиби ин хона чӣ тариқ шинос шудед?

– Ба таври маъмул, – хунсардона посух дод Шепоткин. – Дар назди мушовири давлатӣ Лодкин вохӯрдем…

– Шумо… бо Лодкин низ рафтуо доред? – чашмонашро калон боз кард Долбоносуф.

– Оре. Ман, ки шавҳари хоҳарзодааш…

– Хо-ҳар-зо-даи ӯ? А-ҳа… Бигӯед… Ман, медонед оё…ин ки… ҳамеша ба шумо таманно мекардам… иқболи ояндаи дурахшони шуморо пешбинӣ мекардам, Иван Петровичи ниҳоят муҳтарам…

– Пётр Иванич…

– Бибахшед, Пётр Иванич... Аммо, ман, медонед, ҳоло менигараму мебинам – як чеҳраи ба назар ошно... Дарҳол шинохтам... Ба худ гуфтам, ки биё, эшонро пеши худ ба хӯроки нисфирӯзӣ даъват мекунам... Ҳа-ҳа-ҳа...Ба фикрам, ки сухани пирамардро ҳатман ба замин намегузорад! Ҳотели «Аврупо»., № 33... аз соъати як то шаш...

***1885***

# ҒАВҒО

Машенка Павлитская, бонуи ҷавон, навхатмкардаи мактаби шабонарӯзии занона, ки дар манзили Кушкинҳо ба ҳайси муаллими хусусӣ зиндагӣ мекард, аз гаштзанӣ баргашту аз ғавғои ногаҳоние ғофилгир шуд. Дарро ба рӯйи ӯ Михайлои ходим боз кард, ки аз ҳаяҷон ҳамчун харчанг сурх шуда буд.

Аз табақаи боло садои ғавғо меомад.

«Шояд бемории хонум хуруҷ карда бошад... – андешид Машенка, – ё бо шавҳараш моҷаро карда..».

Дар даҳлезу роҳравҳо ӯ ба пешхидматон вохӯрд. Як пешхидмат гиря мекард. Онгоҳ Машенка дид, ки аз дари ҳуҷраи ӯ худи арбоб, Николай Сергеич, хурдҷусса, ҳанӯз на солманд, бо лунҷи аз фарбеҳӣ овезону сари тос берун давид. Чеҳрааш алвонӣ буд. Саропо меларзид... Вай мутаваҷҷеҳи пешхидмат нашуда, аз бари ӯ гузашту дастҳояшро боло карда, фарёд кашид:

– Оҳ, чӣ ваҳшат! Чӣ бефаросатие! Аблаҳие! Чӣ ваҳшигӣ! Ин қадар нафратангез!

Машенка вориди ҳуҷраи худ шуд; ин дам, ӯ бори нахуст дар зиндагияш эҳсоси талхеро таҷриба кард, ки ба одамони побанду фармонбурдор ва муҳтоҷи як пора нон дар назди касони дорову номӣ ошност. Хонаи ӯро кофтуков карда буданд. Соҳибхона, Федосия Василевна – зане тануманд, шонапаҳни абрувонаш анбуҳи сиёҳ, сараш бараҳнаву чунг, бо мӯйлабҳои то ҳадде намоёну дастони сурх ва симою рафтораш шабеҳи ошпаззанҳои рустоии фақир, дар назди мизи ӯ меистод ва ашёи ӯ – калобаи пашмӣ, латтапора, ҳар гуна коғазҳоро дубора дар борхалтааш ҷобаҷо мекард... Мусалламан, зуҳури муаллими хусусӣ баройи ӯ ғайричашмдошт буд, ки чун ӯро бо чеҳраи пур аз изтиробу ҳайрат дид, то ҷое такон хӯрд ва зери лаб ғурунгид:

– Pardon, ман... ман тасодуфан уфтондам... остинам дармонд...

Ва мадам Кушкина боз чӣ чизе гуфту бо домани дарозаш ширширкунон аз дар берун шуд. Машенка бо чашмҳои ҳайрон ҳуҷраашро аз назар гузаронду чизеро пай набурд ва надонист, ки чӣ фикре кунад, китф дарҳам кашид, аз тарсу бим сард шуд... Федосия Василевна дар борхалтаи ӯ чӣ чизе мекофт? Агар воқеъан рост гӯяд ва тасодуфан бо остинаш ҳамаро чаппа карда, пас чиро Николай Сергеич аз ҳуҷра ин гуна сурху ҳаяҷонӣ берун давид? Чиро аз мизи ӯ як ҷаъба андаке беҷо шуда? Сандуқчае, ки муаллима ба он тангаҳову маркаҳои куҳнаро

мегузошт, боз буд. Онро кушодаанд, вале натавонистаанд бибананд, қуфли ин сандуқча тамоман харош хӯрдааст. Дар ҳама ҷо – рафи китобҳову мизи корию рахти хобаш, нишонаҳое аз бозҷӯии тоза бармало буд. Ва дар сабади либоси таг ҳам. Ин либосҳо муназзам гузошта шуда буданд, аммо на ба он назокате ки Машенка худ пеш аз берун рафтан гузошта буд. Пас, кофтукоф будааст бо тамоми маънӣ, кофтукови мӯшикофона аз сар то таҳ, аммо ба чӣ мақсад, чиро? Чӣ ҳодисае рух дода бошад? Машенка таҳлукаи ходиму он ғавғоеро, ки ҳанӯз давом дорад ва пешхидмати гирёнро ба ёд овард; оё ин ҳама бо кофтукове, ки нав дар ҳуҷраи ӯ анҷом шудааст, рабте дорад? Мабодо ӯро ба кадом як кори мудҳиш шарик накарда бошанд? Ранги рӯи Машенка париду дар вуҷудуаш хунукӣ дамид ва рӯйи сабади либос нишаст.

Ба ҳуҷра пешихидмат даромад.

– Лиза, шумо намедонед, ки чиро ин... ҳуҷраи маро кофтуков кардаанд? – пурсид муаллима.

– Зевари арбобхонум, гули гиребони дуҳазоррублии ӯ, гум шудааст... – гуфт Лиза.

– Хуб, аммо кофтукови ҳуҷраи ман чиро?

– Ҳамаро, бонуи ман, баррасӣ карданд. Ва маро ҳам куллан ҷустанд... Яксара ҳамаамонро бараҳна карданд, сар то пой ва кофтанд... Аммо банда, бонуи ман, Худо шоҳид... На ин ки зевари онҳо, ҳатто ба ороишҳояшон наздик нашудаам. Ва ба пулис ҳам чунин мегӯям.

– Вале... кофтуков дар ҳуҷраи ман чиро? – ҳамоно таъаҷҷуб мекард муаллима.

– Гуфтам ки, гули гиребонро дуздидаанд... Хонум худ ба дасти худ ҳама ҷоро ҷустуҷӯ кард. Ҳатто Михайлои ходимро бозҷустанд. Тамоман русвоӣ! Николай Сергеич фақат тамошо мекунаду қуд-қуд мекунад, чун мокиён. Аммо, шумо, бонуи ман, беҳуда метарсед. Аз ҷиҳозатон чизе наёфтанд! Агар ин орояро шумо нагирифта бошед, пас набояд нигарон шуд.

– Охир Лиза, ин хабосат... тавҳиномез аст! – гуфт Машенка, аз хашм нафасгир шуда. – Ин разолатест, пастист! Чӣ ҳақ дорад аз ман гумонбар шавад ва ашёи маро такорӯ кунад?

– Дар хонаи бегона зиндагӣ мекунед, бонуи ман, – оҳ кашид Лиза. – Агарчи шумо ашрофзодаед, аммо ин ҷо... гӯё ки як чокар... На он тавр аст, ки манзили падар ё модар бошад...

Машенка ба бистар уфтоду талх гирист. Ҳич гоҳ бар ӯ ин гуна зӯрнамоӣ накарда буданд ва ҳич гоҳ ҳам ӯ чунин таҳқирро надида буд, ки ҳоло мебинад... Ӯро – як дӯшизаи нектарбиядидаву фарҳехта, духтари омӯзгоре – ба дуздӣ гумонбар шуданд, ҳамчун зани бероҳа бозрасияш кардаанд! Таҳқире болотар аз инро, шояд, тасаввур натавон кард! Ӯро, бар иловаи ин эҳсоси ранҷиш, боз тарси вазнине дӯшбор шуд: баъдан чӣ хоҳад шуд!? Ҳаройина сари Машенкаро хаёлоти ботил гиҷ мекард. Чун ӯро ба дуздӣ гумонбар шудаанд, он гоҳ, ҳамин тавр, метавонанд боздошташ кунанд, пӯшокашро бадар ва бараҳна кофтуковаш кунанд, сипас пешопеши нигаҳбонҳо аз кӯча бибаранд, дар утоқаки торику хунуки пур аз мушу кана бишинонанд, дақиқан ба ҷое, ки шоҳдухт Тараканова нишаста буд. Он гоҳ кӣ ӯро пуштибон хоҳад шуд? Волидайнаш дар музофотҳои дуранд; баройи назди ӯ омадан пуле надоранд. Дар пойтахт ӯ танҳост, чун дар саҳрое бе кас, бидуни пайвандону ошноён. Бо ӯ ҳар чӣ хоҳанд, мекунанд.

«Назди додрасҳову вакилмудофеъҳо меравам... – меларзиду меандешид Машенка. – ба онҳо мефаҳмонам, савганд мехурам... Боварам хоҳанд кард, ки ман набояд дузд бошам!».

Машенка ба ёд овард, ки дар сабади ӯ, зери малофаҳо, ширинӣ ҳаст, ки вай бо одати деринаи донишҷӯӣ, дар ҷайб пинҳон мекарду ба ҳуҷрааш меовард. Андешаи он ки ин рози кучак ҳоло пеши арбобон боз шуда, ӯро музтариб кард, хиҷолат кашид, ва аз ин ҳама тарсу шарму озорҳо, қалбаш шадидан ба тапиш омад, ки ба чаккаи рухсораҳо, дар дастони ӯ то умқи шикамаш асар мегузошт.

– Хӯроки чошт, марҳамат! – даъват карданд Машенкаро.

«Биравад ё не?».

Машенка мӯяшро ба тартиб овард, рӯяшро бо даспокуни тар пок кард ва ба ошхона омад. Он ҷо хӯрок мехӯрданд... Аз як сӯи миз Федосия Василевна нишаста буд – муваққар, бо чеҳраи кареҳи ҷиддӣ, аз сӯи дигар – Николай Сергеич. Дар ду бари миз меҳмонон менишастанду кӯдакон. Ду хидматгор, ба бар пешдомaну дар дастон датпӯши сафед, таъом медоданд. Ҳама медонистанд, ки дар хона нороҳатиест, арбобхонум гирифтори ғам, аз ин рӯ сокит буданд. Танҳо фаш-фаш хӯрдану тақ-тақ ба ҳам задани қошуқу лаълӣ шунида мешуд.

Суҳбатро арбобхонум худ шуруъ кард.

– Ғизои сеюм чӣ бошад? – пурсид ӯ аз пешхидмат бо садои нохушу маҳзун.

– Эстуржон а ля рюсс! (фаронса. гӯшти тосмоҳӣ ба тарзи русӣ – тарҷумон) – посух дод хидматгор.

– Ин фармудаи ман, Феня... – гуфт Николай Сергеич дастпоча шуда. Дилам моҳӣ кашид. Агар хушат наояд, ma chère (азизи ман), бигзор наёранд. Ман, ки ҳамин тавр... ҳавас кардам...

Федосия Василевна ғизоеро, ки худ нафармудааст, дӯст намедошт, акнун чашмонаш пур аз ашк шуданд.

– Хуб, нороҳат намешавем, – гуфт бо малоҳату чоплӯсӣ Мамикуф, пизишки хонаводагии хонум ва бо нармӣ дастони ӯро навозиш карду низ ширин табассум намуд. – Мо бе ин ҳам ба қадри кофӣ асабонӣ ҳастем. Зеварро фаромуш мекунем. Тани сиҳат – қиматтар аз ду ҳазор рубл!

– Ғуссаи ман баройи ду ҳазор нест! – посух дод арбобхонум ва ашке бузург ба рухсораш чакид. –Аз ин ҳодиса ошуфтаам! Ман дар хонаам таҳаммули дуздонро надорам. Ҷойи дареғ нест, ба ҳич чизам афсус намехурам, аммо дуздидани моли ман – ин як намакбаҳаромист! Дар ивази эҳсон чунин посух медиҳанд...

Чашми ҳама ба косаҳояш буд, аммо ба назари Машенка намуд, ки пас аз суханони арбобхонум дигарон ӯро нигаҳ доранд. Якбора дар гулӯяш ҳаяҷон укда зад ва гирён шуду дастмолро ба рӯяш пахш кард.

– Pardon, – зери лаб гуфт ӯ. – Дигар наметавонам. Сарам дард дорад. Меравам.

Ва ӯ аз сари миз бархост, курсиро ба тарзи ногувор канор гузошт ва бештар ошуфта гашту зуд берун шуд.

– Ба Худо ки хуб нест! – ба гап даромад Николай Сергеич, абрӯ дарҳам кашида. – Кофтукови хонаи ӯ чӣ зарур буд? Як коре, ба Худо... бемаврид.

– Ман намегӯям, ки гули гиребонро ӯ гирифтааст, – гуфт Федосия Василевна, – аммо ту оё метавонӣ зомини ӯ шавӣ? Ман, ростӣ, ба ин уламои бенаво чандон эътимод надорам.

– Валлоҳ, Фения, номуносиб буд... Бибахш маро, Фения, мувофиқи қонун ҳақ надорӣ, ки касеро кофтуков кунӣ.

– Ман қонунҳои шуморо намедонам. Ҳаминро медонам, ки зеварам гум шудааст, вассалом. Ва онро пайдо хоҳам кард! – вай шохаро ба лаълӣ зад ва чашмонаш аз ғазаб дурахшиданд. – Шумо бихуред ва коре ба кори ман надошта бошед!

Николай Сергеич бечораҳолона чашм пойин карду оҳе кашид. Машенка, дар зимн, ба ҳуҷраи худ омада, рӯйи бистар уфтод. Ӯ дигар

эҳсоси изтиробу шарм намекард, аммо дар вуҷудаш ангезаи қавие буруз карда буд, ки бираваду бар рӯйи ин зани бераҳм, ҷаррору кавдану комёб шаппотӣ бизанад.

Вай дароз кашида, болишт андар рӯяш, нафас мекашиду орзуи онро мекард, ки чӣ хуб буд, агар бираваду гаронтарин гули пираҳане бихарад ва онро ба рӯйи ин зани худсар бизанад. Ба хости Худо, чӣ хуб буд, ки агар Федосия Василевна бенавою дар ба дар гадоӣ мегашт ва тамоми ваҳшати камбағалию вазъи ноҳинҷорро мефаҳмид ва он гоҳ Машенкаи таҳқирдида ба ӯ хайр мекард! Оваҳ, агар мероси ҳангуфте ба дасташ мерасид, аробае мехариду аз бари тирезааш бо ҳаёҳу меронд, то ки ӯ рашк мебурд!

Аммо инҳо ҳама аз орзуҳо буданд, дар амал танҳо як роҳ буду бас – ҳар чӣ зудтар рафтану соъате ин ҷо намондан. Ростӣ, маҳрум шудан аз ҷое, боз рафтан ба назди волидайни фақир ваҳшат аст, аммо дигар чӣ чора? Машенка акнун тобу тоқати дидори хонуму ҳуҷраи хурди худро надошт, ин ҷо барояш нафасгиру мусибатбор буд. Федосия Василевна, ин васвоси иллатҳою ашрофманишиҳои дурӯғини худ, ӯро ба ҳадде безор карда буд, ки ба назараш гӯиё дар олам ҳама чиз хушунатбору бадманзар шудааст ва маҳз баройи он ки ин зан дар он зиндагӣ мекунад. Машенка аз ҷо барҷасту шуруъ кард ба тайёрии сафар.

– Иҷоза ҳаст? – аз паси дар пурсид Николай Сергеич; ӯ ноаён пеши дар омада буд, пасту нарм мегуфт. – Иҷоза?

– Бифармоед, марҳамат.

Ӯ ворид шуду дар пойгаҳ истод. Чашмонаш камнур буданд, бинии сурхаш ҷило медод. Баъди чошт оби ҷав нӯшида буд, ки аз пойпартоию дастони заъифу шуллаш аён буд.

–Ин чӣ аст боз? – пурсид ӯ ба бори сафар ишора карда.

– Чизҳоямро ҷамъ меоварам. Маро бибахшед, Николай Сергеич, дигар наметавонам, ки ин ҷо бимонам. Ин бозрасӣ амиқан маро таҳқир кард!

– Ман мефаҳмам... Аммо шумо беҳуда озим мешавед... Чиро? Баррасӣ шуд ҳуҷраи шумо, аммо шумо аз он ки... аз ин шуморо чӣ коҳид?

Машенка хомуш буд ва чизҳояшро ҷамъ мекард. Николай Сергеич буруташро бо лабҳояш фишор дода, гӯиё меандешид, ки боз чӣ бигӯяд, бо чоплӯсӣ суханашро давом дод:

– Ман, албатта дарк мекунам, аммо шумо бояд богузашту хатобахш бошед. Медонед, ҳамсари ман асабонӣ, якрав аст, набояд ӯро ин гуна маломат кард...

Машенка ҳарфе намезад.

– Агар шумо ин гуна таҳқир шудаед, – давом дод Николай Сергеич, – пас, ман ҳозирам, луфтан дар баробари шумо пӯзиш талабам. Маъзарат мехоҳем.

Машенка посухе надод, фақат болои чамадони худ хам шуд. Ин сиришти фартуту беҳамият дар ин манзил қадру манзилате надошт. Вай бозигари нақши ғамангези як резахӯру туфайлие ҳатто дар баробари хидматгорон буд; ва узраш низ арзише надошт.

– Ҳмм... Хомушед? Бароятон нокофист? Дар ин ҳол ман аз ҷониби занам узрхоҳӣ мекунам. Аз номи занам... Вай бемулҳазагӣ кард, ман иқрор мешавам, ҳамчун ашроф...

Николай Сергеич дар ҳуҷра чанд қадам зад, оҳе кашид ва давом дод:

– Яъне, шумо боз мехоҳед, ки ин ҷо, зери қалбам, ба дард ояд... Мехоҳед, ки азоби виҷдон кашам...

– Ман медонам, Николай Сергеич, шумо гуноҳе надоред, – гуфт Машенка, бо чашмони бузурги ашколуд рост ба рӯйи ӯ нигариста. – Чиро шумо азият мекашед?

– Албатта... Аммо ба ҳар ҳол... аз ин ҷо наравед... Хоҳиш мекунам. Машенка бо аломати радд сар ҷунбонд. Николай Сергеич назди тиреза истоду ба шишаи он ангушт задан гирифт.

– Ин гуна моҷароҳо баройи ман азоби маҳз аст, – гуфт ӯ. – Ҳоло чӣ кунам, пешатон ба зону занам? Ба иззати нафси шумо расиданд ва шумо, инак, гиря ҳам кардед; мехоҳед ки биравед; бинед, ман низ обурӯ дорам, аммо шумо гузаште намекунед. Ё мехоҳед, ба шумо чизеро гӯям, ки ҳатто дар дуъову талаби омурзиш дар ибодатгоҳ намегӯям? Мехоҳед? Гӯш кунед, шумо мехоҳед, ки ман аз оне иқрор шавам, ки ҳатто пеш аз маргам дар назди кашиш ба забон намеоварам?

Машенка лаб фурӯ баста буд.

– Ман ин зевари занамро гирифтам! – зуд гуфт Николай Сергеич. – Ҳоло чӣ? Қонеъ шудед? Бале, ман... гирифтам... Фақат, албатта, ман ба тавозуъи шумо итминон мекунам... Аз барои Худо, ба касе лаб накушоед, ҳатто як зарра ишора ҳам накунед!

Машенка, тааҷҷубзадаву ҳаросон, ҷамъугири колоҳояшро давом медод; даст ба бисоти худ мезад, онҳоро мепечонду берабту осема дар борхалтаву чамадон мениҳод. Акнун, пас аз иқрори ошкорои Николай Сергеич, ӯ дигар наметавонист дақиқае диранг кунад ва дар тасаввураш намегунҷид, ки то ҳол ӯ чӣ гуна дар ин манзил таҳаммул кардааст.

– Таъаҷҷуб ҳам надорад... – давом дод Николай Сергеич, каме сукут карда. – Як моҷарои маъмулист! Ман ба пул иҳтиёҷ дорам, аммо вай... намедиҳад. Охир ин хонаву ин ҳама милку мол аз падари ман аст, Мария Андреевна! Ва ин ҳама мутааллиқ ба ман ва гули гиребон ҳам аз модари ман, ҳама... ҳама моли мананд! Инҳоро ин зан гирифт, аз они худ кард... Қабулам кунед, намешавад, бо ӯ дар додгоҳ кашокаш кард... Аз шумо хоҳиши самимона, ки моро бибахшед ва ҳаминҷо... бимонед... Мемонед?

– Не! – гуфт Машенка қотеъона, ки вуҷудаш ба ларза омада буд. – Илтимос, маро ба ҳоли худ гузоред.

– Хуб, Худо баракат диҳадтон, – оҳ кашид Николай Сергеич, болои курсичаи назди чамадон нишаста. – Ман, ростӣ, онҳоеро ки метавонанд таҳқиру озор ва амсоли инро эҳсос кунанд, дӯст медорам. Метавонам, солҳо нишаста, чеҳраи аз қаҳр афрухтаи шуморо тамошо кунам... Хуб, яъне, ин ҷо мондан намехоҳед? Мефаҳмам шуморо... Ангезаи дигарро намешуд интизор дошт... Оре... Хуш ба ҳоли шумо, аммо мебинед, ки ман – аз ин мондаву аз он ронда!.. Аз ин таҳхона наметавонам як қадам берун равам. Намешавад ба ягон милки худ сар задан, он ҷо ҳам ин занҳои хабис нишастаанд... раис, агроном, бало занад инҳоро. Ба гарав мемонанду раҳн мегиранд ва боз дубора гарав мемонанд. Моҳӣ шикор накун, алаф поймол нашавад, дарахтҳоро набишкан.

– Николай Сергеич! – аз толор садои Федосия Василевна омад. – Агния, арбобро фарёд кун!

– Пас намехоҳед бимонед? – пурсид Николай Сергеич, зуд аз ҷой хеставу ҷониби дар рафта. – Ба Худо, кошке ки мемондед. Бегоҳиҳо наздатон меомадам суҳбат мекардем. Ҳо? Бимонед! Шумо ки меравед, дигар дар ин хона касе намемонад, ки симои инсонӣ дошта бошад. Воқеъан як ваҳшат аст!

Чеҳраи заҳиру пажмурдаи Николай Сергеич тавалло дошт, аммо Машенка бо нишонаи радд сар меҷунбонд; ӯ даст афшонду берун шуд.

Пас аз ним соъат духтарак дар роҳ буд. *1883*

# БЕПАНОҲ

Муаллимаи хусусии баччаҳоям, Юлия Василевнаро, чанд рӯз пеш ба утоқи корам даъват кардам. Мебояст, маъошашро мепардохтам.

– Бишинед, ки ҳисобӣ кунем, Юлия Василевна! – гуфтамаш. – Шояд ба пул ниёзманд бошед, аммо чунон хоксоред, ки ҳатто лаб во намекунед... Ху-уб... Қарорамон ин буд, ки шумо андар моҳ сӣ рубл...

– Чиҳил рубл...

– На, сӣ рубл... Ин ҷо навиштаам...Ҳамеша муаллими хусусиро сӣ рубл медодам. Пас-с, шумо ду моҳ кор кардед...

– Ду моҳу панҷ рӯз...

– Ду моҳи расо... Дар дафтари ёддошти ман қайд шуда. Пас, бояд, ба шумо шаст рубл... Нуҳ якшанбе кам мешавад... шумо ки якшанбеҳо бо Колия кор намекардед, фақат гардиш кардед... ва боз се рӯзи истироҳати ид...

Чеҳраи Юлия Василевна барафрухт ва даст ба чини пироҳан бурду таконаш дод, аммо... лом нагуфт!..

– Се рӯзи ид... Кам шуд, ба иборате, дувоздаҳ рубл... Чаҳор рӯз Колия бемор шуд ва дарс набуд... Шумо фақат бо Вария машғул будед... Се рӯзи дандондардиятон; ҳамсарам рухсат дод, ки баъди чошт фориғ бошед... Дувоздаҳу ҳафт шуд нуздаҳ. Кам мекунем... мемонад... ҳмм... чиҳилу як рубл... Дуруст?

Чашми чапи Юлия Василевна сурху пурнам шуд. Манаҳаш ларзид. Асабонӣ сулфиду бинӣ кашид, аммо – лому миме не!..

– Шаби Соли нав шумо финҷони чойхӯриро бо зерлаълияш шикастед. Каср мекунем ду рубл... Финҷон қиматтар аст, ёдгории хонавода, хуб... паноҳ ба Худо! Буд, ки набуд! Сипас-с, аз беназоратии шумо Колия рӯзе болои дарахт баромаду камзулчаашро даронд... Даҳ рубли дигар барбод... Пешхидмат аз бепарвоии шумо кафшҳои Варияро дуздид. Шумо муваззафед, ки муроқиби ҳама чиз бошед. Бобати ин маъош мегиред. Пас, ҳамин тавр, боз касри панҷ рубли дигар...Шумо даҳуми январ аз ман даҳ рубл гирифта будед.

– Ман нагирифтаам, – оҳиста зери лаб гуфт Юлия Василевна.

– Ман ки бехуд ёддошт накардаам!

– Хуб, бигзор...

– Аз чиҳилу як бисту ҳафтро кам кардем –мемонад чаҳордаҳ рубл...

Чашмонаш ҳавзи ашк шуданд... Пушти бинии дарозу хуштарҳаш қатраҳои дурушти арақ дамид. Духтараки бенаво!

– Фақат як бор гирифтам, – гуфт бо садои ларзон. – Аз ҳамсаратон се рубл... Дигар нагирифтаам.

– Оҳ-ҳо? Мебинед, инро ёддошт накардаам! Аз чаҳордаҳ се ҳам рафт, монд ёздаҳ... Инак, нозанинакам, пули шумо! Ин се рубл... се, се... як ва боз як... Марҳамат!

Ва ёздаҳ рублаш додам... Пулҳоро бо ангуштони ларзон гирифту ба ҷайбаш гузошт.

– Merci, – зери лаб овоз баровард.

Аз ҷой барҷастаму ошуфта ин тараф-он тараф қадам задам. Сартопо хашмам гирифт.

– Ин merci бобати чӣ? – пурсидамаш.

– Барои пул...

– Охир, ман шуморо ғорат кардам, лаънати Худо бар шайтон, хонавайронатон кардаам! Ошкоро аз шумо дуздидам! Merci чиро?

– Дар ҷойҳои дигар кор мекардам, ҳатто ҳаминро ҳам намедоданд...

– Намедоданд? Ҷойи таъаҷҷуб ҳам нест! Ман шӯхӣ кардам ба шумо, дарси талхе бароятон додам... Ҳаштод рубли ҳаққи ҳалолатонро медиҳам! Ҳамааш дар ин лифофа тайёр! Аммо то ин ҳадд оҷиз будан магар мумкин аст? Чиро шумо эътироз намекунед? Аз чӣ сокитед? Магар мумкин аст, ки дар ин дунё дандон тез накарду забони талх ёд нагирифт? Магар мумкин аст, ки ин қадар беҷуръату бечора бошед?

Ӯ лабханди талхе зад ва аз қиёфааш хондам, ки «Оре, мумкин аст!».

Барои ин дарси талхи додаам, аз ӯ пӯзиш хоста, дар баробари ҳайрати тамомаш ҳаштод рубли маъошашро додам. Бо шарму беҷуръатӣ сипос гуфту берун рафт... Ман аз пайи ӯ нигаристаму андешидам: дар ин дунёи мо зӯргуфтану қудратнамоӣ кардан чӣ ҳадд саҳлу сода аст!

***1883***

## ЗАНҲО (ВА МАНСАБҲО)

Федор Петрувич, директори омӯзишгоҳи мардумии N, ки эътиқод дошт, марди мунсифу баландҳиммат аст, рӯзе дар дафтари кораш муаллим Веремонискиро ба ҳузур пазируф.

– Не, ҷаноби Веремениски, – гуфт ӯ, – истеъфо ногузир аст. Бо ин садое, ки шумо доред, дигар омӯзгор будан мумкин нест. Охир чӣ шуд, ки садоятонро аз даст додед?

– Пивои ях нӯшидам, гармогарм, арақкардагӣ будам... – бо садои ҳиш-ҳиш гуфт омӯзгор.

– Ай вой, афсус! Як кас чордаҳ сол хидмат мекунаду баъд ногаҳ, ин гуна бадбахтӣ! Бало занад ин зиндагиро, ки одам ба хотири кадом як амали ночиз ночор ба ҳама кору хидматҳои пешинааш хатти бутлон мекашад. Акнун шумо чӣ кор карданӣ?

Муаллим ҳич посух надод.

– Муҷаррад, ки нестед? – пурсид директор.

– Зану ду фарзанд дорам, олиҷаноб... – ҳиш-ҳиш кард муаллим.

Сукуте ҳукмфармо шуд. Директор аз пушти миз бархост ва ошуфтаҳол аз ин гӯша ба он гӯшаи ҳуҷра қадам зад.

– Ҳич ба ақлам рост намеояд, ки бо шумо чӣ кунам! – гуфт ӯ. – Дигар муаллимӣ кардан наметавонед, то нафақаатон ҳанӯз фурсат аст... ва дуруст ҳам нест, ки шуморо ба дасти тақдир бисупорему ба чор тараф раҳо кунем. Шумо барои мо одами худӣ, чаҳордаҳ соли тамом хидмат кардед, табъан вазифаи мост, ки ба шумо ёрӣ диҳем... Аммо чӣ тавр? Аз дасти ман чӣ коре сохта аст бароятон? Вазъияти маро бояд фаҳмед: чӣ коре сохта аст аз ман?

Боз хомушӣ; директор қадам мезаду ҳамчунон фикр мекард, аммо Веремениски низ ғарқи андуҳи хеш, дар лаби курсӣ андешаманд менишаст. Ногаҳ чеҳраи директор дурахшид ва ҳатто ангуштонашро қарсоқарс ба садо овард.

– Аҷаб, охир чиро пештар ба ёдам наомадааст! – аҷулона гуфт ӯ. – Гӯш кунед, ман метавонам шуморо чунин пешниҳод кунам... Ҳафтаи оянда муншии парваришгоҳамон бознишаста мешавад. Агар хоҳед, ин вазифа дар ихтиёри шумо! Марҳамат!

Чеҳраи Веремениски низ, ки чунин лутферо интизор надошт, барқ зад.

– Хеле олӣ, – гуфт директор. – Ҳамин рӯз дархост нависед...

Федор Петрувич Верменискиро рухсат фармуду иҳсоси осудагӣ кард ва ҳатто вуҷудашро лаззате фаро гирифт: дигар дар пеши назараш пайкари хамзадаву ҳиш-ҳиш садозаданҳои омӯзгор наменамуд; ҳоло дарки ин ҳақиқат барои ӯ гуворо буд, ки бо пешниҳод кардани Верменииски ба ин пости холӣ, вай, ҳамчун инсони накӯкору комилан хушкирдор, адлу инсоф нишон дод. Аммо ин табъи хуш дер напоид. Ҳамин ки ба хона бозгашту пеши суфраи чошт нишаст, завҷааш Настасиё Ивонувно ногаҳон ёдовараш шуд:
– Оҳ, наздик буд, ки фаромуш кунам! Дирӯз Нино Сиргиевно омад ва барои марди ҷавоне илтимос кард. Мегӯянд, дар парваришгоҳамон як ҷой холӣ мешавад...

– Бале, – гуфт директор абрӯ чин карда, – лекин ин ҷой аллакай ба дигаре ваъда шудагӣ. Худат хулқи маро медунӣ, ман касеро бо супориши ягон пуштибон ба кор намегирам.
– Медонам; вале ба назарам, Нино Сиргиевноро мешавад истисно кард. Ӯ моро ҳамчун азизони худ дӯст медорад, дар иваз ягон некияш накардаем то ин дам. Федия, намешавад радд кард! Бо ин якравиҳоят ҳам ӯрову ҳам маро меранҷонӣ.

– Ӯ киро тавсия мекарда бошад?

– Ползухинро.

– Кудум Ползухин? Ҳамуне, ки дар нишасти шаби Соли нав нақши Чатискиро бозида буд? Ҳамун ҷелтемен? Ба ҳич ваҷҳ!

Директор аз таъом даст кашид.

– Ба ҳич ваҷҳ! – такрор кард ӯ. – Худо паноҳ диҳад!

– Аммо чиро охир?

– Гӯш кун, азизам, вақте марди ҷавоне худ на мустақиман, балки бо подармиёнии занҳо вориди амал мешавад, ҳатман ӯ як пасту касиф аст! Чиро худаш пеши ман намеояд?

Пас аз таъом директор дар ҳуҷраи кораш рӯйи кат дароз кашиду ба мутолаъаи рӯзномаҳову номаҳои расида саргарм шуд.

«Федор Петрувичи азиз! –навишта буд ба ӯ ҳамсари мири шаҳр. – Боре шумо фармуда будед, ки ман қалбшиносаму дар шинохти мардум хубра. Акнун вақти он расидааст, ки инро амалан санҷед. То чанд рӯзи дигар нафаре, бо номи К. Н. Ползухин, ки ман ҳамчун ҷавони фавқулода хубе мешиносамаш, назди шумо қадам ранҷа хоҳад кард, ба нияти муншӣ шудан дар парваришгоҳи мо. Ҷавони ситорагармест. Бегумон, шумо бо пазируфтани ӯ, бовар хоҳед кард ки..»., ва ғайраву ину он.

– Ба ҳич ваҷҳ! – зери лаб гуфт ӯ. – Худо паноҳ диҳад!

Сипас, рӯзе набуд, ки директор дар мавриди пешбарии Ползухин номаҳое дарёфт накунад. Саранҷом, як саҳар, худи Ползухин пайдо шуд – марде ҷавону расо, ришаш пок тарошидаву шабеҳи чопандозҳо, костуми сиёҳи нав бар тан...

– Ман дар хусуси кор мурочиъинро дар хонаам не, дар идора мепазирам, –гуфт директор бо лаҳне хушк, чун дархости ӯро шунид.

– Бибахшед, олиҷаноб, вале шиносҳои муштараки мо машвара доданд, ки маҳз ба ин ҷо муроҷаъат кунам.

– Ҳм!.. – директор ба кафшҳои нӯгтези ӯ бо нафрат нигариста, мад кашид. – То ҷое медонам, – гуфт ӯ, – падарҷони шумо соҳибмилку сарватманд аст ва шумо дастнигар нестед; пас, лузуман чӣ ҳоҷат ки талабгори ин симат бошед? Охир маошаш ҳам ночиз аст!

– Ман барои маош не, ҳамин тавр... Ба ҳар ҳол, ин як кори давлатӣ...

– Ху-уб... Гумон мекунам, як моҳ нашуда, дилбазан мешавед ва аз баҳри кор мебароед, ҳол он ки номзадҳои дигаре ҳастанд, ки ин шуғл барояшон – пешаи якумрӣ. Ҳастанд бенавоҳое, ки барои онҳо...

– Дилбазан намешавам, олиҷаноб! – пеши сухан парид Ползухин. – Қасам ба виҷдонам, ки саъйу кӯшиш мекунам!

Директор соф хашмгин шуд.

– Гӯш кунед, – суол кард вай, лабханди нафратборе карда, – шумо чиро якбора ба худи ман руҷуъ накардед, балки лозим донистед, ки занҳоро пешакӣ ба заҳмат андозед?

– Ман фикр намекардам, ки аз ин корҳо шумо нороҳат мешавед, – посух дод Ползухин ва аз шарм сурх шуд. – Вале олиҷаноб, агар аз тавсияномаҳои дӯстонамон хушатон наояд, ман метавонам гувоҳиномаи маълумотамро ҳам пешниҳод кунам...

Ӯ аз ҷайбаш коғазе бароварду ҷониби директор дароз кард. Дар поёни сатрҳои гувоҳинома, ки бо сабку сиёқи идорӣ навишта шуда буд, имзои губернатор меистод. Аз ҳама чиз аён мешуд, ки губернатор гувоҳиномаро нохонда имзо кардааст, магарам, танҳо ба хотири он ки аз кадом як хонуми шилқин раҳоӣ ёбад.

Директор гувоҳиномаро хонда, оҳе кашид ва гуфт:

– Чораи дигар нест, сар фуруд меорам... итоат мекунам-м... Пагоҳ дархост нависед... Чорае нест...

Ва ҳамин ки Ползухин рафт, тамоми вуҷуди директорро иҳсоси нафрат фаро гирифт.

– Русво! – фиш-фиш мекарду аз ин гӯша ба он гӯша қадам мезад. – Билохира, кори худашро кард, бадсирати сифла, чоплӯси пеши занҳо! Касофат! Ноҷинс!

Директор ба тарафи даре, ки Ползухин берун рафта буд, бо садои баланд туф кард, аммо якбора хиҷолат кашид, зеро ин лаҳза ҳамсари мудири идораи амлоки давлатӣ вориди ҳуҷраи корияш мешуд...

– Ман фақат як дақиқа, як дақиқаяку тамом... – шуруъ кард хонум. – Бишинед, падари таъмидӣ ва гӯш кунед маро бо диққат... Ху-уш, мегӯянд, ки идораи шумо ҷойи холие дорад... Фардо ё ҳамин рӯз ҷавоне меояд, бо номи Ползухин назди шумо...

Хонум гунҷишквор вирроҷӣ мекард, аммо директор бо чашмони хоболуд, мисли одаме ки наздик аст, аз ҳуш равад, карахту кадар ба ӯ менигарист, менигаристу бо тақозои риъояти адаб, лабханд мезад.

Рӯзи дигар, вақте директор Веремeнискиро дар утоқи корияш ба ҳузур мепазируфт, то хеле вақт натавонист, ки ҳаққи гапро ба ӯ гӯяд. Директор дудила буд, саргум шуда буд, намедонист аз чӣ шуруъ кунаду чӣ бигӯяд. Мехост, аз муаллим пӯзиш пурсад, ҳақиқатро барояш гӯяд, вале забонаш ҳамчун як каси маст гираҳхӯрда буд, гӯшҳояш дар мегирифтанд ва ногаҳон иҳсоси ғуссаву алам кард, ки ночор аст, чунин нақши зишту бемаъниеро бозӣ кунад – дар маҳалли кори хеш, дар баробари кормандони худ. Ҳамин дам ба рӯйи миз муште заду ҷаҳиду бархест ва оташинона бонг зад:

– Ман барои шумо ҷойи холӣ надорам! Надорам! Мефаҳмед, надорам! Маро ором гузоред! Азобам надиҳед! Билохира, даст бардоред аз ман, монед ба ҳоли худам маро!

Ва аз дафтари корияш берун рафт.

***1896***

## БУРДИ БУЗУРГ*

Иван Димитрич, марди миёнаҳол, ки рӯзгори хонаводаро бо даромади як ҳазору дусад рубл андар сол мечархонд ва аз ин қисмат хеле розӣ ҳам буд, ин бор пас аз хуроки шом рӯйи диван дароз кашиду ба рӯзнома чашм андохт.

–Имрӯз аз ёдам рафта, ки рӯзномаро бинам, – ҳамсараш, дастархони рӯйи мизро ғунд дошта, ба гап даромад – Ку як бор бин, ҷадвали тирожи лоторе нест?

–Бале, ҳаст, – гуфт Иван Димитрич. – Магар лотореи ту дар гарав ботил нашуда буд?

–На, ман сешанбе дарсади баҳраро пардохтам.

–Шуморааш чанд?

–Серияи нуҳ ҳазору чорсаду наваду нуҳ, билети шумораи бистушаш.

–Хууб... Мебинем-ш... нуҳ ҳазору чорсаду наваду нуҳ, шумораи бистушаш.

Иван Димитрич ба бурду барори лоторе эътиқоде надошт ва дар фурсатҳои дигар ба ҳич ваҷҳ ба ҷадвали тирожи он нигоҳ намекард, аммо ҳоло аз бекорӣ ва – аз он ки рӯзнома пеши чашмаш буд – рӯйи сутуни шумораҳо аз боло сӯи поин ангушт давонд. Ва ҳамон дам, дар камоли мазоҳу нобоварияш, на дуртар аз сатри дувуми боло, чашми ӯ ба шумораи нуҳ ҳазору чорсаду наваду нуҳ уфтод! Бидуни он, ки бинад шумораи билет чанд асту онро дуруст санҷад, вай саросема рӯзномаро рӯйи зонуҳояш андохт ва, гӯиё касе аз тори сараш оби хунук рехта бошад, сардии гуворое дар умқи дил эҳсос кард: ҳам ғилғилакбор, ҳам ҳавлнок ва ҳам ширин!

– Маша, нуҳ ҳазору чорсаду наваду нуҳ ҳаст! – гуфт ӯ бо садои гирифта.

Ҳамсараш ба чеҳраи ҳайрону ҳаросони шавҳар нигариста, пай бурд, ки ӯ шӯхӣ намекунад.

– Нуҳ ҳазору чорсаду наваду нуҳ? – пурсид занаш, ки ранги рӯяш канду суфраи таҳкардаро болои миз гузошт.

– Оре, оре... Ҳаст ростӣ!

– Рақами билет чанд?

– Ҳа, дуруст! Боз рақам. Вале, исто... сабр кун. На, чӣ мегӯӣ? Ба ҳар ҳол шумораи серияи мо ҳаст! Ҳаст охир, мефаҳмӣ...

Иван Димитрич, ки ба ҳамсараш нигоҳ мекард, як лабханди фароху бемаънӣ зад, мисли кӯдаке, ки ба ӯ ягон чизи ҷилодореро нишон дода бошанд. Занаш низ лабханд зад: ӯ низ хушнуд аз он буд, ки шавҳар танҳо серияро гуфт ва дар ёфтани шумораи ин баргаи хушбахтӣ осемасар нест. Худро бо умеди сарвати иҳтимолӣ азият кардану ба шӯр овардан чӣ лаззати гуворое дорад!

– Серияи мо ҳаст, – гуфт Иван Димитрич баъди хомушии зиёд. – Пас, аз иҳтимол дур нест, ки мо бурд карда бошем. Фақат ба иҳтимоли зиёд, аммо ҳаст!

– Хуб, ҳоло назар андоз.

– Сабр кун. Вақт дорем барои дилсард шудан. Рақами мо дар сатри дувум аз боло; пас, бурди ҳафтоду панҷ ҳазор. Ин пул не, ин як қудрат, ин як сармоя аст! Ва акнун рафту ман ба ҷадвал нигаристам, ки он ҷо – бисту шаш! Хӯш? Гӯш кун, агар воқеъан бурда бошем чӣ?

Зану шавҳар ба ханда даромаданд ва хомушу бесадо дуру дароз ба ҳам нигаристанд. Иҳтимоли саъодати ногаҳонӣ ба дили ҳарду кудурат рехт, ҳарду ҳатто наметавонистанд орзуе кунанд, бигӯянд, ки ин 75 000 онҳоро ба чӣ кор меояд, чӣ бихаранд, куҷо бираванд. Танҳо дар бораи рақамҳои 9499 ва 75000 меандешиданд, ин шумораҳоро хаёлан ба тасвир мекашиданд, аммо гӯиё он хушбахтие, ки иҳтимоли вуқуи он комилан имкон дошт, дар хаёли ҳар ду намегунҷид.

Иван Димитрич, дар даст рӯзнома, чанд бор аз гӯша ба гӯша қадам зад ва, танҳо замоне ки он эҳсосоти пешинро фурӯ нишонду ором гирифт, кам-кам орзупарварӣ кард.

– Хуб, агар мо бурда бошем? – гуфт ӯ. – Охир ин як зиндагии нав, ин як инқилоби бахт аст! Билети туст, аммо агар аз ман мебуд, он гоҳ, пеш аз ҳама, бо бисту панҷ ҳазортои он албатта ягон милк мехаридам; даҳ ҳазорашро харҷи ҳазинаҳои зарурӣ мекардам: ҷиҳози нав... сайру гашт, пардохти қарзҳо ва ҳамчун чизҳое... Мобоқии чил ҳазор ба бонк аз баҳри суд...

– Бале, милк хуб аст, – фармуд ҳамсараш, ки нишаста ва дастҳо рӯйи зону гузошта буд.

– Ягон ҷое дар вилояти Тула ё Ориёл... Аввалаш, ки дига ниёз ба бустонсаро намемунад, баъд ҳам даромадамон таъмин мешад.

Ва дар тасаввури ӯ анбуҳи манзараҳое ба ҷилва омаданд – яке аз дигаре дилнавозтару шоъиронатар; ва дар ин ҳама манозир ӯ хештанро шикамсеру орому тандуруст медид, вуҷудаш гарм, ҳатто доғу тафсидагӣ! Инак ӯ, ки чолоби хунукеро ба сардии ях хурда, дар

наздикии дарёчае рӯйи реги тафсон, шикам сӯи осмон ё ки дар боғ зери сояи дарахти зерфун дароз кашидааст... Ҳавое гарм...Писараку духтараш дар давру бараш гавак мекашанд, регҳоро тит мекунанд ва ё миёни алафзор гумбусак медоранд. Вай ғанаби ширин меравад, ба ҳич чиз ҳам намеандешад ва бо тамоми вуҷуд ҳис мекунад, ки на имрӯз, на фардову на пасфардо ниёзе ба коргоҳ рафтан нест. Он гоҳ аз дароз кашидан хаста мешаваду ба алафдаравӣ меояд ва ё ба ҷангал меравад, чидани чамбич ва ё ки ба тамошои рустоиёне, ки бо тӯр моҳӣ мегиранд. Вақте офтоб мешинад, вай малофаю собун мегирад ва коҳилона ба маҳалли оббозӣ меояд; он ҷо ба оромӣ либосҳояшро аз тан дармеорад, бо кафи дастон қафаси синаи бараҳнаи худро молиш медиҳад ва ба об медарояд. Ва андаруни об канори ҳубобҳои собунии шаффоф моҳичаҳо давуғеҷ мекунанд, алафҳои сабзи обӣ алвонҷ мехуранд. Пас аз оббозӣ чой бо хома ва кулчақанд... Бегоҳӣ гардиш ё ки қартабозӣ бо ҳамсоягон.

– Оре, хуб мешуд, ки агар як милк бихарем, – мегӯяд занаш, ки ӯ ҳам хаёл мебофт, ва аз чеҳрааш низ маълум буд, ки вай ҳам маҳву мафтуни андешаҳоест.

Иван Димитрич дар тасаввури худ тирамоҳро бо боронҳояш, бо шабонгоҳони сардаш ва бо гармои тирамоҳияш пеши назар меоварад. Дар ин айём бояд ҳар чӣ бештар дар боғу роғ, дар канораҳои дарё нармак-нармак сайр кард, то хуб хунук хурад, ва баъд як қадаҳи бузург водко ба сар кашаду занбуруғи шӯр ё бодиринги шибитсорро газак кунад ва – қадаҳи дигаре нӯш кунад. Баччаякҳо дар ангор медаванд ва бехию турбчаяк мекашонанд, ки аз он бӯйи хоки тоза меояд... Ва сипас болои диван такя мезанад ва оромона ягон маҷаллаи мусаввареро нигаҳ мекунад, ва он гоҳ бо маҷалла рӯяшро мепӯшонад, тугмаҳои камзулчаашро бозу худро таслими як ғанаб хоби ноз мекунад...

Пас аз гармои тирамоҳ айёми тираву сарду пурбориш меояд. Рӯзу шаб борон меборад, дарахтони бебарг мегирянд, боди мартубу хунук вазон. Сагҳо, аспҳо, мурғҳо – ҳама тар, афсурда, тарсу. Ҷое барои сайр нест, намешавад аз хона бурун рафт, мебояд тамоми рӯз аз гӯша ба гӯшае қадам зад ва ба ҳасрат ба тирезаи пурабр нигарист. Дилгир аст!

Иван Димитрич бозистод ва ба ҳамсараш нигарист.

– Маша, медунӣ, ман шояд ба хориҷа мерафтам, - гуфт ӯ.

Ва ӯ дар андешае уфтод, ки хуб мебуд дар танги тирамоҳ ба хориҷа рафт, ба ягон ҷое ба ҷануби Фаронса, Итолиё... Ҳиндустон!

– Ман низ албатта ба хориҷа мерафтам, – гуфт занаш. – Ку, як бор шумораи билета бин!

– Биист! Сабр кун...

Димитрич дар ҳуҷра қадам мезаду меандешид. Ба сараш фикре зад: хуб, ҳамсараш воқеъан ба хориҷа равад-чӣ? Сайр кардан тани танҳо ё дар ҳалқаи хонумҳои сабуксор, фориғболу як лаҳзаи зиндагиро хушдор гуворост, вале на бо онҳое ки тамоми роҳ дар фикр бошанду танҳо аз хусуси фарзандон ҳарф зананд, оҳувоҳ кунанд, ҳаросон ва ба ҳар копек ларзон бошанд. Иван Димитрич як лаҳза зани худро дар вагон тасаввур кард бо бухчаҳо, хурҷинчаҳову бастаҳои бисёр; ӯ аз чизе ғусса мехурад ва шиква мекунад, ки ин роҳ сарашро ба дард овард, ки пули зиёдаш рафт; гоҳе ҳам ночор мешавӣ ба истгоҳ тозӣ барои оби ҷӯш, бутерброд, об... Нисфи рӯз ҳам таъом намехурад, гарон аст мегӯяд...

«Ва аммо ӯ метавонад ҳар копеку тангаи маро баршуморад, – ба ҳамсараш нигариста, андешид вай. – Лоторе, ки аз ӯст, на аз ман аммо! Ва воқъан вай барои чӣ равад ба хориҷа? Чӣ мондааст, ки ӯ он ҷо надида бошад? Кораш дар ҳутел нишастан, боз маро ҳам аз худ раҳо намекунад... Медунам!».

Ва ӯ дар зиндагияш бори аввал мутаваҷҷеҳ шуд, ки занаш пиру баднамо шудааст, сартопо бӯйи ғизо мекунад, вале ӯ худ ҳанӯз ҷавон, солиму шодоб, шойиста, ки ҳатто боз зан гирад.

«Албатта, ин ҳама беҳуда ва содалавҳонаанд, – фикр кард вай, – лекин ... чиро ин зан бояд хориҷа равад? Чӣ чизро он ҷо мефаҳмида бошад? Вале, бо ин вуҷуд, агар равад... Тасаввур мекунам... Ва ба дурустӣ ҳар ҷое ҳам – чи Неапол, чи Клин, барои вай яксон аст. Бояд фақат монеъаи сари роҳи ман шавад. Бояд ман дастнигари ӯ бошам. Тасаввур мекунам, ҳамин ки пул ба дасташ расид, бедиранг мисли ҳар зане шаш қуфлаш мезанад... Аз ман пинҳон медорад... Хешу ақрабои худро мурувват мекунад, аммо сари ҳар пули ночизе бо ман муҳосаба хоҳад кард».

Иван Димитрич хешовандони занашро ба ёд овард. Инҳо – бародарҷонаку хоҳарҷонаку холаҷонаку тағоҷонакҳо, чун аз ин бурд огоҳ мегарданд, ҳай хушомад меоғозанд, мисли гадоён ба нолаву зорӣ дароянд, тамаллуқкорона табассум ороянд, чоплӯсӣ кунанд. Мардумони нафратангези паст! Агар барояшон чизе диҳӣ, онҳо ҳаристар шаванду боз ҳам бидеҳ гӯянд, агар надиҳӣ – душному лаънат

мекунанд, аз пушти сарат чуғулӣ мекунанду хоҳони балову бадият мешаванд.

Иван Димитрич хешовандони худро ба ёд овард, ва симои ҳар яке аз онҳо, ки пештар бетафовут менигарист, акнун ба назараш кареҳу манфур менамуд.

«Инҳо низ ҳама палиданд!». – фикр кард ӯ.

Ва чеҳраи ҳамсараш ҳам ба назараш нафратовару зишт намудан гирифт. Дар қалбаш алайҳи ӯ кина ҷӯш зад, ва ӯ бо шамотат фикр кард:

«Вай сарфаҳми пул намеравад, барои ҳамин ҳам хасис аст. Агар бурд кунад ҳам, танҳо сад рубл ба ман медиҳад, мобоқӣ – куфлу калид».

Ва ин бор вай на бо лабханд, балки бо нафрат ба зан нигоҳ кард. Ҳамсараш ҳам ба ӯ нигарист, ва ҳамчунон бо назари нафрату хашм. Ӯ ҳам умедҳои неки худро дошт, мулоҳизоти худ; хеле хуб медонист, ки шавҳараш чӣ орзуҳое мепарварад. Медонист, ки чӣ касе пеш аз ҳама ба бурди ӯ даст хоҳад ёзонд.

«Савлат бо саллаи касон, чӣ орзуе! – мегуфтанд чашмони ӯ. –На, ту ҳаққу ҳуқуқ надорӣ!».

Шавҳар нигоҳи ӯро пай бурд; дар дилаш нафрате туғён кард, ва, барои он ки занашро дар ҷояш шинонад, ҳамон дам барқасди вай ба сафҳаи чаҳори рӯзнома нигарист ва тантана кард:

– Серия нуҳ ҳазору чорсаду наваду нуҳ, рақами чиҳилу шаш! На бистушаш!

Умеду нафрат ҳарду дар ин лаҳза нопадид шуданд, ва худи ҳамон дам пеши чашми Иван Димитричу занаш ин манозир бознамо шуд, ки ҳуҷраҳои кулбаашон тангу торику паст аст, ки ин ғизои шоми хӯрдаашон аз баҳри рафъи гуруснагӣ нест, дар сари дилашон залла шудааст, ки шабҳояшон дарозу дилгир аст...

– Бало занад, ин чӣ беназмӣ бошад, – ба хурдагирӣ шуруъ карда гуфт Иван Димитрич. – Куҷое нагардӣ, зери пойҳо коғазпора, майдареза ё ягон пӯсту пора. Ҳич вақт ҳуҷраҳоро рӯбучин намекунанд! Ночорам, сабил монад, аз хона тамоман биравам. Меравам ва дар аввалин дарахти пешомад худамро меовезам.

***Унвони русии ин ҳикоя -- Выигрышный билет!***

# ЗАНИ ЯК ДОРУФУРӮШ

Шаҳраки Б., ки фақат ду-се кӯчаи каҷҷу маҷ дорад, ғарқа дар хоби амиқ аст. Дар ин ҳавои сармо ҳама ҷо ором. Танҳо аз кадом як дуриҳо – бояд берун аз шаҳр буда бошад, парсазаданҳои саге бо садои наҳифу гирифтаю маъмулӣ шунида мешавад. Бомдод наздик аст. Кайҳо ҳама хуфтаанд. Танҳо зани ҷавони Чернумордики дорусоз, молики дорухонаи Б. бедор аст. Ӯ се бор дароз кашид, аммо хоб ҳамоно инодкорона аз чашмонаш фирор мекунад – ва маълум нест, ки чиро. Дар тан як пироҳан пеши тирезаи боз нишастаасту кӯчаро менигарад. Дилаш гирифта, малулу пуралам... он гуна пуралам аст, ки ҳатто мехоҳад бигиряд, аммо ин ҳама аз чӣ – боз ҳам барояш рӯшан нест. Кадом як ҳаяҷон дар қафаси синааш гираҳ задаасту гоҳе ҳам ба гулӯяш меҷаҳад... Дар қафо, чанд қадам дуртар аз зан, Чернумордик худ ба девор паҳлӯ зада, ширин хурру пуфф мезанад. Кайки ҳарис ҳам агар дар хараки binияш часпад, аммо вай ҳис намекунад ва ҳатто лабханд мезанад; гӯиё хоб мебинад, ки ҳама дар шаҳр месулфанду пайваста аз ӯ қатрадоруи шоҳи Дания мехаранд. Ҳамин тавр, на бо неши тазриқу на бо гулӯлаи тӯпхонаву на бо навозиш низ наметавон бедор кард ӯро.

Дорухона тақрибан дар канори шаҳр аст, аз ин рӯ ин зани доруфурӯш метавонад, то дуриҳои саҳро чашм андозад... Ва мебинад, ки чӣ гуна гӯшаи ховарии осмон кам-кам сафед шудан дораду чӣ гуна ранги арғавонӣ мегирад, мисле аз як сӯхтори бузург. Ногаҳон аз буттазорҳои дур моҳи мунир хазида, рух менамоёнад. Вай сурх аст (аслан, аз чӣ бошад ки, маҳтоб, ҳангоме аз миёни буттазор сар мекашад, ҳамеша азҳаёгулкарда аст).

Ногаҳ, дар ин хомӯшии шаб, шарфаи пойи касеву баҳамхӯрдани маҳмезҳо меояд. Гуфтугӯе ба гӯш мерасад.

«Инҳо афсаронанд, ки аз назди сардори пулис ба урдугоҳ бармегарданд». – аз дил мегузаронад бонуи дорусоз.

Пас аз фурсате ду ҷусса камзули сафеди афсарӣ бар тан, намудор мешаванд: яке қавиҳайкалу фарбеҳ, дигарӣ хурдпайкари лоғарак... Онҳо коҳилонаву калавидаву шалпар аз бари девори тахтагӣ меоянду бо овози баланд суҳбат аз кадом боб мекунанд. Ҳар ду, ки ба пеши дорухона мерасанд, боз оҳистатар қадам мемонанду ба тиреза менигаранд.

– Бӯйи дорухона... – мегӯяд лоғарак. – Бале, дорухона ҳаст! А-ҳа, ёдам омад... Ҳафтаи гузашта ман ин ҷо будам, равғани мусҳил харида будам. Ин ҷо доруфурӯш аст, марди бисёр турӯшрӯй, манаҳаш мисли манаҳи хар. Аҷаб, бобо, манаҳе! Мисли манаҳе, ки Шамшун* фаластиниҳоро нобуд кард.

– Ҳм-бале... – мегӯяд фарбеҳ бо садои дағал. – Дорусоз хоб аст! Занаш ҳам хуфта! Обтесуф, чӣ зебоест зани ӯ.

– Дидаам. Ба ман хеле маъқул шуд... Доктор, чӣ мегӯед, ӯ ин харманаҳро воқеъан дӯст медошта бошад? Ростӣ?

– На, ба назарам, дӯст надорад, – амиқ нафас мекашад доктор бо оҳанге, ки гӯиё дилаш барои зани доруфурӯш месӯхт. – Пушти тиреза ҳоло модарҷонак хуфтааст! Ё не, Обтесуф? Ва паҳну пареш аз гармӣ дароз кашида... даҳонаш нимвоз... почаҳояш ҳам аз рахти хоб овезон. Ин дорусози аҳмақ шояд ба ин мазҳари накӯӣ таваҷҷуҳе ҳам накунад... Гумонам, барои ӯ бефарқ бошад – чӣ зану чӣ хуми сирка!

– Доктор, медунед? – мегӯяд афсар, бозистода, – Ку биёед, саре ба дорухона мезанему ягон чиз харид мекунем! Шояд ин бонуро бибинем.

– Фикри аҷибе дар ин шабӣ!

– Ё не? Охир визафаи онҳост, ки шабона ҳам кор кунанд. Медароем, дӯстам!

– Мешавад, ки...

Зани доруфурӯш, пинҳон дар паси парда, садои занги хирае мешунавад. Ӯ ба шавҳар нигоҳкунон, ки ҳамоно ширин хуррок мекашаду лабханд мезанад, пираҳан ба бар карда, пойи бараҳна кафш пӯшида, ба дорухона медавад.

Пушти дари шишагӣ ду соя менамояд... Зани доруфурӯш чароғ равшан мекунад, шитобон назди дар меравад, ки онро боз кунад; ҳоло ӯ дигар дилгиру малулу пурҷафо нест, гиря кардан ҳам намехоҳад, танҳо қалбаш шадидан метапад. Доктори фарбеҳаку Обтесуфи лоғарак ворид мешаванд. Инҳоро акнун мешавад дид: доктор шикамдамида, гандумгуну ришакию лаванд буд. Дар камтарин ҳаракоташ камзулаш боз мешуду ба рӯяш арақ медамид. Аммо афсар сурхина, бемӯйилаб, занмонанду нарм, мисли олуфтаҳои инглис.

– Чӣ мехоҳед шумоён? – суол мекунад зани доруфурӯш ва пироҳанашро пеши бар дошта.

– Ба мо... ҳ-а-а қурси пӯдинаийи сулфа, ба понздаҳ копек!

Доруфурӯш бидуни шитоб бонкаро аз раф гирифта, ба баркашӣ меоғозад. Муштариён миҷҷа накӯфта ба пушти вай менигаранд; доктор чашмонашро нимпӯш мекунад, ҳамчу гурбае, ки сер бошад; аммо афсари хурд хеле ҷиддист.

– Нав мебинам, ки хонуме дар дорухона савдо кунад, – мегӯяд доктор.

– Ин аҷобате надорад... – мегӯяд ӯ, ба гӯшаи чашм ба чеҳраи сурхаки Обтесуф нигариста. – Шавҳари ман дастёре надорад, ман доимо кумакаш мекунам.

– Ху-уб, ки... Аммо дорухонаатон хурдакаки ҷаззоб! Ин қадар бонкаҳои зиёд... ин ҷо! Ва шумо ҳам миёни ин ҳама заҳр мегардеду тарсе ҳам надоред! Буввв!

Зани доруфурӯш доруҳоро барбаста, ба доктор медиҳад. Обтесуф пули онро мепардозад. Ним дақиқа бо сукут сипарӣ мешавад... Мардҳо интарафу онтараф менигаранд, қадаме сӯи дар партофта, баъд бори дигар чашм меандозанд.

– Бо ин даҳ копек мехоҳам содаам бидиҳед! – мегӯяд доктор.

Зан дубора, танбалона ва бо куҳулат аз ҷо меҷунбаду даст ба сӯи раф мебарад.

– Оё дар аптекаатон ягон чизе ин гуна нест... – мегӯяд зери лаб Обтесуф, ангуштонашро ҷунбонда, – ягон чизе, медунед, рамзӣ, аз он обҳои руҳафзо... обҳои гоздор бошад? Оби маъдании гоздор доред?

– Дорем, – мегӯяд хонум.

– Браво! Шумо зан не, як парӣ. Ку, сето барои мо биёред!

Доруфурӯш бо шитоб содаро мепечонад ва дар торикиҳои пушти дар ғайб мезанад.

– Нозу нозанин! – мегӯяд доктор чашмак зада. – Обтесуф, чунин ананасро, дар ҷазоири Мадёр ҳам намеёбед. Ҳо? Чӣ фикр доред? Вале... ин хурру пуфро мешунавед? Ин кас доруфурӯши муҳтараманд, ки ба роҳатӣ орамида.

Дақиқае пас зани доруфурӯш бармегардад ва рӯйи раф панҷ шиша мегузорад. Вай аз таҳхона омадааст, ба ин хотир гулгуну андаке ошуфта.

– Ҳсс... ором, – мегӯяд Обтесуф, ки шишабозкун айни боз кардани шиша, аз дасти хонум уфтод. – Ин тавр садо надиҳед, ки шавҳартон бедор мешавад.

– Хуб, баъд чӣ, агар бедор шавад?

– Вай ин қадар ширин хуфта... шуморо хоб мебинад... Ба саломатии шумо!

– Ва дар воқеъ, – пас аз ошомидани оби маъданӣ оруқ зада, бо садои ғавс мегӯяд доктор,– шавҳарҳо як ангезаи дилгире ҳастанд, ки ягон ҷо нишастанашон авлотар ё ки беҳтар ҳамеша хоб бошанд. Оҳ, бо ин оби гуворо агар шароби арғавоние мебуд.

– Чӣ андешае аҷиб! – механдад бонуи доруфурӯш.

– Хеле олӣ мешуд! Ҳайф ки дар дорухонаҳо машрубот намефурӯшанд! Зимнан... охир шумо бояд шаробро ҳамчун даво савдо кунед. Оё ёфт намешавад vinum gallicum rubrum? [шароби сурхи фаронса (лот.)]

– Дорем.

– Чӣ хуб! Биёред! Бало занад, ин сӯ кашед онро!

– Чандто?

– Quantum satis!.. [Чандтое ки дил бихоҳад!.. (лот.)] Аввал шумо кам-кам омехтабаоб бидиҳед ба мо, баъдан боз мебинем... Ё не, Обтесуф? Аввал бо об ва он гаҳ ҳам per se... [худ ба худ... (лот.)]

Доктору Обтесуф наздики раф нишаста, кулоҳ аз сар мегиранд ва шуруъ мекунанд нӯшидани майи нобро.

– Ин шароб, бояд гуфт, қабоҳат будааст! Vinum plochissimum. Зимнан, дар ҳузури... о-ҳо-о.. мегӯйӣ, ки шаҳд бошад. Шумо, воқиъан, дилрубоед, бону! Ман хаёлан дасти шуморо мебӯсам.

– Ҷонамро фидо мекардам, агар хаёл накарда мебӯсидам! – мегӯяд Обтесуф. – Қасам ба ҷонам! Ман ҷонамро фидо мекардам!

– Бас, кофӣ аст... – мегӯяд хонум Чернумордик, амиқ нафас кашида, қиёфаи ҷиддие ба худ мегирад.

– Аммо чӣ таннозе ҳастед шумо! – оромона қаҳ-қаҳ мезанад доктор, аз зери чашм маккорона ба ӯ назар карда. – Чашмакотон гӯиё тирборон мекунанд! Пах! пух! Муборакатон бошад: шумо ғалаба кардед! Мо саркӯб шудем!

Зани доруфурӯш ба чеҳраи тобгирифтаи ҳарду менигарад, ҳарзаҳои онҳоро мебишнавад ва баъди фурсате руҳаш меболад. Ваҳ ки чӣ гуна шод аст ӯ акнун! Ба суҳбат ҳамроҳ мешавад, қаҳ-қаҳ мезанад, ишвагарӣ мекунад ва ҳатто пас аз исрори пайиҳами муштариёнаш, ду қадаҳ шароби сурх менӯшад.

– Шумо, афсарон, бояд ҳар гоҳе аз урдугоҳҳо ба ин ҷо омадан гиред, – мегӯяд ӯ, – ин ҷо ваҳшатнок дилгир аст. Бешубҳа аз дилтангӣ мемурам.

– Воқеъан! – қиёфаи мудҳиш мегирад доктор. – Ҳамин гуна ананас... муъҷизаи табиъат – дар гӯшаи танҳоӣ! Чӣ хуш гуфта Грибоедуф: «Ба хилваткада! ба Саратов!». Аммо акнун мо бояд бtypравем. Аз ошноӣ бо шумо хеле хушбахтем... билкулл! Хариди мо чанд шуд?

Доруфурӯш чашм ба сақфи хона дӯхта, муддате лаб меҷунбонад.

– Дувоздаҳ рублу чилу ҳашт копек! – мегӯяд ӯ.

Обтесуф аз ҷайб ҳамёни кулуфту варамидаашро берун оварда, бастаи пулро хеле такурӯ ва ҳисобӣ мекунад.

– Шавҳаратон ширин хуфтааст... хоб мебинад... – ғурунгида, дасти хонумро мефишорад.

– Ман дӯст надорам ҳар ҳарфи пӯку пӯчро...

– Охир кадом пӯку пӯч? Баракс... ин тамоман пӯч не... Ҳатто Шекспир гуфта: «Хушбахт бувад он, ки дар ҷавонӣ саъодат дошт!».

– Раҳо кунед дасти маро!

Саранҷом ҳарду муштарӣ, пас аз суҳбати тулонӣ, дасти бонуро бӯса медиҳанд ва бо дили нохоҳам, ба андешаи он ки оё чизеро фаромуш накарда бошанд, аз дорухона берун меоянд.

Зан зуд ба ҳуҷраи хоб давида, пеши ҳамон тиреза мешинад. Ӯ медид, ки доктору ҳамроҳаш, аз дорухона баромада, коҳилона то бист қадам дур меравaнд, баъд бозистода, бо ҳам аз чӣ хусус пич-пич мекунанд. Чӣ мегуфта бошанд? Қалбаш ба тапиш меояд, рухсораҳояш ҳам метапанд, аммо чиро – ӯ худ низ намедонад... Дилаш сахттар мезанад, дақиқан, ин ду нафаре, ки он ҷо хуфия суҳбат доранд, аз сарнавишти ӯ гап мезананд.

Панҷ дақиқа пас доктор аз Обтесуф ҷудо мешавад ва танҳо меравад, аммо Обтесуф бармегардад. Вай як бор аз бари дорухона мегузарад, бори дигар... Гоҳе назди дар таваққуф мекунад, боз аз нав қадам мезанад... Саранҷом, занги дарро ба садо меорад.

– Чӣ? Кӣ аст он ҷо? – ногоҳ бону садои шавҳарашро мешунавад. – Дарро занг мезананд, магар намешунавӣ? – мегӯяд марди дорусоз бо ҷиддият. – Аҷаб беназмие!

Мард бармехезад, хилъаташро пӯшида ва, хоболӯд калавида, бо кафшҳояш садо дардода, ба дорухона меояд.

– Чӣ... мехостед? – мепурсад аз Обтесуф.

– Ман... ба ман бо понздаҳ копек қурси сулфа.

Доруфурӯш беист бинӣ кашида, хамёза карда, роҳравон хобаш бурда, пеши миз зонуҳояшро ба ҳам зада, меёзаду аз раф бонкаро мегирад...

Пас аз ду дақиқа бону мебинад, ки Обтесуф чӣ гуна аз дорухона берун меояду чанд қадам зада, қурсҳоро дар роҳи пурғубор яксӯ мепартояд. Аз гӯша доктор ба истиқболаш меояд... Ҳарду меравад ва, дастҳо ба сӯи ҳам такон дода, миёни тумани саҳаргоҳ ғойиб мешаванд.

– Чӣ бадбахте ҳастам ман! – мегӯяд зани доруфурӯш, ба хашму нафрат шавҳарро нигариста, ки оҷилона либосҳояшро мекашид, то боз бихобад. – Вой, ман чӣ қадар бадбахтам! – такрор мекунад ӯ, ки ин дам ашкҳои талхе беихтиёр аз чашмонаш ҷорӣ мешуд. – Ва ҳич кас, ҳич кас ҳам намедонад...

– Ман фаромуш карда, понздаҳ копекро рӯи миз мондаам, – ғур-ғур мекунад мард, зери кампал паноҳ бурда. – Лутфан, онро зери миз гузор...

Ва ҳамоно хобаш мебарад.

***Шамшун ё Сомсун (ибрӣ, ба маънои «чун хуршед».), гӯиё яке аз доварони Банӣ Исроил, ки дар даврони султаи фаластиниҳо бар яҳуд, зода шуда. Ӯ дар посухи он ки ҳамсарашро ба каси дигар додаанд, аз пайи интиқом, киштзорҳову боғҳои зайтуни фаластиниёнро ба оташ кашид. Фаластиниҳо ба яҳудия ҳамла овардан, то Шамшунро асир гиранд, вале ӯ бо фӯки хараш (ки дарозу кушанда будааст) ҳазор нафари ононро кушт. Чехуф бо киноя аз номи қаҳрамонони ин ҳикоя, манаҳи шӯйи доруфурӯшро ба фӯки хари Шамшун монанд мекунаду ӯро харманаҳ меномад.***

***1886***

## МАРГИ ЯК КОРМАНД

Дар яке аз шабонгоҳони хуш, корманде хушнудтар аз ин шаби хуш, ба исми Иван Дмитрич Червиякуф, нишаста дар радаи дуюми театр, бо дурбин опереттаи «Ноқусҳои Корневал».-ро тамошо мекард. Ӯ тамошо ҳамекарду хештанро дар авҷи шодкомӣ ҳис менамуд. Аммо ногаҳон... Дар ҳикояҳо ҳар гоҳе ин «аммо ногаҳон». вомехӯрад. Ҳақ ба нависандагон аст: зиндагӣ сартопо пур аз ғайриинтизорҳост! Аммо ногаҳон чеҳрааш пурожанг шуд, чашмонаш нопадид гаштанду нафасаш дармонд... вай дурбинро як сӯ андохт, хам шуд ва... ҳо-пшу!!! Атса зад, чунонки мебинед. Атса задан ба касеву дар ҷое мамнуъ нест. Деҳқонҳо ҳам, пулисҳо ҳам, ва гоҳе мушовирини махфӣ ҳам атса мезананд. Ҳар кӣ атса мезанад. Червиякуф ҳич хиҷолат накашид, лабу лунҷашро бо дастмол пок кард ва, ҳамчун як каси боадаб, ба атрофаш нигоҳ кард: оё бо ин атсааш касеро нороҳат накарда бошад? Аммо дуруст ин лаҳза ночор эҳсоси шарм кард. Дид, ки пиракии пеш аз ӯ дар радаи аввал нишаста, мулоҳазакорона сари тосу паси гарданашро бо дастпӯш пок намуду зери лаб ғур-ғур кард. Червиякуф пирмардро шинохт – генерали мулкӣ Бризжалуф, ходими идораи роҳ.

«Оби биниям парид! – фикр кард Червиякуф. – Ӯ сарвари ман нест, аз дигар ҷо, аммо ба ҳар ҳол нохуб шуд. Бояд узрхоҳӣ кард».

Червиякуф сулфид, ба пеш хам шуд ва ба гӯши генерал оҳиста гуфт:

– Бибахшед, олиҷаноб, шуморо андаке тар... ман тасодуфан...

– Боке нест, бепарво...

– Аз барои Худо, бибахшед. Ман охир... ман намехостам!

– Э, бишинед, лутфан! Монед, гӯш кунем!

Червиякуф хиҷолат кашид, лабханди аҳмақонае заду ба саҳна чашм дӯхт. Ӯ тамошо мекард, аммо он ҳаловати қаблӣ дигар аз вуҷудаш парида буд. Аз изтироб нороҳат шудан гирифт. Дар антракт вай ба Бризжалуф наздик шуд, дар атрофаш чархид ва, тарсу изтиробашро фурӯкаш карда, бо садои паст гуфт:

– Ҷаноби олиро як каме... Бибахшед... Ман охир... ба ҳич ваҷҳ...

– Э-э-э, кофист... Ман кайҳо фаромуш кардам, аммо шумо ҳанӯз ҳам дар ҳамин бора! – гуфт генерал ва ношикебоёна лаби поёнашро ҷунбонид.

«Фаромуш кардааст, аммо чашмонаш пур аз кина, – фикр кард Червиякуф, бо шубҳа ба генерал нигариста. – Гап задан ҳам

намехоҳад. Мебояд ӯро фаҳмонд, ки ман ба ҳич ваҷҳ хостори... ки ин як амри табиъист, вагарна гумон мекунад, ки ман мехостам туф кунам ӯро. Ҳоло фикр намекунад, аммо баъдан бадгумон хоҳад шуд!..».

Ба хона омада, Червиякуф ин густохии беадабонаи хешро ба занаш нақл кард. Ба назараш намуд, ки ҳамсар ба ин моҷаро сарсарӣ таваҷҷуҳ кард; вай фақат тарсид, аммо чун фаҳмид, ки Бризжалуф «бегона». будааст, ором шуд.

– Аммо, ба ҳар ҳол, наздаш дарою маъзаратхоҳӣ кун, – гуфт ӯ. – Гумон мекунад, ки ту дар маъракаҳо хештандор нестӣ!

– Ҳо, бале, ҳамин тавр! Ман пӯзиш хостам, аммо ӯ як тарзе аҷиб... Ягон сухани хубу холис нагуфт. Ҳа, воқеъан, фурсати кофии суҳбат ҳам набуд.

Рӯзи дигар Червиякуф либоси нави расмияшро пӯшид, мӯйи сар пeрост ва рафт назди Бризжалуф тавзеҳдодан... Ба толори пазироии генерал даромада, муроҷиъини зиёдеро дид ва низ дар миёни ҷамъомадагон худи генералро, ки акнун арзи ҳар якеро мешунид. Пас аз суолу ҷавоб бо чанде аз ҳозирин, генерал ба Червиякуф низ назар андохт.

– Дирӯз дар «Аркадиа»., агар фаромуш накарда бошед, олиҷаноб, – шуруъ кард ба суханронӣ Червиякуф, – ман атса з-задам ва... тасодуфан оби бинием... Бибах...

– Чӣ ҳарфҳои беҳуда... Ҳар чӣ буд, ки гузашту фаромуш шуд! – Шумо чӣ арзе доред? – генерал руҷуъ кард ба нафари дигар.

«Гап задан намехоҳад! – фикр кард Червиякуф, ки рангаш мепарид. – Асабонӣ аст, маълум ки... На, ин корро набояд ҳамин тавр вогузор кард... Ман ба ӯ мефаҳмонам..».

Ҳангоме ки генерал гуфтугӯро бо охирин муроҷеъ тамом кард ва ба сӯи ҳуҷраи дарун равон шуд, Червиякуф аз пайи ӯ қадам заду ғур-ғур кард:

– Алоҳазратам! Агар ман қасди мушавваш кардани хотири муборакии шуморо медоштам, он гоҳ маҳз аз ҳамин иҳсос, метавонам гӯям, ки аз карда пушаймонам!.. Қасдан накардам, ки худ медонед!

Генерал қиёфаи маҳзуне гирифт ва даст такон дод.

– Шумо масхара мекунед, оқои гиромӣ! – гуфт ӯ, аз паси дар ғайб зада.

«Чӣ тамасхуре ин ҷо? – бо худ андешид Червиякуф. – Ин ҷо умуман масхарае нест! Генерал аст, аммо идрок надорад! Агар ҳамин тавр аст, пас, дигар пеши ин бодӣ узр нахоҳам овард! Ба ҷаҳаннам!

Барояш номае менависам, аслан дигар намеоям! Ба Худо, ки намеоям!».

Чунин фикр кард бо худ Червиякуф дар роҳ ба сӯи хонааш. Ба генерал ӯ нома нанавишт. Фикр карду фикр кард, аммо натавонист чунин номаи шоён иншо кунад. Ночор шуд рӯзи дигар баройи адои тавзеҳот худ ба ҳузури генерал биравад.

– Ман дирӯз мояи ошуфтагии шумо шудам, ҷаноби олӣ, – пасту ларзон ба сухан омад, гоҳе ки генерал ба назари суол ӯро нигарист, – на аммо баройи он ки мазоҳ кунам, он гуна ки шумо фармудед. Банда аз он пӯзиш хостам, ки атса задаму оби биниям пошид..., аммо дар андешаам тамасхур набуд. Магар ҷуръату ҷасораташро дорам, ки мазоҳ кунам? Агар касоне дар ҳадди банда ҳамин тавр лодагӣ кунанд, пас, ҳич гуна иҳтироме баройи шахсиятҳо... боқӣ нахоҳ...

–Баро дафъ шав!! Берун! – бонг зад ногаҳон генерал, ки кабуд шудаву меларзид.

– Ч-чӣ фармудед? – пич-пич кунон пурсид Червяков, аз тарсу ваҳшат беҳол шуда.

– Бираву гум шав!! – боз гуфт генерал, пойи худро ба фарш кӯфта.

Андаруни Чирвиякуф чизе гусехт. Ҷоеро намедид, садое ҳам намешунид, ӯ ақиб-ақиб ҷониби дар рафт, ба кӯча баромад ва оҳиста-оҳиста роҳашро пеш гирифт... Бехуду бе хаёл ба хона омада, бе он ки либосҳои расмияшро бадар кунад, рӯи диван дароз кашид ва... мурд.

***1883***

# ШАБИ ВАҲШАТНОК

Иван Петрович Панихидин чун фатилаи чароғро паст карду ба гуфтор оғозид, ранг аз рухаш париду садояш ларзид:
– Он шаб, ки арафаи милоди Масеҳ буд – соли як ҳазору ҳаштсаду ҳаштоду севум, дунёро зулмати тираву пурбиме фаро гирифта буд ва ман аз хонаи яке аз дӯстонам, ки акнун фавтидааст, ба манзилам бармегаштам; он ҷо дергоҳ нишаста, мо ҷаласаи иҳзори руҳ барпо карда будем. Тангкӯчаҳоро, ки мегузаштам, аз чӣ буд, ки чароғон набуданд ва тақрибан кӯрмол-кӯрмол қадам мезадам. Ман дар Маскав мезистам, дар наздикии калисои Успения, дар хонаи Труппуфи корманд, яъне дар яке аз маҳаллоти дуруфтодаи Арбат. Вақте мерафтам, андешаву афкорам вазнину тираву ғамбор буд...

«Ғуруби зиндагият наздик аст... Тавба кун..».

Инҳо таъбироти Спиноза буданд дар он ҷаласа хитоб бар ман, ки мо муваффақ ба иҳзори руҳи* ӯ шуда будем. Ман дархост намудам, ки такрор кунад, зерлаълии финҷон суханҳоро на ин ки такрор кард, балки боз афзуд: «Ҳамин имшаб».. Ман ба спиритиализм бовар надорам, аммо андешаи марг, ҳатто танҳо ишорае ба он, маро ғамгину навмед мекунад. Марг, ҷанобон, амрест ногузиру муқаррар, бо ин вуҷуд пиромуни он андешидан дар табиати инсон нафратбор аст... Ва акнун, вақте маро навмедии тираву сарде фаро гирифта буд ва қатраҳои борон пеши чашмонам ба шиддат печутоб мехӯрданду бод болои сарам маҳзунона навҳа мекашид ва вақте дар атрофи хеш ҷонзодеро намедидаму садои инсонеро намешунидам, вуҷудам аз як тарси номушаххасу ноаён лабрез мешуд. Ман – инсоне, ки ба ҳар гуна хаёлоти воҳию хурофот ҳич эътиқод надорад, шитоб мекардам, метарсидам ба ақиб ё гирду атроф назар андозам. Ба назарам менамуд, ки агар сар бардораму нигоҳе кунам, он гоҳ ҳатман маргро ба сурати шабаҳе хоҳам дид.

Панихидин тунд нафаскашиду об нӯшид ва идома дод:

– Ин ваҳшати мубҳам, ки ба шумо ҳам маълум аст, ҳатто то ошёнаи чаҳори манзили Труппуф расиданаму дарро кушодану вориди ҳуҷраи худ шуданам, маро раҳо намекард. Хонаи муҳаққарам торик буд. Даруни бухориям бод нола мекард ва гӯиё бо илтимос даричаи ҳавокашро мезад, то ба гармиҳо роҳаш диҳанд.

«Агар Спинозаро бовар кунем, – лабханд задам ман, – он гоҳ ночор имшаб бояд миёни ин нолаҳо бимирам. Ваҳшатнок аст аммо!».

Гӯгирде афрӯхтам... Ғалаёни боди шадид бар сақфи хона давид. Наҳифнолишҳо табдил ба ғурришҳои бадхашмонае шуд. Дар кучое пойинтар аз дари нимбози тиреза садо меомад, низ дарицаи ҳавокаши бухорӣ бо ғиреви маҳзунона фарёди кумак мекашид...

«Дар чунин шабе бад аст бесарпаноҳӣ». – андешидам ман.

Аммо ҳоло фурсати уфтодан ба банди чунин мулоҳизот набуд. Ҳангоме донаи гӯгирди ман шуълаи кабудранге дардод ва ман ба ҳуҷра назар андохтам, манзарае ғайриинтизору ваҳшатнок намуд... Ҳайфу ҳайф, ки шидати бод ба гӯгирди ман нарасид! Он гоҳ, шояд, ман чизе намедидам ва мӯйи сарам ҳам чиғ намешуд. Якбора фарёд кашидам, қадаме сӯи дар задам ва сартопо ваҳшатзадаву навмеду мутаҳаййир чашмонамро пӯшидам...

Дар миёнҷои ҳуҷра тобуте меистод.

Шуълаи гӯгирд дер напоид, аммо дар ин фурсат ман суроби ин тобутро ба ҷузъиёт дар зеҳн гирифтам... Ман порчаи зарбофту гулгуну пурчини рахшандаашро дидам, шерозаи салиби тилоиро бар рӯйи он дидам. Дӯстон, чизҳое ҳаст, ки дар зеҳну хотироти шумо нақш мебанданд, бе ин ки фақат лаҳзае онҳоро дида бошед. Мисли ҳамин тобут. Ман фақат як лаҳза онро дидам, аммо банд ба банд ҳама аҷзояш дар ёдам монд. Ин тобути нафаре миёнақад ва бо дарназардошти ранги сурхаш, барои духтари ҷавон буд. Порчаи зарбофти гаронқимат, пояҳову дастаҳои нозуки биринҷӣ – ҳама ҳикоят аз он мекард, ки мутаваффо сарватмандест.

Бо шасту шитоб аз ҳуҷраи худ фирор кардам ва бе ҳич мулоҳазаву андеша, балки бо эҳсоси ваҳшату ҳароси тавсифнопазир, аз пиллаҳо сӯи пойин тохтам. Долону пиллаҳо зулмат буд, пойҳоям ба домани пӯстинам печиданд; ва ман чӣ гуна напаридаму гардани худро нашикастам, воқеъан таъаҷҷуббор аст. Ба кӯча ки расидам, ба сутуни таршудаи чароғӣ такя задам ва саъй кардам, ором шавам. Қалбам ба гунаи ваҳшатнок метапид ва нафасам тангӣ мекард...

Аз аҳли нишаст яке фатилаи чароғро баланд карду наздиктар нишаст ба ровии ин достон, ки ӯ давом дод:

– Агар дар ҳуҷраам сӯхтор медидам, дузде ё саги ҳор, таъаҷҷуб намекардам... Таъаҷҷуб ҳам надошт, ки агар сақф фурӯ меомаду фарш тарак медоду деворҳо меуфтоданд... Ин ҳама табиию қобили дарканд. Вале дар ҳуҷраи ман ин тобут аз куҷо уфтода?Аз куҷо омада? Тобуте гаронқимату занона, ки маълум аст барои як ашрофдухти ҷавон сохтаанд, – пас чӣ гуна имкон дорад, ки дар ҳуҷраи фақиронаи як

корманди сатҳи паст биюфтад? Оё холист ин ё касе дохилаш ҳаст? Кӣ бошад ин ашрофдухтари бемаҳал аздунёрафтаву дар ин шаб бо чунин булаҷабию ваҳшат суи ман ташрифе оварда?Аҷаб асрори азиятборе!

«Ин ҷо агар ҷинне набошад, ҳатман ҷиноятест». –бар сарам ногоҳ ин фикр шуъла зад.

Дар банди агару магарҳо раҳгум зада будам. Дар набудани ман дари ҳуҷра қуфл буд ва ҷойи калидро танҳо дӯстони хеле наздикам медонистанд. Набояд ин тобутро дӯстон оварда бошанд. Ҳамчунин метавон тахмин зад, ки тобут бо иштибоҳи тобуткашҳо ин ҷо омада. Мешуд, ки дар номи касон саҳв кунанд, табақаи бино ё шумораи дарро иштибоҳ гиранду онро на ба ҷойи таъйиншуда биёваранд. Аммо ин маъмурини тобуткашро кӣ намедонад, ки то ҳаққи кори хеш нарӯёнанду ё ҳадди ақалл пули чой наситонанд, аз ҳуҷра берун нахоҳанд рафт?

«Марги маро руҳҳо пешбинӣ карда буданд, – ба худ андешидам. – Боз ҳаминҳо, дар зимн, магар тобутамро ҳам фароҳам накарда бошанд?».

Ман, ҷанобон, эътиқоде ба спиритиализм надоштаму надорам, вале чунин мутобиқати ҳамзамони як воқеъа метавонад ҳатто файласуферо дар як муаммои сарбаста гиҷ кунад.

«Аммо ин ҳама аҳмақона аст, ман худ тарсуям, чун кӯдакон, – ба хулосае омадам. – Ин як фиреби назар буд, на чизи дигар! Ман ба хонаам ошуфтаву парешон бозмегаштам, аз ин рӯ, агар аъсоби ранҷури ман тобуте диданд, ҷойи таъаҷҷуб нест... Ҳатман ин як фиреби назар аст! Дигар чӣ ҳам хоҳад буд?».

Борон рӯямро тозиёна мезад ва бод хашмгинона домону кулоҳамро меларзонд... Шадидан хунук хӯрдаму тар шудам. Мебояст ба ҷое равам, аммо... куҷо? Ба хона бозгаштан – яъне риск кардану дубора тобут дидан, ки тавону маҷоли дидорашро надоштам. Ман, ки давру барам ҷонзоде набуд, садои одамеро ҳам намешунидам ва бо ин тобут, ки иҳтимол ҷанозае дохилаш мехобид, агар тани танҳо мемондам, шояд ақлу идрокамро аз даст медодам. Ва низ дар кӯчаву зери борони сел мондан ҳам ғайриимкон буд.

Тасмим гирифтам, ки назди дӯстам Упокоюф, ки баъдан, чунонки дарак доред, худро бо гулӯла кушт, бираваму шабро гузаронам. Ӯ дар яке аз ҳуҷраҳои бо асосу мебел муҷаҳҳази Черепуфи тоҷир, дар гузаргоҳи Мертово, мезист.

Панихидин қатраҳои араќи сардеро, ки бар чеҳраи тирааш дамида буданд, пок карду оҳи сангине кашида, қиссаашро давом дод:

– Дӯстамро дар манзилаш наёфтам. Чун дарашро задаму пай бурдам, ки дар хона нест, аз сардарӣ даст-даст карда, калидро пайдо ва дарро боз кардаму ворид шудам. Пӯстини тарамро рӯйи фарши тахтагӣ партофтам ва дар торикӣ диванро ламс кардаму болояш нишастам, то дам гирам. Торик буд... Дар ҳавокаши ҳуҷра бод маҳзунона зуза мекашид. Чирчираке дар бухорӣ оҳанги чир-чири якнавохт медод. Ноқусҳои Кремлин ба садо омаданд, ба нишони эъломи ибодати субҳи мелоди Масеҳ. Ман шитобон гӯгирд афрӯхтам. Аммо равшанӣ афсурдагии маро назидуд, балки баракс. Ваҳшати мудҳишу васфношудание дубора дар вуҷудам печид...Ман фарёде задам, ба ларза уфтодам, бехуд гаша, аз хона фирор кардам...

Он чӣ дар хонаи худам буд, ин ҷо низ медидам, – як тобут!

Тобути дӯстам тақрибан ду баробари тобути хонаи ман буд ва рӯпӯши қаҳваийи болояш ба он обуранги хосси ҳузнангезе медод. Ҳоло ба ин ҷо чӣ гуна уфтода? Акнун, дигар намешуд гумон кард, ки гӯиё ин як фиреби назар будааст... Охир имкон надошт, ки дар ҳар ҳуҷра тобуте бошад! Бегумон, он бемории асабҳои ман буд, як таваҳҳуми маҳз буд. Ҳоло, ҳар ҷое ки мерафтам, дар пеши рӯям ҷойгоҳи мудҳиши маргро медидам. Яъне ман аз ақл бегона ва мубтало ба дарде гӯиё шабеҳи «тобутҳаросӣ». шуда будам ва пайдо кардани решаи ин девонагӣ низ чандон тул накашид: танҳо ба ёд овардани саҳнаи иҳзори руҳ ва суханони Спиноза кофӣ буд...

«Ман девона мешавам! –ваҳшатзада сарамро дошта, андешидам. – Худойи ман! Акнун чӣ бояд кард?!».

Сарам ба кафидан меомад, дар поям мадор намемонд... Борон мисле аз сатил мерехт ва бод то мағзи устухонам неш мезад, пӯстину кулоҳ ҳам надоштам. Бозгаштан барои инҳо имкон надошт, фаротар аз тавони ман буд... Ҳароси мудҳиш маро дар оғӯши сарди хеш мефишурд. Мӯҳои сарам чиғ шуда буданд, аз сару рӯям арақ мешорид, агарчи ҳамоно эътиқод доштам, ки ин як фиреби назар буд.

– Чӣ кор бояд мекардам? – идома дод Панихидин. – Ҳуш аз сарам мепарид ва бим доштам, ки шадидан сармо мехурам. Хушбахтона, ёдам омад, ки начандон дуртар аз гузаргоҳи Метрово, дӯсти самимиям, Погостуф, ки ба ин наздикӣ риштаи пизишкиро хатм карда буд ва он шаб дар ҷаласаи иҳзори руҳ ҳузур дошт, зиндагӣ мекунад. Ман ҷониби ӯ шитофтам... Он вақт ӯ бо он хонуми тоҷири

сарватманд издивоҷ накарда буд ва дар табақаи панҷуми манзили мутааллиқ ба Кладбишенискии мушовири мулкӣ, зиндагӣ мекард.

Аъсоби ман мебояст дар хонаи Погостуф боз азоби шиканҷаи дигареро таҳаммул мекарданд. Вақте ба табақаи панҷум мерафтам, ғавғои ҳавлноке ба гӯшам расид. Дар боло касе ба шиддат по мондаву муҳкам дарро зада, давид.

– Назди ман! –фарёди дилхароше шунидам. – Назди ман! Ҳой, дарбон!

Ва лаҳзае пас, рӯбарӯям аз фарози пиллаҳо суи пойин шабаҳи тирае, дар тан пӯстину бар сар кулоҳи лапарборики ғиҷимшуда, дартоз омад...

– Погостуф! – хитоб кардам ман, дӯстам Погостуфро шинохта. – Ин шумоед? Чӣ шуда?

Погостуф, ки пеши ман расид, бозистоду беихтиёр аз дастам гирифт. Рангаш парида буд, базӯр нафас мекашиду меларзид. Чашмонаш девонаавзоъёна бозӣ мекарданд ва қафаси синааш болопойин мешуд...

– Шумоед, Панихидин? – бо садои хаста пурсид ӯ. – Оё воқеъан ин шумоед? Ранг дар рӯятон нест, мисли азгӯрбархестаҳо... Оре комилан, магар дучори таваҳҳумед?... Худойи ман... ваҳшатнок аст қиёфаатон...

– Ба шумо чӣ шудааст? Ранг дар рӯятон нест!

– В-оой, андак истед, ки ба худ оям... Хуб шуд, ки шуморо дидам, ба шарте ки воқеъан шумо бошед, на фиреби назар. Он маҷлиси иҳзори руҳи лаънатӣ... Асабҳоямро чунон ошуфта кард, ки ман, тасаввур мекунед, ҳоло ба хона дароям, дар ҳуҷра... як тобут!

Ба гӯшҳоям бовар намекардам ва хоҳиш кардам, ки такрор кунад.

– Як тобут, тобути воқеъӣ! – хаставу беҳол болои пилла нишаста гуфт доктор. – Ман тарсу нестам, аммо ҳатто шайтон ҳам пас аз ҷаласаи иҳзори руҳ агар дар торикиҳо ба тобут бархурад, хоҳад тарсид!

Парешону пурлакнат аз тобутҳои дидаам ба доктор гуфтам...

Як лаҳза ба ҳамдигар нигаристем, бо чашмони барҷаста аз косахона ва даҳонҳои аз ҳайрат воз. Онгоҳ, то бовар кунем, ки дар ваҳм напечидаем, ҳамдигарро турукидем.

– Ҳардуямон иҳсоси дард кардем, – гуфт доктор, – яъне ҳич кӣ аз мо хоб нест ва ҳамдигарро ҳам хоб намебинем. Яъне тобутҳо, ин тобути ману он тобутҳои шумо, фиреби назар нестанд, воқеъиянд. Акнун, ҳазратам, чӣ коре бояд кард?

Як соъати тамом дар пиллаи сард истода, наметавонистем аз вартаи ҳадсу гумон ворахем, шадидан хунук хӯрдем ва қарорамон шуд, ки ин тарси буздилонаро дур биронем ва ходимро аз хоб бархезонем, ки ҳамроҳаш ба ҳуҷраи доктор равем. Ва чунин кардем. Ба хона даромадему шамъ гирондем ва дуруст тобутеро дидем, бо кимхоби сафеду рӯпӯшшуда бо пӯпакҳову хӯшаҳои тилоӣ. Ходим муттақиёна салиб кашид.

– Ҳоло метавонем фаҳмид,– гуфт доктор рангпаридаву саропо ларзон, – ки ин тобуто ё холӣ аст ё... сокине дошта бошад?

Пас аз таъаммули зиёду ҳаросу дудилагӣ, ки қобили дарк буд, доктор хам шуд ва дандонҳояшро аз тарсу интизорӣ ба ҳам соида, сарпӯши тобутро бардошт. Мо ба тобут нигаристем ва...

Тобут холӣ буд...

Ҷанозае дар он набуд, вале ба ҷойи он номае бо ин мазмун ёфтем:

«Погостуфи азиз! Ту хабар дорӣ, ки корҳои хусури ман ба шиддат нузул кардаанд. Қарз аз сараш меборад. Фардо ё пасфардо барои номнависии амволи ӯ хоҳанд омад ва ин ба таври қатъӣ хонаводаамрову худамро, ҳатто обрӯву ҳайсиятамонро, ки барои ман азизтар аз ҳар чизест, маҳв мекунад. Дирӯз хонаводагӣ нишастему тасмим гирифтем, ки ашёи гаронқиматамонро пинҳон кунем. Чун тамоми дороии хусурамро тобут ташкил мекунад (медонӣ, ки ӯ устои тобутсоз аст, дар шаҳр беназир), аз ин рӯ тасмим гирифтем, ки беҳтарин тобутҳоро пинҳон кунем. Ман аз ту, чун як дӯстам, таманно мекунам, ки кумакам кунӣ, ноҷии дороиҳои мову ҳайсияти мо шавӣ. Ба умеди он ки дар ҳифзу ҳимояи амволи мо ёрмандӣ хоҳӣ кард, бароят, дӯсти меҳрбон, як тобут мефиристам ва хоҳишмандам, то вақте хостам, пинҳонаш кунию нигоҳаш дорӣ. Бе кумаки ёру ошно мо нобуд хоҳем шуд. Умедворам, ки ин хоҳиши моро радд нахоҳӣ кард, ба хусус ки тобут пеши ту ҳафтае беш нахоҳад монд. Ба ҳамаи онҳое, ки ман аз дӯстони воқеъӣ мешуморам, як-як тобут фиристодам ва ба каромату шарофати онҳо умед мебандам. Дӯстдори ту Иван Челюстин».

Пас аз ин то се моҳ ман аз нороҳатии асабӣ дар муолаҷа будам, аммо дӯсти ман, домоди тобутсоз, ҳам шарофати хеш ва ҳам амволашро наҷот дод ва акнун молики як муассисаи тобуту дафн аст ва лавҳи мазору санги қабр тиҷорат мекунад. Корҳояш начандон пешраванд, аз ин рӯ акнун ҳар шаб, ки хона медароям, ҳамоно ба

ҳарос меуфтам, ки назди рахти хобам лавҳаи мармарии сафед ё тубути музайянеро хоҳам дид.

***Иҳзори руҳ ё спиритиализм як ҷаласаест, ки барои иртибот бо руҳи мурдагон ташкил кунанд. Ин маросим бо тарзҳову ашёи гунонгун (шамъу тахтачаву табақу лаълӣ...) барпо карда мешавад ва ширкатдорон саъй мекунанд аз руҳи рафтагон пайғоме бишнаванд ё онро бибинанд; ин ҷо гӯиё зерлаълии финҷон ба қаҳрамони ҳикоя посух додааст. Зоҳиран ин як амали хурофотист, ки Антон Чехуф дар ин ҳикоя ба боди танзи шадид кашидааст –тарҷумон.***

***1884***

## БО ҒУРУР БОШЕД, НА ЛОДА!

Ин моҷаро дар ҷашни арусии Синирилуфи бозаргон рух дод.

Нидурезуфи додари шаҳ – ҷавоне баландболо, чашмонаш аз сар баромадаву каллааш пок тарошида, фроке дошт бо доманакҳои овезон, дар ҷамъи бонувони ҷавон истода буду ибрози назар мекард.

– Зебоӣ ба зан мегӯяд, вале мардро агар зеб набуд, гапе нест. Муҳим барои мардон фаҳму ҳуш. Мардро зебоӣ – гарде бар нӯги бинӣ, буд ё набуд! Мард, ки маърифату истеъдоди зеҳнӣ надошта бошад, агар ҳазор хушсурат аст, як пули сиёҳ арзиш надорад... Ба-ле... Дӯст надорам ин мардҳои фаттонро! Фи донк! (уфф! – фаронса)

– Ин гапҳоятон барои он ки шумо худатон хушрӯ нестед. Аммо тамошо кунед, ҳу он тарафи дар, ҷавонеро, ки дар утоқи муҷовир нишастааст! Ба вай воқеъан мегӯянд, ки марди зебо! Танҳо чашмонаш баҳои оламанд! Як бинед! Аҷаб дилрубо! Кӣ ҳаст ӯ, намедонед? Додари шаҳ ба утоқи муҷовир нигаристу бо истеҳзо лабханд зад. Он ҷо марде хушчеҳраи сиёҳчашму сабзина менишаст, бар курсӣ такя зада. По рӯйи по гузошта буд ва чашмонашро нимпӯш карда, бо занҷири соъаташ бозӣ мекард; бо тамарруд ба меҳмонон назар меандохту бо тамасхур лабханд мезад.

– Ҳиччӣ ҳам диданӣ надорад! – гуфт додари шаҳ. – Мешавад гуфт... Ҳатто як андоза бадқавора. Афташ ҳам мисли аҳмақҳо... Нигаҳ кунед, хекиртакаш ду оршин.

– Ҳар чӣ гӯед ҳам, дилангез аст!

– Ба чашми шумо зебост, аммо ман мегӯям ки – на! Агар ба сурат зебо бошад ҳам, ҳатман дар сират як кавдани бесавод аст. Кӣ аст ӯ?

– Намедонем... Набояд аз тоифаи тоҷирон бошад...

– Ҳм...Ман шарт мебандам, ки одами аҳмақест... Бо пойҳояш бозӣ дорад... Аз диданаш нафрати кас меояд! Акнун ҳатман мефаҳмем, ки чӣ зотест... чӣ рутба дорад. Ҳамин дам.

Додари шаҳ сулфид ва бо савлат ба утоқи муҷовир гузашт. Дар баробари марди гандумгун истоду боз як бор сулфид ва макс карду сухан оғозид:

– Чӣ ҳол доред?

Сабзина сӯяш як нигоҳ карду лабханд зад.

– Бад не, кам-камак, – бо бемайлӣ посух дод.

– Чиро кам-камак? Одам бояд ҳамеша пеш равад.

– Чиро ҳатман ба пеш?

Гуфтем-дия. Ҳозирча ҳама чиз ба пеш меравад. Ҳам элехтрик, агар бигирем, ҳам тилграфу ҳар гуна фанду фанни он, ҳам тилфун. Оре! Масалан худи прогрессро бигирем...Ин калима чӣ маъно дорад? Маънояш ин ки ҳар кас бояд пеш равад... Пас, шумо ҳам пеш равед...

– Ба фармудаи шумо, ҳоло ман куҷо равам? – нешханд зад марди сабзина.

– Магар қаҳтии ҷо омадааст? Муҳим дил бихоҳад... Ҷо зиёд... Ҳатто то назди буфет, масалан... Майл доред? Барои шиносоӣ, як қадаҳӣ коняк... Ҳо? Барои идеяҳо...

– Мешавад, – мувофиқат кард мард.

Додари шаҳ ва марди сабзина ба тарафи буфет рафтанд. Пешхидмати мӯйҳояш мураттаб, ки бар тан фрок дошту галстуки сафедаш пур аз лакка буд, ду қадаҳ коняк рехт. Ҳар ду ба сар кашиданд.

– Коняки хубе, – гуфт додари шаҳ, – аммо мубоҳисоти аслитаре ҳам вуҷуд дорад... Биёед, ба ифтихори нахустин ошноиямон якистаконӣ шароби сурх мезанем...

Якистаконӣ шароби сурх нӯшиданд.

– Ҳозирча, ки мову шумо бо ҳам шинос шудем, – гуфт додари шаҳ, лабонашро пок карда, – ва метавон гуфт, бо ҳам нӯшидем...

– «Ҳозирча». не, «ҳоло».... – ислоҳаш кард марди сабзина. – Ҳанӯз дуруст гуфтан наметавонеду боз телегрофу телфунро тавзеҳ медиҳед. Бо ин бесаводӣ, ман агар дар ҷойи шумо будам, лаб фурӯ мебастаму дам намезадам, худро беобурӯ ҳам намекардам... Ҳозирча... ҳозирча... Ҳа-ҳа!

– Шумо чиро механдед? – озурдахотир шуд додари шаҳ. Ман маҳзи ханда гуфтам «ҳозирча»., барои шӯхӣ... Лозим нест, дандон тез кунед! Ин ба духтаро мефорад, аммо ман дӯст надорам дандон гиз кунанд... Шумо аз кадом тараф? Ҷониби арус ё домод?

– Ба шумо рабте надорад...

– Унвонатон чӣ аст? Ному насабатон?

– Боз мегӯям, ба шумо марбут нест... Ман аз он аҳмақҳое нестам, ки ҳар кӣ пеш ояд, худро муаррифӣ кардан гирам... Он қадар ғуруре дорам, ки ба одамҳое чун зоти шумо хеле ҳам ҳамдаму маҳшур намешавам. Эътиное ба шумо баринҳо ҳам намедиҳам.

– Уҳ бачча, инро бибин... Ҳмм...Пас, номатонро гуфтан намехоҳед?

– На, майл надорам... Агар ба ҳар каллапӯке ном гӯяму худро муъаррифӣ кунам, забонам мӯ мебарорад...Ман, дар зимн, он қадар

ғуруре дорам, ки шумову амсоли шумо дар назарам ба ҳадди як пешхидматанд... Бефаросатҳо!

– Уҳ бачча... Ин қадар ашрофзодаед... Хуб, ҳоло мефаҳмем, ки шумо ҳунарпешаи кучҷоед.

Додари шаҳ фукашро чухт карду пеши шаҳ рафт, ки дар ин лаҳза бо арус менишасту миҷҷа мекӯфт ва лунҷҳояш аз сурхӣ лаблабуи пӯсткардагиро мемонд...

– Никишо! – руҷуъ кард ба шаҳ додари шаҳ, бо сар ба марди гандумгун ишора намуда. – Ин артист чӣ ном дорад?

Шаҳ бо аломати радд сар ҷунбонид.

– Намедонам, – гуфт ӯ. – Аз шиносҳои ман нест. Шояд падарам даъваташ кардааст. Як бор аз падарам пурс.

– Падарат дар ҳуҷра масту беҳуш... хуррокаш ба шифт дакка мезанад, мисли як дарандаи хашмгин. Шумо чӣ, ӯро мешиносед? – ба арус рӯ овард додари шаҳ.

Арус низ гуфт, ки намешиносадаш. Додари шаҳ китф дарҳам кашиду шуруъ кард ба пурсидани меҳмонон. Мегуфтанд, ки онҳо ҳам дар умри хеш бори аввал ин марди сабзинаро мебинанд.

– Бе ҳич шак ӯ шайёдест, – натиҷа гирифт додари шаҳ. – Бе даъват ин ҷо қадам ранҷа кардаасту айш дорад, гӯиё назди ошноҳо. Бисёр хуб! Мо ба ӯ «ҳозирча».-ро нишон медиҳем!

Додари шаҳ назди марди сабзина омад ва даст бар камар ниҳод.

– Шумо корти вуруд доред? – пурсид ӯ. – Лутфан, як нишон диҳед.

– Ман он қадар ғурур дорам, ки даъватномаамро ба ҳар кас нишон намедиҳам. Дур шавед аз наздам... Чиро ба ман дар уфтодӣ?

– Маълум мешавад, ки шумо корти даъват надоред? Ва агар ташрифатон бидуни даъват аст, пас ҳуққабоз ҳастед. Ҳоло рӯшан шуд, ки чӣ гуна даъват шуда будаед ва ному унвонатон ҳам чӣ будааст. Ҳозирча фаҳмидем...ё худ, акнун донистем, ки шуморо кадом бод ба ин ҷо паронида... Шумо як найрангбоз – вассалом.

– Ин носазоҳоро агар ягон фарди огоҳу оқил мегуфт, ман шояд сару мангалашро ҳамвор мекардам, аммо ҷавоби аҳмақон сукут.

Додари шаҳ як-як сар ба утоқҳои хона заду шаш нафар аз ёронашро гирд овард ва назди марди гандумгун бозгашт.

– Ҷалолатмаъоб, иҷозат фармоед, даъватномаатонро бибинем! – гуфт ӯ.

– Намехоҳам. Дур шавед аз наздам, вагарна...

– Нишон додан намехоҳед? Пас, ташрифатон бидуни даъват аст ё не? Бо кадом ҳаққу ҳуқуқ? Яъне шумо як ҳуққабозед? Марҳамат, акнун аз ин ҷо берун шавед! Марр-ҳамат! Хуш омадед! Мо шуморо аз ҳамин пиллаҳо...

Додари шаҳу ёронаш аз зери бағали марди сабзина гирифтанду тарафи баромадгоҳ бурданд. Меҳмонон тамошо мекарданд. Додари шаҳ бо садои баланд аз беназокатию аз иззати нафси худ сухан гуфт.

– Лутфан, боз ташриф оред! Қадамҳотон нури чашм, марди зебо! – мегуфт додари шаҳ пирӯзмандона, ҳангоме ки ӯро ба дари хуруҷӣ мебурд. – Мо, инзайлӣ хушқиёфаҳоеро мисли шумо, хуб мешиносем!

Дар дами остона палтои марди сабзинаро ба тану кулоҳашро ба сар пӯшонданду ба пушт телааш доданд. Додари шаҳ аз ваҷду нишот қаҳқаҳа зад ва чанд бор дасти музайян ба ангуштарашро паси гардани вай зад... Марди гандумгун калавиду ба пушт уфтод ва аз пиллаҳо пойин ғелид.

– Худо ҳофиз! Салом бирасонед! – пирӯзмандона нидо кард додари шаҳ.

Сабзина бархост, гарду хоки палтояшро афшонд ва сар боло карду гуфт:

– Аҳмақ аз аҳмақии хеш намондааст. Ман марди виқору ғурурам ва пеши шумо сар хам нахоҳам кард, аммо бигзор аробакаши ман тавзеҳ диҳад, ки ман кӣ ҳастаму аз куҷоям. Бифармоед пойин! Григурий! – бонг зад тарафи кӯча.

Меҳмонон ҳама пойин омаданд. Дақиқае пас аробакаш ҳам аз саҳни ҳавлӣ ба даҳлез даромад.

– Григурий! – рӯ овард ба ӯ марди сабзина. – Ман кистам?

– Шумо арбоб – Семюн Понтилеич...

– Унвонам чӣ аст ва чӣ гуна ба ин унвон расидам?

– Унвонатон шаҳрванди ифтихорӣ, ҷиҳати таҳсилоту илматон...

– Ҷойи корам куҷост? Шуғлам чӣ ҳаст?

– Шумо дар коргоҳи Подшикини бозаргон, дар бахши техникӣ машғулед ва музди моҳиёнаатон ҳам се ҳазор рубл...

– Ҳоло фаҳмидед? Ин ҳам даъватномаам! Маро падари домод, Синирулуфи бозаргон, ки акнун масту махмур аст, ба ин ҷашн даъват кардааст...

– Ҷуни ман! Азизаки дилам! – бо изтироб нидо кард додари шаҳ. – Охир чиро пештар инро намегӯӣ?

– Ман як одами мағрурам... Иззати нафсамро пос медорам... Худо ҳофиз!

– На, на, сабр кун! Як дам боз ист... Гуноҳ аст ин, бародар! Баргард аз раъят, Семюн Понтилеич! Нав фаҳмидем, ки ту кӣ будастӣ... Меравем, барои саломатии илму маълумотат... ба ифтихори бинишу донишат як пайки дигар мезанем...

Марди мағрур абрӯ чин карду боло рафт. Пас аз ду дақиқа ӯ дар буфет истода буд ва коняк менӯшид.

– Бидуни ғурур дар ин дунё намешавад зист, – тавзеҳ дод ӯ. – Ман, шахсан, дар муқобили касе сар хам намекунам! Пеши ҳич кас! Медонам шаъну эътибори хешро. Бо ин вуҷуд, шумо, деҳотиманишҳои лода, ин нуктаро сарфаҳм намеравед!

***1884***

## АФСОНА

Пашшае пар мезаду ба ҳама ҳуҷраҳо сар мезад ва бо овози баланд маниш мекард, ки бо рӯзномаҳо ҳамкор аст ӯ.

– Ин манам адибабону! Бонуи матбуотам! – ғангу ғинг мекард. – Дур шавед аз роҳам, сифлаҳои ноҷинс!

Дигарон – кӯрпашшаҳо, тараканҳо, шабзотҳову кайкҳо, инро мешуниданду пашшаро ба ваҷҳи хосс муҳтарам медоштанд ва ҳатто бисёриҳо ӯро ба гирди дастархони худ ба зиёфати чошт даъват мекарданду пулаш ҳам медоданд ҳамчун қарз; аммо тортанак, ки аз ин гуна фошгӯйиҳо метарсид, дар гӯшае пинҳон шуда ва тасмим гирифта буд, ки ба чашми ин пашша нанамояд...

– Шумо, Мухо Ивонувно, бо кадом нашрияҳо ҳамкорӣ доред? – суол кард ӯро он кӯрпашшае, ки ҷасуртар буд.

– Тақрибан ба ҳамааш! Ҳатто ман шуморе аз рӯзномҳоро маҳз бо ҳузури бевоситаи хештан обуранги нав ва лаҳни тоза мебахшам, самти эҷодишонро муқаррар мекунам!.. Агар ман набудамӣ, аксари ин рӯзномаҳо мабдаъу маншаи хештан аз даст дода будандӣ!

– Муха Ивонувно, дар рӯзномаҳо чӣ чизҳое менависед?

– Он ҷо мутасаддии бахши вижае ҳастам...

– Кудом аст он?

– Ина, ҳамин ки мебинед!

Ва пашшахонуми рӯзноманигор ба нуқоти бешумори сафҳаи рӯзномае ишора кард, ки бо шиштани магасҳо фосид шуда буд.

## МУНДАРИҶА


1) МАРДИ ТАНҲОРО ҲАМА ҶО БОДИЯ АСТ.............. 2
2) ГАРАВ I........................................................................ 6
3) ГАРАВ II........................................................................ 10
4) ГАДОЙ........................................................................ 14
5) ДАР САРТАРОШХОНА.................................................. 20
6) ЗЕБОӢ I........................................................................ 24
7) ЗЕБОӢ II........................................................................ 29
8) ХУШИҚБОЛ................................................................ 32
9) ГУРЕЗА........................................................................ 37
10) АННАБАГАРДАН I........................................................ 44
11) АННАБАГАРДАН II...................................................... 51
12) ПЕЧЕНЕГ........................................................................ 58
13) ВАНКА........................................................................ 68
14) ҲАСРАТ........................................................................ 72
15) САЙЁД........................................................................ 78
16) АЗ ЗЕРИ ПИЛЛА БА АВҶИ ҚУЛЛА!............................ 83
17) ҒАВҒО........................................................................ 85
18) БЕПАНОҲ........................................................................ 92
19) ЗАНҲО (ВА МАНСАБҲО)................................................ 94
20) БУРДИ БУЗУРГ................................................................ 98
21) ЗАНИ ЯК ДОРУФУРӮШ.................................................. 103
22) МАРГИ ЯК КОРМАНД.................................................... 109
23) ШАБИ ВАҲШАТНОК...................................................... 112
24) БО ҒУРУР БОШЕД, НА ЛОДА!...................................... 119
25) АФСОНА........................................................................ 124